آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдиганд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

26 сентябри соли 2020. Шанбе

№ 68-69 (14668)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

МУЛОҚОТИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА НАХУСТИН ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

25 сентябр мулоқоти кории Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон – Елбаси Нурсултон Назарбоев баргузор шуд.

Бо пешниҳоди ҷониби Қазоқистон вохӯрӣ дар шаҳри сарҳадии Сариёғочи вилояти Туркистон ба амал омад.

Сарони ду мамлакат вазъи имрӯза ва истиқболи муносибати шарикии стратегии Ӯзбекистону Қазоқистонро муҳокима карда, оид ба масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналхалқӣ мубодилаи афкор намуданд.

Ба идома додани ҳамоҳангсозии наздик ва ҳамкории босамар дар дарачаи ҳукуматҳо бо мақсади зудтар бартараф намудани оқибатҳои сартосари ҷаҳон паҳн гардидани сирояти коронавирус эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Аҳамияти минбаъд фароҳам овардани шароити муносиб барои вусъат додани ҳаҷми тиҷорати тарафайн ва ноил гардидан ба андозаҳои қарордодшудаи табодули амвол, ҳамдастӣ дар татбиқи амалии лоиҳаҳои бартариноки ҳамкорӣ дар саноат, энергетика, хоҷагии қишлоқ ва нақлиёт дар доираи «Харитаи роҳ»-и қабулнамудаи муштарак, дастгирии робитаҳои байниминтақавӣ ва табодули гуманитарӣ таъкид гардид.

Инчунин масъалаҳои пеш бурдани шарикии минтақавӣ, аз он ҷумла дар доираи қарордодҳо аз рӯи натиҷаи Мулоқоти дуюми машвараттии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки моҳи ноябри соли гузашта дар Тошканд ба вуқӯъ пайваст, мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтанд.

Ғайр аз ин самтҳои асосии ҳамкории муфиди тарафайн дар доираи ИДМ баррасӣ гардиданд.

Зимни суҳбат Шавкат Мирзиёев ва Нурсултон Назарбоев азми қатъии худро барои мустаҳкам намудани риштаҳои некҳамсоягӣ ва алоқаҳои ҳамаҷонибаи байни халқҳои бародари Ӯзбекистон ва Қазоқистон бори дигар собит намуданд.

Мулоқот дар муҳити анъанавии кушод ва дӯстона ба амал омад.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ИҶЛОСИЯИ 75-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

Президент Шавкат Мирзиёев 23 сентябр дар кори иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ, ки дар шакли видеоконфронс ҷараён дошт, ширкат варзид.

Сарвари давлати мо дар таъриҳи Ассамблеяи Генералии СММ бори аввал ба забони ўзбекӣ суханронӣ намуда, ба эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ нуқтаи назари худро оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин самтҳои афзалиятҳои навсозии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Ўзбекистон тақдим намуд.

***

Раиси мӯҳтарам ҷаноби Вўлкан Бозкир!

Муҳтарам Котиби генералӣ, ҷаноби Антониу Гутерриш!

Мӯҳтарам роҳбарони давлатҳо!

Хонумон ва ҷанобон!

Иҷлосияи ҳафтоду панҷуми Ассамблеяи Генералӣ бори аввал дар таъриҳи Созмони Милали Муттаҳид бо сабаби пандемияи коронавирус дар шакли комилан нав — онлайн баргузор мешавад.

Дар тўли сад соли охир ягон офати сайёра ба ин дарача рух надода буд. Он осебпазирии тамоми инсониятро дар назди чунин таҳдидҳои ҷаҳонӣ нишон дод. Вазъияти ҳозираи дуввор ва пуршиддат робитаи мутақобилаи ҳамаи давлатҳо ва халқҳои ҷаҳон, аҳамияти махсуси муколамаи доимӣ, эътимод ва ҳамкории зичро собит кард.

Ҳамаи мо зарурати муттаҳид сохтани кўшишҳои ҳукуматҳо, парлумонҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими принсипҳои масъулияти муштарак, ҳамоҳангии зич дар рушди шарикии байналмилалӣ, баланд бардоштани мақом ва потенсиали Созмони умумичаҳонии тандурустӣ ва васеъ намудани ваколатҳои онро амиқан дарк кардем.

Ҳадафи мо якҷоя ташаккул додани низоми одилонаи ҷаҳонӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва озодиҳо, саломатӣ ва некўаҳволии ҳар як инсонро таъмин менамояд.

Дар ин робита, мо ташаббус нишон медиҳем, ки таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид **Кодекси байналмилалии ўҳдадориҳои ихтиёрии давлатҳо дар давраи пандемия** таҳия карда шавад. Ин санад бояд ўҳдадориҳои ҳар як давлатро дар назди шаҳрвандон ва шарикони байналмилалии худ инъикос намояд.

Хонумон ва ҷанобон!

Аз рўзҳои аввали ошкор шудани COVID-19 дар Ўзбекистон, мо тамоми қувва ва захираҳои худро барои муқовимат бо паҳншавии ин бемории хатарнок ва аз ҳама муҳимаш, наҷот додани ҳаёти одамон равона кардем.

Бо мақсади нарм гардондани оқибатҳои манфии пандемия дар кишвар системаи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳифзи саломатӣ ба таври ҷиддӣ мустаҳкам карда шуда, ба аҳолӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳибкорӣ кўмаки мақсаднок расонида мешавад. Барои ин фондҳои махсус таъсис дода шудаанд.

Бо истифода аз фурсат, ман мехоҳам ба ҳамаи дўстон ва шариконамон, ки дар рўзҳои озмоиш ба мо кўмаки беғаразона расонданд, миннатдории самимии худро изҳор намоям.

Мо тамоми кўшишҳои ҷомеаи ҷаҳонро, ки ба самаранок мубориза бурдан бо пандемия, аз ҷумла коркард ва истифодаи васеи дорухо ва ваксинаҳои зарурӣ нигаронида шудаанд, комилан дастгирӣ мекунем.

Мо инчунин пешниҳоди Котиби генералӣ ҷаноби Антониу Гутеррешро дар бораи баргузории саммит оид ба масъалаҳои мубрами амнияти озуқаворӣ дар шароити бўҳрони давомдор дастгирӣ мекунем.

Мўҳтарам иштирокчиёни иҷлосияи Ассамблеяи Генералӣ!

Се сол пеш, ман аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид, азми қатъии Ўзбекистонро барои гузаронидани ислоҳоти куллӣ эълом доштам.

Дар натиҷаи тадбирҳои васеъмиқёси навсозии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ Ўзбекистони нав ташаккул меёбад. Имрўз, дигаргуниҳои демократӣ дар мамлакати мо хусусияти бебозгашт пайдо намуданд.

Интихоботи парлумонии соли гузашта баргузоршуда афзоиши фаъолияти сиёсии аҳолӣ ва ҳизбҳо, нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъсири васоити ахбори оммаро нишон дод.

Сиёсати гендерӣ барои мо масъалаи афзалиятнок шудааст. Нақши занон дар идоракунии давлат меафзояд. Шумораи занҳои депутат дар парлумони нав ду баробар афзуд.

Вазъи кор дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба куллӣ тағйир ёфт. Меҳнати мачбурӣ ва кўдакон решакан карда шуд. Стратегияи миллии ҳуқуқи инсон қабул карда шуд.

Тибқи даъвати Созмони Милали Муттаҳид оид ба коҳиш додани шумораи шахсони бешаҳрвандӣ, танҳо соли равон ба 50 ҳазор ҳамватанони мо шаҳрвандии Ўзбекистон дода шуданд.

Вазъи таъмини озодии вичдон ва эътиқод дар кишвар ба куллӣ беҳтар шуд. Вазифаи муҳимтарини мо таҳкими минбаъдаи ҳамоҳангии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии байни мазҳабҳо мебошад.

Пайваста ислоҳоти васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд, ки ба таъмини мустақилии ҳақиқии мақомоти суд ва волоияти қонун нигаронда шудааст.

Муборизаи оштинопазир бар зидди коррупсия ба сатҳи нав бардошта шуд. Дар ин самт як қатор ҳуччатҳои муҳим қабул карда шуданд, сохтори мустақил – Агентии мубориза бо коррупсия таъсис дода шуд.

Дар мамлакати мо ислоҳоти иқтисодӣ босуръат идома дорад. Мо бори аввал дар бораи қарори қатъиямон оиди коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ошкоро изҳор кардем. Мо ба ин тавассути рушди соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои кории иловагӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва муҳити соҳибкорӣ, бунёди инфрасохтори замонавӣ, омўхтани касбу ҳунарҳои нав ва расонидани кўмаки манзилноки иҷтимоӣ ноил мешавем.

Дар мамлакати мо, ки зиёда аз нисфи аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд, барои ба даст овардани он, ки ҳар як ҷавон дар ҷомеа ҷойгоҳи сазовор ишғол намояд ва имкониятҳои худро дарк намояд, корҳои зиёде ба анҷом расонида мешаванд. Дар Ўзбекистон парламентҳои ҷавонон ва Агентии кор бо ҷавонон фаъолият нишон медиҳанд.

Моҳи август таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид Форуми байналмилалии ҳуқуқи ҷавонон дар Самарқанд бомуваффақият баргузор гардид.

Бо истифода аз ин фурсат, ман бори дигар шуморо даъват мекунам, ки ташаббуси Ўзбекистонро дар бораи қабули **Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи ҷавонон** дастгирӣ кунед.

Ғайр аз он, бо назардошти афзоиши нақши парлумонҳо дар ҳалли мушкилоти замонавии иҷтимоӣ, мо пешниҳод менамоем, ки **қатъномаи махсуси Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба баланд бардоштани нақши парлумонҳо дар расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва таъмини ҳуқуқҳои инсон** қабул карда шавад.

Дўстони азиз!

Айни замон дар минтақаи Осиёи Марказӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд. Дар муносибатҳои байни давлатҳо мо тавонистем фазои ҳамсоягии нек ва эътимоди тарафайн, дўстӣ ва эҳтиромро фароҳам орем.

Муваффақияти умумии мо мулоқотҳои машваратии мунтазами сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки ташаббуси баргузории он бори аввал дар иҷлосияи 72-юми Ассамблеяи Генералии СММ ба миён омадааст.

Дар тўли чор соли охир ҳаҷми савдои байниҳамдигарӣ байни Ўзбекистон ва давлатҳои ҳамсоя тақрибан панҷ маротиба афзуд.

Дар ин замони барои ҳама душвор давлатҳои мо аз якдигар дур нашуда, балки ҳамдигарро дастгирӣ карданд.

Имрўзҳо дар назди кишварҳои Осиёи Марказӣ вазифаи муҳими стратегӣ – таъмини ҳамгироии амиқи минтақаи мо ба долонҳои ҷаҳонии иқтисодӣ, нақлиётӣ ва транзитӣ қарор дорад.

Ба ин муносибат мо пешниҳод менамоем, ки таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид **Маркази минтақавии рушди алоқаи нақлиётию коммуникатсионӣ** таъсис дода шавад.

Дар ҳоли ҳозир дар Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои судманд дар соҳаи таъмини амният таҳвият меёбанд. Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ бомуваффақият татбиқ карда мешавад.

Мо пешниҳод менамоем, ки **бахшида ба натиҷаҳои бадастомада ва дурнамои ҳамкориҳо дар доираи Нақшаи муштараки минтақавӣ** оид ба татбиқи Стратегияи мазкур, ки 10 сол қабл қабул шудааст, **Конфронси байналмилалӣ** баргузор карда шавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ҶОРӢ КАРДАНИ ID-КОРТҲОИ ИДЕНТИФИКАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Бо мақсади суръат бахшидан ба рушди системаи иттилоотӣ дар кишвар, истифодаи васеи технологияҳои замонавии иттилоотию коммуникатсионӣ дар хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ, ҷорӣ намудани механизми ягонаи идентификатсиякунии шахс дар системаҳои гуногуни иттилоотӣ ва расонидани хадамоти фосилавӣ, инчунин таъмини самаранокии вазифаҳое, ки дар Барномаи давлатии татбиқи Стратегия амалиёт оид ба панҷ самти афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар «Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ» муайян шудаанд:

1. Ба эътибор гирифта шавад, ки мутобиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 26 декабри соли 2018 № ҚП-4079 «Дар бораи чораҳои минбаъда оид ба ташкил кардани низоми расмигардонӣ ва додани шиносномаи биометрии шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон барои сафар ба хориҷа ва таҷдиди низоми шиносномаи биометрии Ҷумҳурии Ўзбекистон» аз соли 2021 сар карда, дар пойгоҳи инфрасохтори мавҷудаи системаи шиносномаи биометрии ҷумҳурӣ, ба ҷои шиносномаи намунаи соли 2011 биометрии шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон ҷорӣ намудани низоми расмигардонӣ ва додани ID-кортҳои идентификатсионӣ пешбинӣ шудааст.

2. Нуқтаи назари ҷомеаи васеъ ва таҷрибаи пешқадами хориҷиро ба эътибор гирифта, пешниҳодҳои зерини Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Маркази миллии ҳуқуқи инсон маъқул дониста шаванд:

фароҳам овардани имкониятҳои муроҷиат барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон бинобар салоҳдиди худ ба ҳама гуна воҳидҳои муҳоҷират ва расмигардонии шаҳрвандии мақомоти корҳои дохилӣ барои гирифтан ва иваз кардани ID-кортҳои идентификатсионӣ, ивазкунии онҳо — инчунин ба марказҳои хидматҳои давлатӣ;

ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Ўзбекистон доимӣ зиндагӣ мекунанд, фароҳам овардани муроҷиат намудан бо шўъбаҳои муҳоҷират ва расмигардонии шаҳрвандии мақомоти корҳои дохилӣ дар маҳалли бақайдгирии доимӣ барои гирифтани ID-кортҳои идентификатсионӣ, ивазкунии онҳо — дар ҳама гуна шуъбаҳои муҳоҷират ва расмигардонии шаҳрвандии мақомоти корҳои дохилӣ бо салоҳдиди худ;

(Давомаш дар саҳ.2).

ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ БА ИШТИРОКДОРИ МУҲИМИ СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ ТАБДИЛ ЁФТ

— назари коршиносони байналмилалӣ

Ташаббусҳое, ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба миён гузошт, аз ҷониби ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳои баланд мегиранд.

Аз ҷумла, **Вазири туризм, санъат ва фарҳанги Малайзия Нэнси Ҳоҷӣ Шукрӣ** дар бораи аҳамияти ин ташаббусҳо инҳоро қайд кард:

— Иҷозат диҳед ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев барои ташаббусҳое, ки дар иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ 23 сентябр ба миён гузошта шуданд, миннатдорӣ изҳор намоям.

Мехостам аҳамият ва рўзмаррагии пешниҳоди Ўзбекистонро оиди дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО дар Хива дар соли 2021 баргузор намудани форуми байналмилалии «Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи тамаддуни ҷаҳонӣ» алоҳида таъкид намоям.

Боварӣ дорам, ки оммавӣ гардондани мероси ғании фарҳангӣ, таъриҳӣ ва тамаддуни Ўзбекистон ва Осиёи Марказӣ таваҷҷӯҳи ҷомеаи байналмилалии илмиро ба омўзиши нерўи илмӣ ва зеҳнии халқҳои минтақа пурзўр мегардонад, инчунин имкони бори дигар таъкид намудани саҳми бузурги давлатҳои минтақаро ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ фароҳам меорад.

Иқдоме, ки Ўзбекистон пеш гузошт, албатта, ҳамчун механизми иловагии таблиғи бренди сайёҳии кишвар хидмат хоҳад кард.

Заки Фитаккумпол, узви Сенати Ассамблеяи миллии Таиланд:

— Барои гуфтани он ки ба туфайли сиёсати фаъоли Президент Шавкат Мирзиёев муносибати давлатҳои ҷаҳонӣ ба Ўзбекистон ба таври назаррас тағир ёфта, мутадил гардид, асосҳои кофӣ мавҷуданд. Итминон дорам, ки андешаҳои дорои аҳамияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалии Президенти Ўзбекистон ба ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ мусоидат хоҳанд кард.

Таклифҳое, ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар сессияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба миён гузошт, чунин аҳамият доранд. Шавкат Мирзиёев бо равиши ба худ хос дар рушди минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба сиёсатмадори муҳими мақёси ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Албатта, дар ман ҳамчун сенатор ғояи қабули қатъномаи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ оид ба ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ва баланд бардоштани нақши парлумонҳо дар таъмини ҳуқуқи инсон таваҷҷӯҳи хосса пайдо кард. Ин як қадами хеле хуб андешидашуда буда, бешубҳа аз ҷониби намояндагони парлумони ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар Таиланд дастгирӣ карда мешавад.

Дар ин маврид мехостам таъкид кунам, ки парлумони Таиланд ҳамеша чунин ташаббусҳоро истиқбол мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ БА ИШТИРОКДОРИ МУҲИМИ СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ ТАБДИЛ ЁФТ

(Аввалаш дар сах.1).

Ба фикри **профессори Институти тиҷорати муттаҳидаи Брюссел Ялчин Саханкая,**

дар суханронии Президенти Ўзбекистон дар иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналмилалӣ эътибори алоҳида дода, барои ҳалли онҳо як қатор пешниҳодҳо оварда шудаанд.

— Вақте ки бо нутқи Президенти Ўзбекистон шинос шудам, ман мутмаин шудам, ки дар он ҳалли глобалии мушкилоти имрӯзаи башарият пешниҳод шудааанд, — гуфт ӯ. — Дар нутқ ба масъалаҳои муҳимтарини минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, якҷоя таъсис додани системаи одилонаи ҷаҳонӣ, ки ҳуқуқ, озодӣ, саломатӣ ва некӯаҳволии инсонро таъмин мекунад, пешниҳод шудааст.

Имрӯз, дар Ўзбекистон барои мубориза бо COVID-19 чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар натиҷа, дар мамлакат ҳолатҳои фавт аз коронавирус дар сатҳи поён нигоҳ дошта мешавад. Ман инчунин ин натиҷаро, яъне, тақрибан ба 50 ҳазор нафар додани шаҳрвандии Ўзбекистонро ба дастовардҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон, сиёсати гендерӣ ва барҳам додани меҳнати иҷборӣ ва меҳнати маҷбурии кӯдакон дохил менамудам.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор рушди соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, эътибор додан ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таъмини ҳуқуқи инсон на танҳо барои Ўзбекистон, балки барои кишварҳои минтақа низ муфид аст.

Таваҷҷӯҳ ба масоили минтақавӣ, ба мисли Афғонистон ва ҳудуди баҳри Арал, барои дарки дақиқи таъсири глобалии онҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли муассир кӯмак мекунад.

Президент Шавкат Мирзиёев инчунин пешниҳод кард, ки коҳиши камбизоатӣ бояд мавзӯи асосии яке аз ҷаласаҳои навбатии Ассамблеяи Генералии СММ бошад. Ин ҷанба аз нуқтаи назари имрӯза актуалӣ аст ва ман ин ғояро комилан дастгирӣ мекунам.

АИ «Дунё».

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ИҶЛОСИЯИ 75-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

(Аввалаш дар сах.1).

Тавре ки шумо медонед, мероси чандинасраи фарҳангӣ ва маънавии минтақаи мо аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Мо омодаем, ки дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО соли 2021 **Форуми байналмилалии «Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ»** -ро дар шаҳри бостонии Хива баргузор намоем.

Мӯҳтарам иштирокчиёни иҷлосия!

Мо Афғонистонро ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири Осиёи Марказӣ мешуморем. Конфронси сатҳи олии Тошканд оид ба Афғонистон, ки моҳи марти соли 2018 баргузор гардид, марҳилаи нав дар сафарбар намудани саъйи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли мушкилоти Афғонистон буд.

Мо музокироти сулҳи байни нерӯҳои сиёсии Афғонистонро, ки моҳи сентябри соли равон дар Доҳа оғоз ёфт, комилан дастгирӣ мекунем. Мо изҳори умедворӣ мекунем, ки ин музокирот ба барқарории сулху субот дар хоки бисёрҷафодидаи афғон мусоидат хоҳад кард.

Бо мақсади иштироки фаъолонаи Афғонистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, мо ба татбиқи чунин лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, ба мисли сохтмони хати интиқоли барқи Сурхон-Пули-Хумрӣ ва роҳи оҳан аз Мазори Шариф то бандарҳои Укёнуси Ҳинд шурӯъ кардем.

Ба андешаи мо, масъалаҳои истиқрори сулҳ ва субот дар Афғонистон бояд дар маркази таваҷҷӯҳи Созмони Милали Муттаҳид боқӣ монад.

Танҳо бо талошҳои муштарак ва ҳамкории зич метавон умеди мардуми афғонро амалӣ кард. Аз рӯи принсипи «Аз ноустуворӣ ва харобӣ – ба сулҳ ва бунёдкорӣ" амал кардан муҳим аст. Ба ин муносибат **дар назди Созмони Милали Муттаҳид таъсиси кумитаи доимӣ** мувофиқи мақсад аст, ки **андеша ва орзуҳои ин мардуми ҷафокашидаро бишнавад**. Вазифаи асосии ин кумита бояд саҳмгузорӣ дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Афғонистон бошад.

Мӯҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо!

Боз як мушкилоти шадиди замони мо тағирёбии глобалии иқлим аст. Имрӯзҳо ҳар як кишвар таъсири харобиовари ин равандро ҳис мекунад. Мутааассифона, ин тағйироти манфӣ барои рушди устувори Осиёи Марказӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад.

Мехостам бори дигар диққати шуморо ба оқибатҳои фалокатовари хушкшавии баҳри Арал ҷалб намоям. Минтақаи баҳри Арал ба маркази фалокати экологӣ табдил ёфтааст. Бо мақсади беҳтар кардани вазъи кунунӣ, мо корҳои азимеро барои ташаккули манзараи нав, ҷангалзорҳо ва қабати хок дар майдони 2 миллион гектар анҷом медиҳем.

Бо ташаббуси мо барои минтақаи баҳри Арал дар асоси шарикии бисёрҷониба Фонди трастии СММ оид ба бехатарии инсон таъсис дода шуд. Умедворем, ки ин Фонд минбари боэътимоди кӯмаки амалии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба аҳолии минтақае хоҳад буд, ки дар қаламрави дорои вазъияти душвори экологӣ зиндагӣ мекунанд.

Мо пешниҳод менамоем, ки қатъномаи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ дар бораи минтақаи навовариҳо ва технологияҳои экологӣ эълон кардани минтақаи баҳри Арал қабул карда шуда, рӯзи қабули ин санади муҳим ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифз ва барқарорсозии системаҳои экологӣ эълон карда шавад.

Хонумон ва ҷанобон!

Дар хотима мехоҳам таъкид намоям, ки пойдории ноустуворӣ дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон, афзоиши зиддиятҳо ва зӯроварӣ, офатҳои экологӣ ва дигар таҳдидҳои замони мо мушкилоти ҷаҳонии бенавоӣ ва қашшоқиро шадидтар мекунад.

Ин мушкилот дар давраи пандемия якбора афзоиш ёфтанд. Тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамаи мо бояд аз «садои камбизоатӣ», ки имрӯз ҳатто қавитар садо медиҳад, дар хавотир бошем.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки **мушкилоти решакан кардани камбизоатӣ ва мубориза бо бенавоиро ҳамчун яке аз мавзӯъҳои асосии иҷлосияи қарибулвуқӯи Ассамблеяи Генералии СММ муайян намуда, инчунин бахшида ба ин масъалаҳо Ҳамоиши глобалӣ баргузор карда шавад.**

Дӯстони азиз!

Барои ҳамаи мо аён аст, ки манзараи иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон пас аз пандемия комилан дигар хоҳад буд.

Мо бояд дар ҳамкории зич дар асоси муносибатҳои нав нисбати таҳдидҳои умумӣ ба амният ва рушди устувор кор кунем.

Нақши Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун сохтори марказии ҳамоҳангкунандаи байналмилалӣ бояд боз ҳам таҳвият дода шавад.

Ўзбекистон ҳамеша ба ҳамкории васеъ ва мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ва муколамаи амалӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он омода аст.

Ташаккур барои эътибор.

Муносибат

МУШКИЛОТ БО МУНОҚИШАҲО НЕ, БО РОҲИ ЭЪТИМОД ВА ҲАМКОРИИ НАЗДИК ҲАЛ КАРДА МЕШАВАНД

Чанд рӯз пеш ҳамаи мо нутқи Президентро дар Ассамблеяи Генералии СММ бо ҳаяҷони зиёд гӯш кардем. Мо инчунин таассурот ва андешаҳои аввалини аъзои парлумон, олимон ва коршиносонро тавассути шабакаҳои телевизионӣ шунидем. Ба фикрам, ҳар яки мо бояд нисбати ин баромад, дар бораи ғояҳои васеи дар он пешниҳодшуда ва ташаббусҳои наве, ки ба ҳамҷиҳатона ҳал намудани мушкилоти байналмилалӣ нигаронида шудаанд, хулоса ва муносибати худро дошта бошем.

Матни суханрониро бори дигар хонда, рӯйдодҳои олам, сардшавии муносибатҳои байни кишварҳои гуногун, ҳолатҳои дар вазъиятҳои низоъӣ ба якдигар гузашт накардани ҷонибҳо аз пеши чашмонам гузаштанд. «Вазъияти ҳозираи пуртаҳлукаву мураккаб исбот кард, ки ҳамаи кишварҳо ва халқҳои ҷаҳон бо ҳам алоқам�ва муколамаи мунтазам, эътимод ва ҳамкории зичи байнамон хеле муҳиманд». Дар замири ин андеша, ки дар нутқ оварда шудааст, албатта, маъноӣ амиқ, даъвати махсус ниҳон аст.

Президентамон дар фаъолияти худ ба мустаҳкам намудани мулоқоти доимӣ, эътимод ва ҳамкории зич қатъӣ амал мекунад. Дар натиҷа, муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя дар солҳои охир ба дарачаи мислаш диданашуда густариш ёфта, дар Осиёи Марказӣ муҳити нав ба вуҷуд меояд. Ин ҳудуд дар байни калонтарин иқтисодиёти ҷаҳон ҷойгир шудааст. Дар ҳудуди мазкур устувор нигоҳ доштани муҳити мулоқоти доимӣ, эътимод ва ҳамкории зич хеле муҳим аст. Нақш ва фаъолияти Президенти мо дар ин раванд аҳамияти махсус дорад. Фикрҳои сиёсатмадорони бонуфуз дар ин бора беҳуда нест.

Дар муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ субот вуҷуд надошта бошад, мушкилоти иҷтимоӣ зиёд шудан мегиранд, дар натиҷаи таъхир ёфтани ҳалли баъзе масъалаҳо онҳо афзоиш меёбанд. Барои пешгирии ин ҳамкории баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманди давлатҳо ва ҳукуматҳо бояд таҳким ёбанд. Дар ин робита, муттаҳид сохтани кӯшишҳои тарафайни ҳукуматҳо, парлумонҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими принсипҳои масъулияти муштарак, ба таври мувофиқ ривоҷ додани шарикии байналмилалӣ аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин суханронӣ ғояи якҷоя бунёд намудани низоми одилонаи ҷаҳонӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ, саломатӣ ва некӯаҳволии ҳар як инсонро таъмин мекунад, инчунин ташаббуси ба ин мувофиқ ба миён ғузошта шуд. Ин пешниҳоди таҳияи Кодекси байналмилалии ўҳдадориҳои ихтиёрии давлатҳо дар давраи пандемия таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид мебошад.

Дар давоми пандемия, ки барои тамоми инсоният як озмоиш гардид, маълум шуд, ки ҳамкории байни давлатҳо дар асоси эътимод ва дастгирии тарафайн зарурати азим аст. Вазъияти ғайричашмдошти оқибати пандемия ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ зарбаи сахт зад, ки аз ин, пеш аз ҳама, гурӯҳҳои камбизоат ва камдаромад азият кашида, дар ҷомеа табақаҳои камбизоат афзоиш ёфта, ин на танҳо ба суботи микёси як давлат, балки суботи байналхалқӣ таҳдид мекунад.

Ба ин маъно коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ба вазифаи умумиҷаҳонӣ табдил меёбад. Бе муносибати фаъолонаи байни давлатҳо ва иқтисодиёт, мубориза аи пурсамар бурдан алайҳи камбизоатӣ дар дохили давлат душвор хоҳад буд. Чунки имрӯз иқтисодиёт ба ҳамдигар алоқаманданд, ки наметавонанд дар алоҳидагӣ аз ҳамдигар устувор инкишоф ёбанд.

Дар мамлакати мо бо назардошти хавфи афзудани камбизоатӣ ва бекорӣ аз сабаби пандемия пайваста корҳо ба анҷом расонда мешаванд. Оре, мушкилот кам нестанд, дар баъзе ҷойҳо камбудиҳо ба назар мерасанд. Аммо муҳимаш он аст, ки дар вазъияти душвор ба ниёзмандон дар навбати аввал кӯмаки зарурӣ расонда, онҳо дастгирӣ карда мешаванд ва таҷрибаи калони пурарзиш ғанӣ мегардад. Дар ин раванд тамоми сохторҳои марбутаи давлат ширкат доранд ва талошҳо барои ҳадафи ягона сафарбар карда мешаванд. Ҳоло дар пеш вазифаҳои зиёд дорем.

Боварӣ дорам, ки пешниҳоди Президент дар бораи мубориза алайҳи камбизоатӣ бояд яке аз мавзӯъҳои асосии Ассамблеяи Генералии навбатии СММ гардад, ки ба ҳамкориҳои байни кишварҳо ба сатҳи нав мебарояд ва роҳҳои ҳалли нави мушкилотро пайдо мекунад.

Шербек БӮРОНОВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

Дар ҶММ «Атлст инвест Фурқат»-и ноҳияи Фурқати вилояти Фарғона истеҳсол ва қадоккунии ғӯгирд ба роҳ монда шуд.

Дар ин ҷо зиёда аз чил нафар ҷавонон фаъолият нишон медиҳанд. Онҳо моҳе қариб 80 ҳазор куттӣ ғӯгирд истеҳсол мекунанд. Лоиҳаи нав имкон дод, ки маҳсулоти аз кишварҳои Русия ва Белорус воридшаванда дар шароити маҳаллӣ истеҳсол шавад. Ба корхонаи мазкур ба миқдори 1 миллион доллари ИМА сармоя ҷалб карда мешавад. Қисми асосии маҳсулот ба кишварҳои ҳамсоя содир мешаванд.

Дар сурат: *дар ҶММ «Атлст инвест Фурқат».*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

Ду хабари хуш

НАҚША ИҶРО ШУД

Мавсими ғунучини пахта дар ноҳияи Қаравулбозор 15 сентябр оғоз ёфта буд.

Хоҷагии фермерии «Шомурод Ҷаҳонгир замини» (сардораш Шералӣ Норов) дар ин маърака пешдастӣ намуда, 23 сентябр аз 19,6 гектар майдон ба давлат 52 тонна «тиллои сафед» супорида, нақшаи шартномавиашро иҷро кард.

Ба ин муносибат дар хоҷагии фермерӣ бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия ҷараёни ҳавасмандгардонии пешқадамон

ПАХТА – 2020

сурат гирифта, дастархони пурнозу неъмати ғолибон аз таоми миллии ош пурфайзтар гардид. Бояд таъкид намуд, ки заршиносони қаравулбозорӣ имсол дар 5905 гектар майдон пахтаи навъҳои «Бухоро-6», «Бухоро-10» корида, ҳосили фаровон фароҳам оварданд. Ҳоло 147 хоҷагии фермерии ба истеҳсоли пахта ихтисосонидашуда баҳри ҷамъоварии 13260 тонна ашёи хоми пурарзиш азму кӯшиш доранд. Бо ин мақсад 8850 нафар чинакчиён, ки дар 60 отряд муттаҳид шудаанд, меҳнат мекунанд.

КОМЁБИИ ПАХТАКОРОНИ «САЪДУЛЛО-95»

Хоҷагии фермерии «Саъдулло-95» на фақат дар ҳудуди Вардонзе, балки дар ноҳияи Шофиркон эътибори ба ҳуд хос дорад.

Ин хоҷагӣ дар оғӯши дашти Ҷилвон дар дамгоҳи тазйиқҳои табиӣ воқеъ гардида бошад ҳам, деҳқонони асил ба туфайли меҳнати суботкорона ва риояи қатъии маданияти зироатпарварӣ пайваста комёб мегарданд.

Соли ҷорӣ деҳқонони ҳимматбаланд нақшаи солонаи ба давлат супоридани ғалларо 120 фоиз иҷро карданд. Нисбат ба план 18 тонна зиёдтар гандум ба хирмани давлат иньом гардид. Дар шароити пандемия 1,5 тоннаи дигар баҳри дастгирии хазинаи «Саховат ва кӯмак» супорида шуд. Пахтакорони диловар 13 апрел дар 20 гектар майдон пахтаи навъи «Бухоро-6» корида чун одат ба парвариши ниҳолҳо пардохтанд. Оброн Дилшод Орифов, механизатор Намоз Орифов чун ҳамеша вазифаи ҳудро сарбаландона иҷро карданд. Коркарди байни қаторҳо, озуқадиҳию обёрикунии саривақтӣ боиси нашъунамои мӯътадили пахтазор гардид. Ниҳоят ҳосили дилхоҳ фароҳам омад. Пахтачинӣ 20 сентябр ибтидо гирифт. Байни 70 нафар чинакчиён беҳамто будани ҳудро Шаъбон Бердиева, Фирӯза Кенчаева, Дилрабо Холова, Азиза Султонова бори дигар исбот карданд. Ҳар яки онҳо рӯзе 250 килограммӣ дурдона мечинанд. Меҳнати сарбаландона 24 сентябр боиси комёбӣ гардид. 58 тонна пахтаи чӯл ба даст даромад.

– Ин ҳадди охирин нест, то охири мавсим ҳосилнокии майдонҳоро камаш ба 35 сентнерӣ мерасонем, – гуфт ба мо сарвари деҳқонон Фирӯз Чӯлиев.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ҶОРӢ КАРДАНИ ID-КОРТҲОИ ИДЕНТИФИКАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар сах.1).

ба чипи ID-кортҳои идентификатсионӣ ворид намудани маълумот дар бораи миллати соҳибони он бидуни нишон додани онҳо дар бланкаи ID-корт;

ба ҷавобгарии маъмурӣ накашидани шаҳрванд барои саривақт муроҷиат нанамудан бораи қабул ё иваз, корношоям кардани он ё гум кардани ID-корти худ;

расмигардонии ID-кортҳои идентификатсионӣ барои кӯдаки навзод бо салоҳдиди волидон, васиён (парасторон) пас аз бақайдгирӣ аз ҷониби мақомоти сабти аснод на пешниҳоди шаҳодатномаи таваллуд бидуни додани ҳатмии он.

3. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

расмигардонии ID-кортҳои идентификатсионӣ дар давоми як рӯзи корӣ пас аз қабули ҳуҷҷатҳои муайян амалӣ гардонда мешавад;

расмигардонии ID-кортҳои идентификатсионӣ аз ҷониби корманди масъул дар асоси дархостҳои шаҳрвандони солҳӯрдае, ки ба нигоҳубини дигарон ниёз доранд, инчунин шахсони маъюб дар давоми понздаҳ рӯз бо ташриф ба ҷойҳои истиқомати онҳо бидуни ситонидани ҳаққи хидмати иловагӣ анҷом дода мешавад.

4. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

Низом дар бораи ID-корти идентификатсионии шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замимаи № 1;

Низом дар бораи ID-корти идентификатсионии шаҳрванди давлати хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Ўзбекистон доимӣ истиқомат мекунанд, мутобиқи замимаи № 2.

5. Муқаррар карда шавад, ки табдилии шиносномаҳои биометрии шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон, шахсони бешаҳрвандӣ ва иҷозатномаи будубоши шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ барои ID-кортҳои идентификатсионӣ ба таври зайл анҷом дода мешавад:

дар марҳилаи аввал – аз 1 январи соли 2021 то 31 декабри соли 2022 ба таври ихтиёрӣ то расидан ба синни 16-солагӣ, инчунин бо дигар сабабҳои пешбининамудаи қонун;

дар марҳилаи дуюм – аз 1 январи соли 2023 то 31 декабри соли 2030 ба тартиби ҳатмӣ.

Шиносномаи намунаи соли 2011 биометрии шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 1 январи соли 2031 беэътибор дониста мешавад.

6. Муқаррар карда шавад, ки:

барои расмигардонии ID-корти идентификатсионӣ боҷи давлатӣ дар ҳаҷме, ки Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи боҷҳои давлатӣ» муқаррар намудааст, ситонида мешавад.

Низом дар бораи низоми шиносномавӣ дар Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 5 январи соли 2011 № ФП-4262 тасдиқ шудааст, инчунин шиносномаи дарамали биометрии шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон то 31 декабри соли 2030 эътибор дорад.

7. Вазорати корҳои дохилӣ якҷоя бо Маркази давлатии фардисозии назди Девони Вазирон, Вазорати адлия ва Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон то 31 декабри соли 2020:

дар Портали ягонаи хидматҳои давлатии интерактивӣ ҷорӣ намудани имконияти муроҷиат барои гирифтани ID-кортҳои идентификатсионӣ, навбатҳои электронӣ ва пардохтҳои онлайн;

гирифтани шаҳодатномаи таваллуд тавассути системаи иттилоотии «Бойгонии ягонаи электронии мақомоти сабти аснодҳои ҳолати шаҳрвандӣ» ҳангоми муроҷиат барои гирифтани ID-корти идентификатсионӣ таъмин намояд.

8. Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон:

а) ба муҳлати то 31 декабри соли 2020:

низоми «Ҳукумати электронӣ»-ро тавассути ҷорӣ намудани имкониятҳои зарурӣ барои татбиқи имконияти истифодаи ID-кортҳои идентификатсионӣ ҳангоми муроҷиати шаҳрвандон барои гирифтани хидматҳои давлатӣ ва ташкили ҳамкории байниидоравии электронӣ бо истифодаи васеъи платформаҳои барномавӣ таҷдид намояд;

якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор омӯзиш ва ҷорӣ кардани шароитҳои техникӣ ва технологӣ, ки барои таъмини истифодаи шаҳрвандон аз ID кортҳои худ ҳангоми муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо заруранд, ташкил намояд;

б) ба муҳлати то 31 декабри соли 2022 якҷоя бо Вазорати корҳои дохилӣ, Маркази давлатии шахсисозии назди Девони Вазирон ва Вазорати адлия таҷрибаи байналмилалии истифодаи ID-кортҳои идентификатсиониро омӯзанд, дар асоси он таҳия ва такмили шаклҳои иловагии электронии муносибатҳои давлат ва аҳолиро дар системаи «Ҳукумати электронӣ» ташкил кунанд.

9. Вазорати корҳои дохилӣ якҷоя бо Маркази давлатии фардисозии назди Девони Вазирон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор ба Девони Вазирон:

дар давоми як моҳ лоиҳаҳои Консепсия, ки тадбирҳои татбиқи ID-кортҳои идентификатсиониро дар Ҷумҳурии Ўзбекистон ва «Харитаи роҳ»-и татбиқи онро пешбинӣ мекунанд;

дар давоми ду моҳи пешниҳод дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз ин Фармон бармеоянд, тақдим намоянд.

13. Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон якҷоя бо Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия дар воситаҳои ахбори оммавӣ ва дар байни аҳолӣ васеъ равшан намудани татбиқи чорабиниҳоро, ки бо Фармони мазкур муаяйн шудаанд, таъмин намоянд.

14. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва Котиби Шӯрои амнияти назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон В.В. Маҳмудов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон
Ш.МИРЗИЁЕВ

ТОШКАНД,
22 сентябри соли 2020.

ШАҲРИ ҚУВАСОЙ: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДО

Шаҳри Қувасой дар вилояти Фарғона аз бузургтарин шаҳри саноатӣ маҳсуб меёбад. Мардуми он дар баробари истеҳсоли маҳсулоти гуногуни саноатӣ, ба кишту парвариши зироатҳои хӯрокворӣ, боғпарварӣ, чорводорӣ ва мурғу моҳипарварӣ низ машғуланд.

Шаҳри Қувасой дар ҳамвориҳои водии Фарғона воқеъ гардида, дар самти шимол бо ноҳияҳои Қува ва Тошлоқ, дар самти ҷанубу ғарб бо шаҳри Фарғона ва ноҳияи Фарғона, дар самти шарқӣ бо шаҳри Қизилқияи Ҷумҳурии Қирғизистон марзҳои муштарак дорад.

Қувасой бо рустоҳои он дар майдони 264 километри мураббаъ доман густурдааст. 30 ҷамоати шаҳрвандон бештар аз 93 ҳазор аҳолиро муттаҳид менамояд. Қисмати бештари аҳолӣ дар шаҳри Қувасой ва ҳудуди 42,4 фоизи онҳо дар рустоҳо ба сар мебаранд. Намояндагони 15 миллат сокинони Қувасойро ташкил медиҳанд ва аз рӯи теъдоди умумӣ 43 дарсади он ӯзбекҳо, 32,3 дарсад тоҷикҳо, 14,5 дарсад қирғизҳо ва қисмати боқимонда намояндагони миллатҳои дигар мебошанд.

Ҷамъиятҳои саҳҳомии «Қувасойсемент», «Квартс», ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди «Қувасой шифер хризотил», «Фарғонасемент» ва «Электроқишлоққурилиш» аз корхонаҳои саноатии Қувасой маҳсуб меёбанд. Ин корхонаҳо семент, шифер, оинаҳои сохтумонӣ, маҳсулоти оҳану бетон ва зарфҳои шишагин истеҳсол мекунанд.

Табиати шаҳру рустоҳои Қувасой барои кишту парвариши сабзавот ва мева хеле мусоидат мекунад. Хусусан, гелос ва себи қувасоиҳо дар Ӯзбекистон ва берун аз он харидорони зиёд дорад.

То соли 1917 Қувасой яке аз минтақаҳои камаҳолӣ ба шумор рафта, аҳолии он бо чорводорӣ ва кишоварзӣ машғул шудаанд. Соли 1954 ҳудуди он доман фарох намудааст ва ба Қувасой мақоми шаҳраки коргарон додааанд. Аз соли 1956 корхонаву ташкилотҳои гуногун пайдо шудаву ин шаҳр рӯ ба рушду ривоҷ овардааст.

Мувофиқи маълумотҳо шаҳр то соли 1928 ба номи Муян ёд мешудааст. Соли 1929 дар Қувасой корхонаи оҳакбарорӣ, солҳои 1929-1932 корхонаи тавлиди семент, солҳои 1933-1939 нерӯгоҳи давлатии барқи ноҳиявӣ (ГРЭС), соли 1937 корхонаи хиштбарорӣ, соли 1941 корхонаи шифербарорӣ, солҳои 1946-1947 корхонаи кимёвӣ бунёд шудаанд.

Соли 1958 корхонаҳои оҳакбарорӣ ва тавлиди шифер ба корхонаи муштарак табдил дода шудааст ва сонитар ба ин корхона дастгоҳҳо ва технологияҳои нав насб кардааанд. Соли 1995 ин корхона ба ҷамъияти саҳҳомӣ табдил ёфтааст ва беш аз пеш бо технологияҳои замонавӣ мучаҳҳаз шудааст.

Корхонаи дуюми бузурги саноатии шаҳр ҷамъияти саҳҳомии «Квартс» мебошад, ки аз соли 1975 ба ин сӯ фаъолият мекунад. Он оинаҳои гуногуни сиёҳ ва ранга, банкаҳо ва зарфҳои гуногуни шишагин истеҳсол мекунад ва дар Осиёи Марказӣ корхонаи калонтарини шишабарорӣ маҳсуб меёбад. Маҳсулоти он ба Қазоқистон, Туркманистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Афғонистон содир мегардад. Ашёи хоми ин корхона дар мачмӯъ аз минтақаҳои гуногуни кишварамон ба даст меояд.

Ногуфта намонад, ки соли 2010 ҷамъияти саҳҳомии «Квартс» ба истеҳсоли оинаҳои сиёҳи мисин шурӯъ намуд. Чунин оинаҳоро қаблан ба кишвари мо аз Ҷумҳурии Халқии Хитой, Русия ва Туркия меоварданд. Ҷамъияти саҳҳомии «Квартс» якчанд мукофоти байналхалқии сифатро ба даст овардааст. Аз ҷумла, соли 2017 дар шаҳри Порис корхонаи мо иштирокчии ягонаи озмун аз миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб меёфт. Дар ин ҷо ба намояндаи корхонаи мо мукофоти "International Star for Leadership in Quality" ё «Ситораи байналмилалии роҳбарӣ барои сифат» супурда шуд.

Ин ҷо зикри як гурӯҳ шахсони кордидаву корозмударо қайд кардаанием, ки ба ҳайси роҳбари аввали шаҳри Қувасой дар ривоҷу равнақи он саҳми калон гузоштааанд. Мардум ҳамеша номи Баҳодур Раҳимов, Маматқул Раҳматов, Владимир Балала, Валентин Власов, Шӯҳрат Аҳмедов, Убайдулло Отабоев, Даврон Искандаров, Асқаралӣ Раҳмоналиев, Худойбердӣ Қосимов, Насибулло Раҳматуллоев ва Адҳам Зиявиддиновро бо ифтихор ба забон меоранд.

БА ЗИНДАГИИ ОСУДА ВА ПУРНИШОТ ҲАМЕША ШУКР МЕГУЗОРАМ

Ман Донишкадаи забон ва адабиёти руси Тошкандро хатм кардаам. Аввал чанд соли умри худро ба касбу кори омӯзгорӣ бахшидам ва ба тарбияи наслҳои наврас машғул шудам. Омӯзгорӣ аз пешаҳои пуршараф маҳсуб меёбад. Ин касб аз соҳиби худ донишу маҳорат талаб мекунад. Барои ҳамин омӯзгор бояд мунтазам омӯзад ва такмили касбу маҳорат кунад. Дар акси ҳол ба муваффақият ноил шуда наметавонад.

Шукр мекунам, ки соли 1995 дар қатори як гурӯҳ кормандони соҳаи таълими халқи шаҳри Қувасой ба гирифтани нишони сарисинагии "Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ноил шудам. Дар тӯли ҳаёт ғайр аз омӯзгорӣ ба корҳои дигар низ ҷалб гардидам. Замони салтанати шӯравӣ омӯзгорони зиёд ба идораҳои берун аз соҳаи маориф низ барои иҷрои корҳои гуногун даъват мешуданд. Ман аз зумраи ҳамин омӯзгорон ба шумор меравам ва солҳои зиёд

дар вазифаҳои гуногун кор кардаам. Аввал дар кумитаи иҷроияи шаҳр шуъбаи меҳнатро сарпарастӣ намудам. Баъд мудири шӯъбаи умумии кумитаи ҳизбии шаҳри Қувасой тайин шудам.

Вақте ки ба омӯзишгоҳи касбию техникии рақами 14 ба кор даъват карданд, вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои маънавиро ба дӯш доштам. Баъди касби истиқлол он ба коллеҷи касбу ҳунар табдил ёфт. Аз чаҳор тараф хатмкунандагони синфи нӯҳуми мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ омада, дар он таҳсил мекарданд ва дар баробари гирифтани маълумоти миёна соҳиби касбу кор мешуданд.

Хурсандибахш аст, ки дар мамлакатамон сол аз сол таваччӯҳ ба соҳаи таълим ва тарбия меафзояд, ҳурмату эътибори омӯзгор баланд мешавад. Ин маҳз иқдому ташаббуси сарвари давлатамон мебошад ва ман онро бо камоли майл қайд мекунам, зеро кишваре, ки омӯзгораш ҳарчи беш аз ғамхориҳо бархурдор мегардад, ҳатман пеш мераваду тараққӣ мекунад.

Аммо омӯзгорон бояд бештар эҳсоси масъулият кунанд, дар акси ҳол кори таълиму тарбия ҳаргиз пеш намеравад. Модоме ки давлат чунин сиёсати хубу оқилонаро пиёда мекунад ва барои кормандони соҳаи маориф тамоми шароиту имкониятро фароҳам меоварад, ҳеч омӯзгор ҳақ надорад, ки ин ғамхориҳоро нодида гирад.

Вақте ки маро барои вохӯрӣ ба муассисаҳои таълимӣ даъват мекунанд, аввалин нуктае, ки зикри онро барои омӯзгорони ҷавони он лозим мешуморам, ҳамин эҳсоси масъулият ва такмили мунтазами касб мебошад. Дар ин солу замон илму фан, техника ва технология, воситаҳои коммуникатсионӣ босуръат тараққӣ мекунанд, аз ин рӯ, омӯзгорон наметавонанд аз ин раванд ақиб монанд.

То пахши пандемияи коронавирус мо дар бораи дарсу мулоқотҳои онлайн чандон тасаввурот надоштем. Ҳоло фарзандону наберагони мардум дар хона нишаста, аз устодони худ сабақ меомӯзанд, вазифаҳои додашударо иҷро карда, соҳиби илму маърифат мешаванд.

Пӯшида нест, ки ҳамаи омӯзгорони мактабҳои таълимоти умумӣ, коллеҷҳову литсейҳои академӣ, ҳатто донишгоҳҳо ба ин чандон тайёр набудаанд. Дар айни ҳол шароит мачбур намуд, ки омӯзгорон низ аз ин усули таълиму тадрис фаровон истифода кунанд. Пас, такмили донишу маҳорат ҳамеша зарур будааст.

Ман раиси Шӯрои ҷамоатии шаҳри Қувасой ҳастам. Шаҳри Қувасой мақоми агросаноатиро касб намудааст. Қаблан он аз шаш хоҷагии ҷамоавӣ ё совхоз иборат буд. Ҳоло мардум ғайр аз кор дар корхонаҳои саноатӣ, ба боғпарварӣ, кишти зироат, паррандапарварӣ ва занбӯрпарварӣ низ машғуланд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳри Қувасой рӯ ба рушду ривоҷ овардааанд.

Зимнан дар бораи депутат ва мақому манзалати ӯ чанд фикру ақидаамро матраҳ карданиам. Депутат шахсест, ки мардум дар интихобот ӯро вакили худ интихоб кардааанд. Ҳар як депутат бояд бо интихобкунандагон зуд-зуд мулоқотҳо баргузор кунад ва бо истифода аз ваколати худ чиҳати ҳаллу фасли масъалаҳову рафъи мушкилоти онҳо иқдом намояд.

Мебинам, ки баъзе депутатҳои Шӯроҳои ноҳия, вилоят ва Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис дар шаҳру рустоҳо байни мардум гашта, тибқи ваъдаҳои пешазинтихоботӣ бо онҳо дидору мулоқотҳо анҷом медиҳанд, дарду доғашонро мепурсанд. Ин хеле хуб аст. Аммо дар радифи ин, баъзе депутатҳо бо интихобкунандагони худ вохӯрданро ба гӯшаи хаёл намеоранд.

Бо таассуф қайд мекунам, ки аз 30 нафар депутати Шӯрои депутатҳои халқи ноҳия 6-7 нафар ҳамеша ба назар намоёнанд, эҳсоси масъулият мекунанд ва дар ҳалли масъалаҳои ҳалношуда ҷиддан иқдом менамоянд. Барои он ки фаъолияти депутатҳои Шӯрои ноҳия ва вилоят маълум ва равшан шавад, мо пешниҳод кардем, ки онҳо дар ҳар шаш мох як маротиба ба интихобкунандагони худ ҳисобот диҳанд. Дар он сурат вакилони халқ ба ҳавзаҳои интихоботии худ рафта, вохӯриҳо баргузор менамоянд.

Ин ҷо боз дар бораи мафҳуми "истеъфо" ақидаҳоямро баён карданиам. Баъзеҳо шояд бо машаққат ба сари мансаб меоянд ва кӯшиш мекунанд, ки курсии худро муддати дароз аз даст надиҳанд. Бо вуҷуди он ки аз ӯҳдаи кор намебароянд, ҳаргиз даст ба истеъфо намезанаанд. Аммо шахсони соҳибвиҷдон ҷуръат карда метавонанд, ки аз мақом истеъфо диҳанд.

Президенти мамлакат мубориза бо коррупсияро омили муҳими суботи ҷомеа мешуморад. Ҳар як шаҳрванди кишварамон бояд дар ин самт ҷонисорӣ кунад, зеро баъзан барои ба боғча додани кӯдак, барои шомил шудан ба кор ришва талаб мекунанд. Ин иллатест, ки пешрафту тараққиёти мамлакати моро ба ақиб мекашад, обрӯ ва эътибори онро дар арсаи байналмилалӣ коста мегардонад. Хусусан, пеши роҳи сармоягузоронро масдуд мекунад.

Ҳодисаи бо иттиҳоми ришватхорӣ ба даст афтидани проректори Донишкадаи политехникии Фарғона дар тамоми шабакаҳои интернетӣ пахш шуд ва он ба обрӯи вилояти мо халал ворид кард. Магар ин аз рӯи инсоф аст?!

Дар баробари мубориза бо коррупсия устувории қонунро таъмин кардан лозим аст. Осмони мамлакатамон мусаффост, сулху субот барқарор аст, кормандон бо маош таъминанд, аммо ҳарисӣ ва чашмгуруснагии баъзе роҳбарону курсинишинон ҳанӯз касро ба ҳайрат меорад. Виҷдони онҳо бо нафсу чиғилдонашон тавъам шудааст. Барои ҳамин бояд дар дастҷамъӣ алайҳи коррупсия мубориза барем, он гоҳ ин мубориза натиҷаҳои босамар ба бор меорад.

Ман соҳиби се фарзанду ҳафт набера ҳастам. Онҳоро дар роҳи ростиву ростқорӣ тарбия мекунам. Писарам Шӯҳратҷон дар соҳаи маданият кор мекунад. Дилшодҷон маъмури корхонаи оинабарории «Кварс» мебошад. Шоирҷон корҳои тиҷорату соҳибкориро бар ӯҳда дорад. Ҳамеша бароҳашон насиҳат карда мегӯям, ки ҳалол ёбанду ҳало хӯранд.

Ба гирифтани нишонҳои "25-солагии истиқлолияти Ӯзбекистон" ва "25-солагии Конституцияи Ӯзбекистон" низ мушарраф шудам ва ба ин зиндагии пурнишот ва фаровон ҳамеша шукр мегузорам.

Тоҳирҷон ЎРИНБОЕВ,
ноиби раиси хазинаи "Нуронӣ"-и шаҳри Қувасой.

ҲАМАИ ПЕШРАВИҲО – БА ШАРОФАТИ ИСТИҚЛОЛ

Мамлакати мо 1 сентябри соли 1991 ба истиқлолият расид. Дар муддати кӯтоҳ шаҳри Қувасой намои тоза касб намуд ва биноҳои зиёди маъмуриву истиқоматӣ қомат афрохтанд. Дар маркази шаҳрамон «Боғи ҷавонон» бунёд гардид. Яке аз ҳодисаҳои хурсандибахши солҳои охир 65-умин солгарди шаҳри Қувасой мебошад, ки 20 сентябри соли гузашта ба таври васеъ таҷлил карда шуд. Ба ин муносибат таҳти унвони «Ӯзбекистон – маъвои умумии мо» фестивал роҳандозӣ шуд. Дар он намояндагони 15 миллати маскуни шаҳри Қувасой, меҳмонон аз шаҳру ноҳияҳои дуру наздики вилоят ва Ҷумҳурии Қирғизистони ҳамҷавор ширкат карданд. Соли гузашта дар доираи 65-солагии шаҳри Қувасой 65 нафар фарзандони оилаҳои камбизоати шаҳру рустоҳои он хатнасурӣ шуданд.

Ҳоло дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳри Қувасой дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд. Илму фан тараққӣ мекунад, кормандони соҳаҳои таълиму тарбия, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд. Соли равон фаъолияти 7 китобхона ва 3 дӯкони китобфурӯшӣ ба роҳ монда шуд. Дар 29 мактаби таълимоти умумӣ, мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон, Маркази авлоди баркамол, мактаб-интернати махсуси рақами 90 фарзандони мардум ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Соли таҳсили 2019-2020 мактаби таълимоти ҳамагониро 1 ҳазору 160 нафар, коллеҷҳои касбу ҳунарро 95 нафар хатм намуданд. Ба 10 нафари онҳо медали тилло, ба 4 нафар медали нуқра супурда шуд.

Дар кишварамон нисбат ба ҷавонон сиёсати хос пеш гирифта мешавад. Дар ин замина барои татбиқи 27 лоиҳа, ки соҳибкорони ҷавон ба иҷрои он камари ҳиммат бастаанд, 2 миллиарду 900 миллион сӯм қарзҳои имтиёзнок ихтисос дода шуд. Ҳамчунин дар чаҳорчӯби барномаи давлатии «Маҳаллаи обод» дар панҷ мактаби таълимоти умумии шаҳрамон дар ивази 3 миллиарду 700 миллион сӯм корҳои тармиму сохтмон ба фарҷом расиданд.

Дар 47 муассисаи таълими томактабии давлативу хусусӣ 5 ҳазору 22 нафар кӯдакон ҷалб карда шудаанд. Аз рӯи нишондиҳандаи фарогирии ҳудудӣ ин теъдод беш тар аз 74 дарсадро ташкил менамояд. Дар муассисаҳои таълими томактабии ҷамоатҳои шаҳрвандони Боғбон ва Кокулон бо маблағи 5 миллиард сӯмина корҳои сохтмон анҷом дода шуданд.

Мо барои ривоҷи варзиш аҳамияти ҷиддӣ медиҳем. Дар давоми як соли охир ҷавонони қувасой дар мусобиқаҳои гуногуни дохиливу байналхалқӣ 13 медали тилло, 23 нуқра ва 13 медали биринҷӣ ба даст ованданд. Шаҳриёр Ҳасанбоев, Нурбек Мирзобоев, Ригина Синагатулина, Ӯғилой Раҳмоналиева, Шодиёна Турсуналиева, Муродилхон Неъматуллаев аз рӯи намудҳои гуногуни варзиш ба чунин натиҷаҳои баланд расиданд.

Дар тарғиби намудҳои санъат ва шеъру адабиёт номи Солибобо Ҳошимов, Муҳаммадҷон Баҳриев, Аловуддин Шаропов, Замира Султонова, Муҳаммадҷон Машарипов ва Абдулло Содиқ, пайравони ҷавони онҳо Акмалҷон Саъдихонов, Севара Чӯраева, Лайлохон Халилова, Сардор Эргашев, Ҳамидулло Абдуллоев, Сардор Тоиров ва Милена Мадмӯсоева дар байни мардум бо ҳунару санъат ва шеъриятӣ ҳуд маъруф гаштаанд.

Рочеъ ба соҳаи тандурустӣ қайди ин нуктаро ҷоиз медонам, ки 3 поликлиникаи оилавӣ, 3 бунгоҳи тиббии деҳот, 1 маркази скринингӣ марбути Иттиҳодияи тиббии шаҳри Қувасой дар ихтиёри мардум қарор доранд. Ходимони он шабу рӯз дар барқарории саломатии мардум ва ҳифзи он бо садоқат меҳнат мекунанд. Хусусан, дар ин шабонарӯз, ки пахши пандемияи коронавирус тамоми ҷомеаи чаҳонро сахт нигарон кардааст, онҳо серкору сертараддуд мебошанд ва барои пешгирӣ аз сирояти ин беморӣ саъй ва кӯшиш менамоянд.

Пиёда кардани ислоҳоти доманфарох ҳамаи соҳаҳоро фаро гирифтааст. Дар солҳои охир 476 субъекти соҳибкорӣ (ҷамъ он 1763-то ва аз ин шумор 531-то ҶММ, 347 корхонаи хусусӣ, 104-то корхонаи оилавӣ, 14 корхонаи муштарак, 178-то корхонаҳои гуногун) ва ҳафт корхонаи саноатӣ ташкил карда шуд. Ба ҷалби 43 миллион доллар сармояҳои мустақими хориҷӣ муваффақ шудем. Дар солҳои 2020-2021 татбиқи ба қимати 123,3 миллион доллар 38 лоиҳаи сармоягузорӣ ва фароҳам овардани 1912 ҷойи нави кор барномарезӣ шудааст.

Дар тобеи шаҳри Қувасой 522 хоҷагии фермерӣ дар майдони 14 ҳазору 582 гектар машғул ба фаъолият мебошанд. Хоҷагии фермерии "Ашӯров Охунҷон Солиҷон", ҶММ "Илёсов" ва агрокластери ғаллапарварии "Ҳасанҷон Ҳусанҷон Муян полвонларӣ" дар байни ин хоҷагиҳои фермерӣ шӯҳрати бештар доранд. То ҳамин давраи соли равон ба ивази 9 миллиону 445 ҳазор доллари ИМА маҳсулоти кишоварзӣ ба хорича содир карда шуд.

Аз 1500 гектар майдонҳои кишти ғалла бештар аз 4 ҳазору 683 тонна ҳосил ҷамъоварӣ намудем ва нақшаро 132 фоиз иҷро кардем. Ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатии корхонаҳоямон баробари 5 миллиону 518 ҳазор доллар мебошад.

Таъмин ба ҷойи кор аз масъалаи басо умдаи кишварамон ба шумор меравад. Дар ин росто тибқи "Барномаи шуғл" соли равон 487 ҷойи нави кор фароҳам овардем.

Дар чаҳорчӯби барномаи давлатии "Маҳаллаи обод" дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Дӯстлик" шаш ҳавлӣ, дар маҳаллаи Пакана 10-то хонаҳои чорошёна, се бинои сеошёна, ду бинои панҷошёна, дар ҷамоати "Ёшлик" сето бинои панҷошёна, дар мачмӯъ 519 хонаҳои истиқоматӣ сохта, мавриди бахрабардорӣ қарор додем. Соли оянда дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Навой ва Ҳувайдо сохтмони ду бинои панҷошёнаи истиқоматиро шурӯъ хоҳем кард.

Дар шаҳри Қувасой 95 дарсади аҳолӣ бо гази табиӣ ва 86 дарсади онҳо бо оби ошомиданӣ таъмин мебошанд. Бо вуҷуди ин, чиҳати таъмини аҳолии мавзеъҳои аҳолинишини нав бо барқ, гази табиӣ ва моеъшуда, ҳамчунин ангишт тамому чораҳо пиёда шудаанд. Ба наздикӣ боз панҷ километр лӯлаи оби ошомиданӣ кашидем, беш аз севуним километр роҳҳоро мумфарш кардем.

Дар шароити кунунии ҷилавгирӣ аз пахши пандемия барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба вижа, собиқадорони ҷангу ақибгоҳи фронт, иштирокчиёни ҷанги Афғонистон, маълӯлон, ятимон ва одамони эҳтиёҷманд беш аз 1 миллиарду 200 миллион сӯм кӯмак расонидем. Ба ин қишри ҷомеа 1 миллиарду 863 миллиону 660 ҳазор сӯм пули нақд тақсим кардем, онҳоро бо 30 намуди дорухои тиббӣ таъмин кардем.

Бар асоси фармони Президенти мамлакат аз 27 июли соли 2018 таҳти рақами ФП-5466 дар бораи Барномаи давлатии "Ҷавонон ояндаи моанд" барои ба ҷойи кор таъмин кардани ҷавонон ва роҳандозии фаъолияти соҳибкории онҳо 990 миллион сӯм қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шуд. Умедворем, ки дар ин самт низ ба муваффақиятҳои беш аз пеш ноил мешавем.

Ба мақсади иҷрои супоришҳои сарвари давлатамон ва "Харитаи роҳ", ки зимни ташриф ба вилояти мо қабул гардидааст, чораҳои зарурӣ дида шудаанд. Дар ин замина барои тараққиёту пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, нашъунамои шаҳрамон ва фаровонии ҳаёти мардуми он аз тамоми имкониятҳо босамар истифода хоҳем бурд. Ба таъбири мӯҳтарам Шавкат Миромонович мардум бояд аз мо розӣ бошанд.

Равшан РАҲИМҶОНОВ,
ҳокими шаҳри Қувасой.

ДАСТОРХОНИ МАРДУМ АЗ НОЗУ НЕЪМАТ ФАРОВОН МЕГАРДАД

Хоҷагии фермерии "Иқбол"-и ҷамоати шаҳрвандони "Юқоримуян" аз хоҷагиҳои фермерии серсоҳаи шаҳри Қувасой муаррифӣ шудааст. Роҳбари он Замира Мадаминова зодаи маҳаллаи Тоҷикмуяни ин ҷамоат мебошад. То таъсиси хоҷагии фермерӣ Замира Мадаминова ба кори тиҷорат шуғл меварзид. Нимаи дуюми солҳои навадуми қарни гузашта заминҳои хоҷагиҳои ҷамоавӣ дар миёни коргарон тақсим шуд ва ҳар як узви ин хоҷагӣ мувофиқи тавони худ қитъаҳои заминро барои кишту парвариши зироат ҷудо карда гирифт.

Ҳамон солҳо Замира бо шавҳараш Мавлонҷон Мадаминов тасмим гирифтанд, ки дар қатори дигарон 20 гектар замин ҷудо карда гиранд ва ба кишту парвариши маҳсулоти зироат ва боғпарварӣ машғул шаванд. Ҳокимияти шаҳри Қувасой барояшон 20 гектар замин ҷудо кард.

– Ҳар сол дар даҳ гектар ғалла парвариш мекунем. Соле нест, ки мо нақшаҳои давлативу шартномавиро иҷро накарда бошем. Соли гузашта кишту парвариши ғалларо хеле хуб ба роҳ мондем ва натиҷа низ дилхоҳ буд. 50 тонна ҳосили хушсифати гандум ба даст овардем, – мегӯяд Замира Мадаминова.

Вай афзуд, ки аксарияти сокинони маҳаллаи Тоҷикмуян, хоҳ зану хоҳ мард, деҳқонзодааанд ва кишту парвариши зироатро хеле хуб медонанд. Ба ибораи дигар, кори деҳқонӣ барои тоҷикмуяниҳо касбу кори падару бобоист.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

Маводи саҳифаро мухбири "Овози тоҷик" дар вилояти Фарғона Мирасрор Аҳроров дар ҳамкорӣ бо шуъбаи маънавият ва маърифати ҳокимияти шаҳри Қувасой таҳия кард.

ДАСТОРХОНИ МАРДУМ АЗ НОЗУ НЕЪМАТ ФАРОВОН МЕГАРДАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Бобоям – Муллоҷумъа Рачабов зодаи ноҳияи Сӯх буданд. Он кас ба деҳаи Тоҷикмуян омада, дар ҳамин ҷо зиндагӣ кардаанд. Баъд ба модарбузургам – Тиллохони кокулонӣ издивоҷ кардаанд. Маҳаллаи Кокулон дар наздикии шаҳри Фарғона воқеъ гаштааст ва аксарияти мардуми он низ тоҷиктаборанд. Падарам – Ёқубҷон солҳои дароз сардори бригадаи зироаткорӣ буданд ва ба ҳамаи мо низ касбу кори деҳқониро ёд додаанд, – мегӯяд Замира Мадаминова.

Тавре ки вай тазаккур дод, таҷрибаи зану шавҳар сол аз сол зиёд мегардад. Дар айни ҳол хоҷагии фермерии онҳо дар миёни хоҷагиҳои фермерии шаҳри Кувасой дар сафи пеш қарор дорад. Ба гуфтаи роҳбари хоҷагии фермерии "Илҳом" ҳосили имсолаи кишти ғаллаашон низ фаровон шуд. Гайр аз иҷрои нақшаи давлатӣ ва шартномавӣ ба коргарон аз 500 килограммӣ то якуним тоннагӣ гандум таҳсим кардаанд.

– Аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада соли равон низ хеле хуб ҷамъбаст хоҳад шуд. Ба 50 миллион сӯм себ, 30 миллион сӯм бодом, 20 миллион сӯм олу ва 18 миллион сӯм анор фурӯхтем. Агар сарфу хароҷоти барои нуриҳои маданиву минералӣ ва пардохти маош сарфшударо аз миқдори умумии даромадамон барорем, даромади софи хоҷагиамон ҳудуди 60 миллион сӯмро ташкил мекунад, – изҳор кард Замира Мадаминова.

Маълум шуд, ки хоҷагии фермерии серсоҳаи "Илҳом"-и маҳаллаи Тоҷикмуян ғайр аз он ки эҳтиёҷи худ ва коргаронро рафъ месозад, дар корҳои ободонии маҳалла низ саҳми калон мегузорад.

– Дар минтақаи мо 150 хоҷагӣ аз беобӣ азият мекашад. Барои он ки онҳоро бо оби ошомиданӣ таъмин кунем, мутахассисонро ба кор ҷалб намудем. Хароҷоти умумии кашидани оби ошомиданиро мо ба дӯш гирифтем. Ҳоло масъалаи аз зери замин кашидани обро ҳаллу фасл мекунанд. Аллакай сокинони ин маҳалла дар ҳаққамон дуои нек мекунанд. "Пул нагиру дуо гир" гуфтаанд дар урфият. Даст задан ба корҳои нек барои мардуми шарифи мо ба ҳукми анъана даромадааст. Мо низ хостем аз ин раванд дар канор намонем, – мегӯяд Замира Мадаминова.

Ба таъкиди роҳбари хоҷагии фермерии "Илҳом" соли 1997 аз дасти Президенти нахустини Ӯзбекистон Ислом Каримов медали "Шӯҳрат"-ро гирифтааст. Вай мегӯяд: вақте ки ба хона баргашт, одамони зиёд бо тантана истиқболаш гирифтанд ва медали овезони ӯро тамошо мекарданд.

– Ҳамдеҳагон, ҳаҷу ҳамсояҳо ва хешу табор аз тариқи телевизион дидаанд, ки Ислом Каримов медали "Шӯҳрат"-ро ба ман тақдим карданд. Барои ҳамин аз Тошканд баргаштанамро мунтазир шудаанд, то бидонанд, ки ману аъзои хонаводаамро ба ин муносибат шодбош гӯянд, – бо хушҳолӣ ёдовар шуд Замира Мадаминова.

Тавре ки вай боз тазаккур дод, ин мукофоти давлатӣ боис гардид, ки минбаъд бештар эҳсоси масъулият намояд ва дар бобати ба даст овардани ҳосили фаровон ва аз нозу неъмат пур кардани дасторхони мардум талош кунад.

Замира ва Мавлонҷон Мадаминовҳо соҳиби чаҳор фарзанд – се духтару як писар ва ҳашт набера мебошанд. Писари ягонаашон – Дилмурод корҳои ҳисобу китоби хоҷагии фермерии серсоҳаи "Илҳом"-ро пеш мебарад.

Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Юқоримуян" Эркинҷон Мирзокаримов мегӯяд, ки ҳамаи сокинони маҳаллаи Тоҷикмуян аз зиндагии имрӯзаи худ шоду мамнунанд. Вай хонаводаи Замира Мадаминоваро барои он тавсиф кард, ки дар меҳнат обутоб ёфтаанд ва аз маҳсулоти истеҳсол кардаашон ҳам худ ва ҳам хонаводаҳои камбизоати маҳаллаашонро бахраманд месозанд.

– Ҳар сол бо анҷоми ҷамъоварии ҳосили ғалла ва меваву сабзавот як ҳиссаи онро барои чунин хонаводаҳои камбизоати маҳалла ҷудо мекунанд. Ин кори хайру савоби онҳоро дида роҳбарони хоҷагиҳои фермерии дигар, соҳибкорон ба онҳо пайравӣ мекунанд, – изҳор кард Эркинҷон Мирзокаримов.

Дар айни ҳол, қисме аз заминҳои аз кишти зироатҳо холишудаи хоҷагии фермерии "Илҳом" барои киштукори баҳорӣ тайёр карда мешавад. Баъзе қитъаҳои заминро аллакай барои кишти гандуми тирамоҳӣ шудгор карда мондааанд, то ки гандум зудтар барояду майса занад.

– Ба афзоиши ҳосили соли оянда ва баракату нусрати он аз ҳозир заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад. Мо ба ин ҷиҳати кор ҳамеша диққати асосиро равона мекунем. Ниҳолҳои мевадиҳанда бошанд, аввали баҳор аз шоху навдаҳои зиёдатӣ поккорӣ мешаванд ва ҳар як муғчаи он ҳосили пурбор медиҳад, – мегӯяд Замира Мадаминова.

Неъматҷон НАЗИРОВ,
мудири шуъбаи маънавият ва маърифати ҳокимияти шаҳри Кувасой.

Ба оинаҳои сохтмонӣ ва ашёи шишагие, ки дар ҷамъияти саҳҳомии «Квартс»-и шаҳри Кувасой истеҳсол карда мешаванд, дар бозори дохилию хориҷӣ талаб зиёд аст. То имрӯз маҳсулоти як миллион доллари ИМА арзиш дошта, ба Русия, Украина, Озарбойҷон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон содирот карда шуданд. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот аз 24,5 миллиард сӯм гузашт. Дар айни ҳол лоиҳаи наве, ки иқтидори солонааш 22 миллион метри мураббаъ оинаи сохтмонӣ мебошад, коркард мешавад.

Лоиҳаи нав имкон медиҳад, ки ҷойҳои корӣ нав пайдо шаванд, содироти маҳсулот бештар гардад. ҶС «Квартс» бино ба истеҳсоли оинаҳои беранг ва ранга дар Ӯзбекистон ҳамто надорад. Корхона ниёзи иқтисодиёти мамлакатро ба 50 фоиз шиша, 60 фоиз оинаи сохтмонӣ ва беш аз 95 фоиз банкаҳои шишагин таъмин менамояд.

Сурати ӮзА.

Касе, ки латофат, ҷозиба, иқтидор ва имкониятҳои беинтиҳои забони ӯзбекиро ҳис кардан мехоҳад, бигузор, аллаҳои модарони мушфиқ, достонсароии ҳазорсола, мақомҳои абадзинда, сурудҳои бахшию ҳофизони моро гӯш кунад.

Шавкат МИРЗИЁЕВ.

ЗАБОНИ МОДАРӢ – САРВАТИ БЕБАҲОИ МАЪНАВӢ

Имсол 31-солагии ба забони ӯзбекӣ дода шудани мақоми давлатӣ ҷашн гирифта мешавад. Ҳарчанд ин муддат дар назди таърих муҳлати кӯтоҳ аст, дар тӯли солҳои сипаригардида нуфузу обрӯйи забон зиёд шуд, дар миқёси ҷаҳон теъдоди онҳое, ки бо ин забон ҳарф мезананд, қариб ба 50 миллион нафар расид.

Биноан, забони ӯзбекӣ дар минбарҳои байналхалқӣ хуб танинандоз мегардад, дар мамлакатҳои хориҷӣ эътибор ва таваҷҷӯҳ ба омӯхтани он пурзӯр мешавад. Барилова, дар қатори дигар забонҳои Шарқ таълим додани забони ӯзбекӣ дар донишгоҳҳои беш аз 10 мамлакат, мисли ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Хитой, Ҷопон, Туркия, Украина, Русия, Озарбойҷон дили моро аз ифтихор лабрез месозад.

Воқеан, мероси фароҳангии ҳар як мамлакат ба забони ӯ иртиботи ногусастанӣ дорад. Ба ин маънӣ, ҷашнвораю анҷуманҳои байналхалқие, ки дар кишварамон таҳти унвонҳои «Таронаҳои Шарқ», анҷумани мақом, «Санъати байналхалқии бахшиёна» ва Ҷашнвораи байналхалқии ҳунармандӣ низ ба афзудани обрӯю эътибори Ӯзбекистон ва танинандоз гардидани забони ӯзбекӣ дар ҷаҳон саҳм мегузоранд. Суханони Президент Шавкат Мирзиёев дар ин ҳусус сазовори диққатанд: *«Касе, ки латофат, ҷозиба, иқтидор ва имкониятҳои беинтиҳои забони ӯзбекиро ҳис кардан мехоҳад, бигузор, аллаҳои модарони мушфиқ, достонсароии ҳазорсола, мақомҳои абадзинда, сурудҳои бахшию ҳофизони моро гӯш кунад»*.

Солҳои охир ба туфайли эътибор ба забони ӯзбекӣ мақеи он боз ҳам баланд шуда, соҳиби мақоми воло ва асоси мустаҳками ҳуқуқӣ гардид. Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чорабиниҳо доир ба куллан афзудани нуфуз ва мавқеи забони ӯзбекӣ ба сифати забони давлатӣ», аз 21 октябри соли 2019, ислоҳотро дар ин самт ба зинаи нав бардошт. Тибқи фармони мазкур дар сохтори Девони Вазирон Департаменти рушди забони давлатӣ, бобати ба истеъмоли расмӣ даровардани калимаву истилоҳҳои аз нигоҳи илмӣ асосноккардашуда, ҳамчунин, дар лоиҳаҳои асноди қонунӣ риоя намудан ба меъёр ва қоидаҳои забони адабӣ, қоидаҳои ҳуқуқию техникӣ ва дигар қоидаҳои махсус, Комиссияи истилоҳҳо созмон дода шуд.

Аҳамияти дигари фармони мазкур дар он аст, ки тибқи қарори Девони Вазирон, аз 20 январи соли 2020 дар ҳамаи мақомоти давлатӣ, вазоратҳо ва созмонҳои ба онҳо дахлдор, ба мақсади афзудани самарадории маънавию маърифатӣ, таъмини риоя ба ҳуҷҷатҳои қонунӣ дар бораи забони давлатӣ вазифаи мушовирони забони давлатӣ дар корхонаҳое, ки худ кору фаъолият доранд, ба масъалаҳои афзун гардондани самарадории корҳои маънавию маърифатӣ, таъмини риоя ба қонуни забони давлатӣ масъуланд.

Бояд эътироф кард, ки дар солҳои сипаригардида эътибор ба ифтихори миллӣ — забони давлатӣ як андак суст шуда буд. Бар асари ин дар корбарии мақомот ва созмонҳои давлатӣ як қатор камбудиҳое ба назар расиданд, ки ба риоя накардан ба қонуни забони давлатӣ иртибот доранд. Ба мақсади бартараф намудани камбудиҳое, ки ба корбарӣ бо забони давлатӣ вобаста буданд, аз ҷониби Вазорати адлия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи даровардани иловаҳо ба моддаи 42-юми Кодекси Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ» коркард шуд. Мualлифи лоиҳа ба моддаи 42-юм пешниҳоде ворид намуд, ки ин аст: агар ба талабҳои ҳуҷҷати қонун дар бораи забон дар мақомот ва созмонҳои давлатӣ риоя карда нашавад, ба шахсони мансабдор ба миқдори аз ду баробар то панҷ баробари ҳисобкунии пойгоҳӣ ҷарима ситонда шавад. Лоиҳаи қонуни мазкур дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди муҳокимаи шадид қарор гирифт.

Бино ба моддаи 10-уми Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи забони давлатӣ» пешбинӣ шудааст, ки дар корхона, муассиса, созмон ва иттиҳодияҳои ҷамоатӣ корбарӣ, ҳисобу китоб, ҳуҷҷатҳои омору молия бояд бо забони давлатӣ сурат гирад. Бино бар ин, дар Инспексияи давлатии карантини растаниҳо ҳоло корбарӣ, табодули маълумоти байниидоравӣ пурра бо забони давлатӣ ба амал татбиқ мегардад. Хоссатан, дар фаъолияти кории инспексия фарҳанги 5-ҷилдаи тафсирии забони ӯзбекӣ, ки беш аз 80 ҳазор калимаю ибораро дар бар мегирад ва китоби такмилдодаи «Корбарӣ бо забони давлатӣ» васеъ истифода бурда мешавад. Манбаъҳои мазкур, дар мавриди корбарӣ ва табодули ҳуҷҷатҳои байниидоравӣ, ба сифати кори инспексия меафзоянд.

Маълумоти дигар: шурӯъ аз моҳи сентябри соли 2020 ба мақсади афзудани маҳорату таҷриба, дониши назарию амалии хидматгузорони давлатӣ доир ба меъёрҳои забони адабии ӯзбек, имлои алифбои лотиниасоси ӯзбек, асосҳои корбарӣ бо забони давлатӣ, навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ дар Маркази таълими асосҳои корбарӣ бо забони давлатӣ ва такмили малакаи назди Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбеки ба номи Алишер Навоии Тошканд курси таълимӣ ташкил дода шуд. Ба курсҳои такмили малака барои таълим даставвал ходимони Инспексияи карантини растаниҳои назди Девони Вазирон ҷалб карда шуданд. Пешбинӣ шудааст, ки рӯзҳои наздик барои ходимони Маркази илмии карантини растаниҳо, ҳамчунин, инспексияҳои давлатии карантини растаниҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд низ чунин курсҳо ташкил дода мешаванд.

Бино ба таъбири роҳбари давлат, дар марҳилае, ки ба бедории нави Ӯзбекистон — Эҳёи сеюм асос гузошта мешавад, чунин ба назар мерасад, ки дар эътибори бузург ва эътирофи забони ӯзбекӣ маънии рамзие нуҳуфта аст. Зеро модоме, ки ҷараёни афзудан ба қадру қимати забони ӯзбекӣ идома пайдо мекунад, дар ҷамъиятамон илм ривоҷ меёбад, сатҳи маънавӣ баланд мешавад, ҷойгоҳи забони ӯзбекӣ дар арсаи ҷаҳон мустаҳкамтар мегардад.

Бунёд НАСИМОВ,
мушовири сардори Инспексияи давлатии карантини растаниҳо бино ба масъалаҳои забони давлатӣ. (ӮзА).

ҶАВОНОНРО БО САНЪАТ ОШНО МЕСОЗАД

Дар мактаб-интернати махсуси санъати назди Академияи бадеии Ӯзбекистони вилояти Бухоро 400 нафар писарон ва духтарон малакаҳои худро оид ба санъати тасвирӣ ва амалӣ, доира, фортепиано, рубоб такмил медиҳанд.

Дар мактаби рассомӣ 160 нафар омӯзгорон кор мекунанд. Яке аз онҳо омӯзгор Мадина Аҳмадова мебошад, ки бо маҳорати педагогии худ диққати муаллимон ва донишҷӯёнро ба худ ҷалб кардааст. Вай чанд сол аст, ки ба ҷавонон сирри санъати тасвирӣ ва ҳайкалтароширо меомӯзонад.

– Санъат воситаест, ки зебоии зиндагиро тасвир мекунад, – мегӯяд Мадина Аҳмадова. – Дар ҷараёни кор аз рӯи асари бадеӣ, ман ба шогирдон таърихи онро низ меомӯзам. Дили одаме, ки бо таърих, фарҳанг ва санъати кишвари худ ошно аст, ҳамеша зебо аст, майл ба корҳои хайрро дорад.

***Дар сурат: Мадина Аҳмадова** ҳангоми машғулот.*

Суратгир: Тоҳир ИСТАДОВ (ӮзА)

СОҲИБИСТЕЪДОДИ АСИЛ БУД

Нахуст ӯ 607, сипас Х-29 шуд. «Х» ҳарфи аввали насаби вай буд. Х-29 дар маҳбаси ислоҳи меҳнатии Карлаги Қарағандаи Қазоқистон аз соли 1949 то соли 1955, яъне то айёми аз ҷониби прокуратураи генералии иттиҳоди шӯравӣ сафед шуда ба озодӣ баромадан, азоби рӯҳӣ ва ҷисмонӣ кашид. Ниҳоят моҳи августи соли 1989 бегуноҳии ӯро комиссияи махсус исбот кард.

Х-29 – фарзанди фарзонаи Самарқанд, иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон, аъзои ҳаракати партизанӣ дар Полша, Наққоши мардумии Тоҷикистон, шогирди мусаввирони номдори Самарқанд Павел Бенков ва Лев Бурэ шодравон Ашур Ҳайдаров буд.

Вай ба майдони Регистон омаду марди русро сарграми расмкашӣ дид. Мусаввир гоҳ сӯйи мадрасаи Шердор менигаристу гоҳ ба матои сафед, ки лаҳза ба лаҳза ёдгории таъриҳӣ рӯйи он акс меёфт. Ба хона омаду қалам гирифта, манзараҳои атроф ва чеҳраҳои одамони наздикашро рӯйи коғаз меовард, ки бобояш – одами диндор дарғазаб шуда тарсакие «мукофот» дода гуфт, ки расмкашӣ дар дини ислом гуноҳ аст. Аммо вай рустӣ ва дертар ошкоро ин амалашро идома дод. Пас аз хатми мактаби миёна дар омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Самарқанд таҳсил гирифт. Солҳои донишҷӯйӣ бо падари бузургвораш ба шаҳрҳои Бухорои шариф, Чорҷӯй, Ашқобод, Боку ва дигар ҷойҳо азми сафар намуд, ки барои кашидани расмҳои «Мушфиқӣ дар Бухоро», «Воҳӯрии Ибни Сино бо олимони Ҳамадон», «Беки вопасин», «Ҳуҷум», «Фаранҷипартой» ва дигар асарҳои ӯ замина фароҳам оварда.

Бо маслиҳату тавсияи устодаш Павел Бенков дар идораи рӯзномаи «Зарафшон» ҳамчун мусаввир фаъолияти меҳнатиашро оғоз намуд. Муҳаррири он Шароф Рашидов дар ороиши рӯзнома аз рассомии ҷавон ҳурсанд буд. Оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон сарнавишти ғайриоддиро ба ӯ насиб гардонид. Вай ихтиёрӣ ба дифои Ватан рафт. Дар яке аз муҳорибаҳои шадид мачрӯҳ шуду асир афтод. Душман ба қатори дигарон ӯро низ ба Олмон бурд. Асирон рӯзона дар бешазор кор мекарданду шабона дар бараки калон ҳар кӣ бо ҳар кор машғул мегашт. Дилбастаи санъат Ашур Ҳайдаров бо расмкашӣ машғул мешуд. Истеъдоди фавқулодда дошт, ки расми ҳамтақдирону посбононро бо маҳорати баланд мекашид. Боре сарбози немис сурати худро дида ҳайрон монд ва доир ба мусаввири соҳибистеъдод ба командираш нақл кард. Командир марди маърифатпарвар будааст, ки ба ӯ дафтарчаи сураткаширо ҳадя намуд. Акнун рассоми самарқандӣ дар вақтҳои холӣ истеъдоди хешро сайқал медод. Аммо кадоме аз командирҳои немис дафтарчаи пури расмҳои ӯро гирифта гуфт, ки баъди ба поён расидани ҷанг баргардонда медиҳад. Вале аз байн чанд рӯз нагузашта асиронро ба Полша фиристоданд. Ашур Ҳайдаров бо 39 нафар асир имконияти муносибро ёфта аз лагери немисҳо фирор кард ва ба қатори партизанҳои дивизияи Ковпак ҳамроҳ шуд. Дар чанд амалиёт иштирок кард.

Ҷанги хонумонсӯз ба поён расиду мусаввир ба зодгоҳ омада худро куллан ба эҷод бахшид. Ӯро раиси Иттифоқи рассомони Самарқанд интихоб карданд. Соли 1949 дар Душанбешаҳр намоиши асарҳои мусаввирони Иттиҳоди Шӯравии собиқ ташкил дода шуду вай ҳам барои иштирок рахти сафар баст. Вале дар истгоҳи роҳи оҳани Самарқанд аз ҷониби кормандони НКВД ба ҳабс гирифта шуд. Зеро, аз мост, ки бар мост, нотавонбину ҳасудон ба идораҳои дахлдор навишта буданд, ки Ашур Ҳайдаров хоини Ватан аст. Сипас панҷ соли маҳбусӣ дар шаҳри Қараганда гардиши куллие шуд дар ҳаёти вай. Дар он ҷо бо одамони гуногун шинос шуд, ки мисли вай қурбони беадолатӣ ва зӯроварии замон гардида буданд. Яке аз онҳо физик, академик Николай Краснов буд, ки симояшро рӯйи коғаз овард.

Ашур Ҳайдаров дар маҳбас ҳам аз суратқашӣ даст накашид. Ходимони ҳабсхона аз истеъдоди ӯ огоҳӣ ёфта, супориш медоданд, ки сурати коркунони фаъолро барои тахтаи пешсафон кашад. Вай ҳар суратро ду нусха тайёр мекард: яктоашро ба онҳо медоду дигарашро барои худ нигоҳ медошт. Ва онҳоро шахсоне, ки аз маҳбас озод мешуданд, бароварда ба завчааш Сарварҳола ирсол менамуданд.

Соли 1955 баъди пурсуҷӯ вай озод шуду ба Душанбешаҳр омад. Ашур Ҳайдаров ҳарчанд раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, узви Иттифоқи рассомони СССР буду расмҳояш осорхонаҳои як қатор мамлакатҳоро оро медод, вале тамғаи «душмани ватан»-ро дошт. Ӯ пас аз 40 сол аз ҷониби комиссияи махсус тамоман бегуноҳ дониста шуд. «Он солҳо солҳои басо мудхиш буданд, – навиштааст дар дафтари хотироташ вай, – мо медонистем, ки маҳбуси бегуноҳем. Охир ҷанг бе асир намешавад-ку?! Аммо тасаллии дили ман мӯйқалам буд».

Ашур Ҳайдаров чеҳраҳои одамони бузург Рӯдакӣ, Ибни Сино, Раҳим Ҳошим, Марям Исоева, Зебо Аминзода ва дигаронро офарид. Солҳои 60 ва 70-уми асри сипаришуда давраи авҷи камолоти эҷодии ин рассоми чирадаст буд. Вай дар кӯҳистони Бадахшон зиёда аз ним сол заҳмат кашида, силсилаи расмҳоро бо номи «Манзараҳои Помир» ба вуҷуд овард, ки аз ҷониби дӯстдорони санъати тасвирӣ ва муҳаққиқони сахтгир эътироф гардидааст. Чеҳраҳои гӯё, манзараҳои нотакроре, ки рӯйи таблу ба тасвир омадаанд, гувоҳи он буданд, ки Ашур Ҳайдаров рассоми нотакрори хушсалиқаест.

Пас аз он ки мусаввир эътирофи байналхалқӣ ёфт, ният дошт, ки бо сари баланду рӯйи сурх ба зодгоҳ – Самарқанд баргардад, вале соли 1998 нобаҳангом вафот кард. Ҳоло қабри Рассоми мардумии Тоҷикистон, Ходими шоистаи санъат, устоди даҳҳо нафар шогирдон, падари 10 нафар фарзанд Ашур Ҳайдаров дар оромгоҳи Сариосиёи Душанбе мебошад. Хешу пайвандон ва шогирдони вафодораш атрофи қабри ӯро ободу хуррам намуда, тез-тез ба зиёраташ мераванд.

Тасвирҳои шодравон Ашур Ҳайдаров, аз қабили «Арӯс», «Модар», «Шаб дар чарогоҳ», «Гулҳои баҳорӣ», «Бегоҳӣ», «Дунёи умед» ва ғайра дар намоишгоҳҳои Тоҷикистон, Тошканд, Маскав, Ҳиндустон, Фаронса, Италия, Туркия, Австрия ба маъраз гузошта шудаанд.

– Соли 2003 ману модарам ба шаҳри Алмаато рафтем, ки 104 расми дар маҳбас кашидаи қиблагоҳамро ба осорхонаи давлатӣ супорем. Зеро онҳо дар маҳбаси Карлаги Қазоқистон офарида шуда, симои маҳбусони сиёсӣ буданд.

Падарам марди донишманду маданияташ баланд буд, бо даъвати Ватан ҷон ба рӯйи каф гирифта ба ҷанги хонумонсӯз рафт.

Саховатпешагии вай як олам аст. Ёд дорам, вай устохона дошт. Онро ройгон ба шогирдаш Нуралӣ, ки бехонаву ҷой буд, ҳадя кард. Вақте аз ҷониби корхона мошини «Волга» доданд, рад кард.

Нигоҳи тезбин, мушоҳидакор, нуктасанҷ дошт. Пайваста расм мекашид. Ба фарзандон, хешу пайвандон, ҳамкасбу шогирдон паноҳу пуштбон буд.

Ӯ то нафаси вопасин бо эҷодиёт машғул гардид. Рӯзҳои охирини ҳаёташ манзараҳои зодгоҳ – Самарқандро офаридан мехост, кораш нотамом монд. Ҳоло таскини дили мо асарҳои ҷовидонаи падарам аст, – нақл мекунад духтараш Мавлудабону.

Мусаввири соҳибистеъдоди самарқандӣ Ашур Ҳайдаров барои ривоҷи санъати тасвирӣ хидмати шоиста кардаанд. Месазад, ки ба номи ӯ кӯчае гузошта шавад. Ба қавли рассом – академик Аслиддин Исоев: Ашур Ҳайдаров мактаби хоссаи худро дошт, ки бисёр мусаввирон аз он баҳра бурда, ба камол расидаанд.

Умед аст, ки ин пешниҳоди холисона аз ҷониби ҳокимияти шаҳри Самарқанд дастгирӣ мешавад.

Анастасия ПАВЛЕНКО,
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
узви Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон.

БУХОРО – ПОЙТАХТИ ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ

Султонмурод ОЛИМ

ШАРАФИ ШАРИФ БУДАН

Эссе

Соли равон пешбинӣ шудааст, ки дар Бухоро чаҳор сана дар миқёси байналхалқӣ ҷашн гирифта мешавад. Созмони конфронси исломӣ доир ба масоили таълим, илму фан ва фарҳанг – АЙСЕСКО (ISESCO) дар соли 2020 шаҳри Бухороро "Пойтахти фарҳанги исломӣ" эълон кард. Барилова, имсол тантанаҳои ҷашни 915-солагии зодрӯзи Хоҷа Абдухолиқи Ғиҷдувонӣ, 700-умин солгарди Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, 500-солагии (ба ҳисоби солшумории ҳиҷрӣ) бунёд гардидани мадрасаи "Мири Араб" баргузор хоҳад шуд.

Ин навиштори адабиётшиноси шинохта, сармуҳаррири маҷаллаи "Нақшбандия" Султонмурод Олим ба равшан намудани мавзӯи "Бухоро — пойтахти фарҳанги исломӣ" бахшида шудааст.



АЙСЕСКО ҳар сол се шаҳри дунёро "Пойтахти фарҳанги исломӣ" эълон мекунад. Яке аз ин шаҳрҳо аз мамлакатҳои араб, дигараш аз Африқо, сеюмаш аз кишварҳои аҳолии мусалмонашон бештари Осиё интихоб мешавад.

Дар соли 2020 аз Осиё шаҳри Бухоро, аз давлатҳои араб Қоҳираи Миср, аз Африқо шаҳри Бамакои Мали ба мақоми "Пойтахти фарҳанги исломӣ" сазовор дониста шуданд. Ба дӯши шаҳрҳои мазкур вазифаи дар тӯли сол омӯхтани мероси исломӣ, ба амал татбиқ намудани чорабиниҳои маданию маърифатӣ доир ба муайян намудани мавқеи имрӯзаи "пойтахт"- ҳои мазкур дар олами ислом гузошта шудааст. Дар яке аз ин се шаҳр анҷумани вазирони фарҳанги давлатҳои узви Созмони ҳамкории ислом низ баргузор хоҳад шуд. Хабар доред, ки соли 2007-ум шаҳри Тошканд "Пойтахти фарҳанги исломӣ" эълон гардида буд.

Сабабу омилҳо

Албатта, АЙСЕСКО, қабл аз қабул кардани қарор, дар навбати аввал ба назар мегирад, ки ин ё он шаҳр дар тӯли таърих ба рушди тамаддуни исломӣ то кучо саҳм гузоштаст.

Бухоро дар тӯли таърих дар Осиёи Марказӣ маркази таълимоти исломӣ маҳсуб меёфт. Дар асрҳои миёна ба он унвони "Куббат-ул-ислом" ("Гунбази ислом") дода шудаст.

Ин байт аз он аҳд ба ёдгор монда:

Самарқанд сайқали рӯйи
замин аст,
Бухоро "Куббат-ул-ислом"-и
дин аст.

Дар аҳди Шӯравӣ низ дар Иттифоқ ба сифати нахустин муассисаи таълими исломӣ мадрасаи Мири Араб аз нав ба фаъолият шурӯъ карда буд. Он барои ҳудудҳое, ки мусалмонон бештар умр ба сар мебаранд, мутахассис тайёр кардааст. Аз ҷумла, сармуфтии мусалмонони Русия Шайх Равил Гайнуддин, раиси идораи мусалмонҳои Қафқоз, муфтӣ Шайх -ул-ислом Аллоҳшукур Пошшозода, раиси аввалини идораи мусалмонони Қазоқистон, муфтӣ Ратбек Нисанбаев, раиси аввалини идораи мусалмонони Туркманистон , муфтӣ Насрулло Ибодуллоев, муфтии Санкт-Петербург Ҷаъфар Пончаев, раиси идораи мусалмонони Қазон, муфтӣ Шайх Талъат Тоҷиддин, раиси идораи мусалмонони Қафқози Шимолӣ, муфтӣ Исмоил Бердиев, муфтии Нижний Новгород Умар Идрисов, нахустин Президенти Ҷумҳурии Чечнистон Аҳмадҳоҷӣ Қодиров, ҳамчунин, шодравон Шайх Муҳаммад Юсуф Муҳаммад Содиқ, раиси идораи мусалмонони Ӯзбекистон, муфтӣ Усмонхон Алимов ва уламои зиёде дар мадрасаи Мири Араб таълим гирифтаанд.

Дар тӯли солҳои истиқлолият бобати барқарор намудани арзишҳои исломӣ дар шаҳр корҳои бузург ба амал татбиқ гардиданд. Соли 1997-ум 2500-солагии шаҳри Бухоро дар миқёси байналхалқӣ мутантан ҷашн гирифта шуда буд. Ба муносибати ин сана дар шаҳр корҳои бузурги ободсозӣ ва таъмирию ҷаҳдидӣ ба амал татбиқ гардиданд. Ин ҷараён ҳанӯз идома дорад. Имрӯз Бухоро ба дараҷаи шинохтанашаванда тағйир ёфта, ба шаҳре табдил ёфтааст, ки таърихи куҳнаро дар канор дорад.

Кишвари мадрасаҳо ё худ "моҷаро"-и Шарку Ғарб

Ин гуфта: ҳамаи чизҳое, ки ҳоло бани башар дар рӯзгораш истифода мебарад, хусусан, воситаҳои техникӣ ва технологияҳоро аврупоиён ихтироъ намудаанд, ҳақиқати раднопазир аст. Аммо пӯшида нест, ки дар ин росто аз илму ихтирои шарқиён пурсамар истифода бурда мешавад. Дар Ғарб ҳодисаҳои ночизеро, аз қабили "Ин чиз нахустин бор дар мо ихтироъ шудааст", "Падари ин ё он фан дар мо зуҳур кардааст", "Таърихи ин ё он ҳалқ аз мо шурӯъ шудааст"... ба шаҳрошӯб табдил медиҳанд. Аммо ин гуфтаҳо бештар барои худи Ғарб навгонӣ маҳсуб меёбаду аз нодонӣ, ё дидаву дониста онро дар миқёси ҷаҳон ба сифати ҳодиса талқин менамоянд. Шарқ корвони вазнину пурбор аст. Бо чунин суханон худро тасаллӣ медиҳад: "Бигузор, садо баланд кунанд, оқибат ҳаҷ ба ҳаҷдор хоҳад расид...".

Дар рӯйи замин муносибат ба таърихи пайдоиши низоми таълими олӣ низ мисли ҳамин аст. Олими туркшинос Василий Радлов (1837 - 1918) вақте дар кишварамон сафари илмӣ анҷом медод, дар китоби хотираҳояш "Аз Сибир" ҳайрати худро аз он, ки дар сартосари мамлакати "беинжинер" як низоми мукаммали ирригатсионӣ рӯйи кор омадааст, пинҳон дошта натавонистааст. Зеро дар тасаввури ӯ ва аврупоиён Шарқ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, як минтақаи қашшоқу пасмондаест. Онҳо дар ин хусус муттаҳӣ бар онанд, ки дар мо муассисаҳои таълими олии ҳаммонанди муассисаҳои таълими олии Ғарб вуҷуд надоштаанд. Дар тасаввури онҳо дар мадрасаҳои мо танҳо таълими илмҳои динӣ ба роҳ монда шуда буд. Ҳол он ки дар гузашта, хоссатан дар қарнҳои IX–XII ва XIV—XV ба рушди тамаддуни Шарқи исломӣ саҳми илму фан ва фарҳанги Осиёи Марказӣ назаррас будааст. Суоле табиӣ пайдо мешавад, ки мадрасаҳо аввал дар кишварҳои мо арзи ҳастӣ намудаанд ё дар Маккаю Мадина? Ҳақиқат ин аст, ки мо таърихамонро ҳанӯз хуб намедонем. Ба наздикӣ асареро, ки дар асоси воқеаҳои асри X навишта шудааст, хондам. Дар он қаҳрамон – ҷавони самарқандӣ ва хатмкардаи мадрасаҳои Маккаю Мадина ба сифати як олими бузург қаламдод шудааст. Бояд дақиқ муайян намуд, ки дар Маккаю Мадина оё мадрасае вуҷуд дошт? Зеро Алазҳар, ки дар олами араб донишгоҳи бузургтарин маҳсуб меёбад, соли 988 таъсис ёфтааст. Он низ, дар асл, муассисаи таълими динӣ маҳсуб меёфт. Амалан дар охири қарни XIX мақоми донишгоҳи замонавиро гирифтаст. Сари чанд вақт мардум ин гуфтаро ба забон меоварад: "Гарчи решаи дарахти ислом дар марзи араб аст, аммо он дар Мовароуннаҳр шоҳа кард". Ин гуфтаи беасос нест. Зеро рушди дини муқаддасамонро, бе мероси илмию маърифатии аллома-ҳое, ки дар Осиёи Марказӣ зуҳур кардааند, наметавон тасаввур кард.

Касе, ки рисолаи академик Ботурхон Валихӯҷаев "Мадрасаҳои аҳди Мирзо Улуғбек"-ро (2001) хондааст, ба фикри муаллифи асари бадеие, ки дар боло аз он сухан ба миён омад, ҳамроҳ шуда наметавонад. Зеро то имрӯз дар илм нуқтаи назаре мавҷуд аст, ки таърихи мадрасаҳои олами ислом аз қарни X шурӯъ шудааст. Бульаҷаби дигараш ин аст: уламо мӯъташқиданд, ки нахустин мадрасаҳо дар асри X на дар Арабистон, балки дар Нишопури Эрон бунёд гардидаанд. Ин нуқтаи назар низ саҳеҳ набудааст. Муҳаммади Наршахӣ "Дар таърихи Бухоро" овардааст, ки дар Бухоро бар асари боронгарии зиёд мадрасаи Форчак хеле зарар дид. Бо такя ба ин оварда, муаллифи рисола натиҷа мегирад, ки мадрасаҳо дар Мовароуннаҳр дар охири асри VIII пайдо шуда, дар давраи гул-гулшукуфии давлати Сомониён (қарнҳои IX–X) бештар бунёд гардидаанд.

Бад-ин тариқ, рисолаи таълифнамудаи Ботурхон Валихӯҷаев "умр»-и муассисаҳои таълими олиро ба ду аср дароз мекунад ва ба масъалаи ватани аслии мадрасаҳо кучост равшанӣ меандозад, ки нахустин мадрасаҳо дар асри X на дар Нишопур, балки дар асри VIII дар Мовароуннаҳр пайдо шудаанд. Ин ҷо дар навбати аввал мадрасаҳои Бухоро дар мадди назар дошта шудаанд. Дар мо ҳокимону сарватмандон на хонаҳои шахсии муҳташам, балки масҷиду мадраса ва мақбараю хонақоҳ сохтаанд. Ку, бигӯед, дар кадом шаҳр аз сармоядорони мо хонаҳои муҳташами шахсӣ ба ёдгор мондаанд? Дар аҳди пеш ҳеч кас масҷиду мадрасаҳоро пайи судчӯйӣ бунёд накардааст. Зеро баъди қад афрохтани бино он ба ихтиёри толибони илм чун вақф дода шудааст. Вақте мулк вақф шуд, он пурра аз ихтиёри такядор (ҳомӣ) мебарояд. Мадрасаҳо, дар баробари илмҳои динӣ, барои омӯхтани илмҳои дунявӣ низ вазифаи мактабро иҷро кардаанд. Пӯшида нест, ки бисёр нобиғагони илму фане, ки зодаву парвардаи ин марзу буманд, ба тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд. Мероси маънавии ба ёдгор гузоштаи онҳо чанд қарн аст, ки қути бани башар аст. Мадрасаҳои сершумори Бухорои куҳан ба шуҳрати он афзудааند. Он шаҳре буд, ки толибилмон ба канораш аз гӯшаҳои гуногуни дунёи барои илм омӯхтан меомаданд. Ин аньана дар асрҳои баъдӣ низ идома пайдо кардааст. Муаррихи аҳди Аштархониён Маҳмуд ибни Валӣ (қарни XVII) хидмати Бухороро ба сифати маркази илмӣ чунин арзёбӣ мекунад: "Аз он ки олимонаш зиёданд, ин шаҳрро "чашмаи уламо ва илму фан" номидааند. Сайёҳи рус Н. Хаников дар хотираҳои худ дар бораи Бухоро ба сифати маркази донишҳои диниву дунявӣ фармудааст: "Бухоро маркази интишори илм буду ҳаст".

Дар асрҳои миёна мадрасаҳои Бухоро ба сифати маскани илму дониш на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар Шарқи мусалмон низ машҳур буд. Дар қарнҳои XIX–XX дар мадрасаҳои Бухоро бузургоне мисли Аҳмади Дониш, Мавлоно Муқимӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат таълим гирифтаанд. Дар ҳоли ҳозир дар Бухоро 4 муассисаи таълими олӣ, 1 филиали муассисаи таълими олӣ, чанд муассисаи таълими миёнаи махсус кору фаъолият доранд.

Бухороро чаро шариф гӯянд?

Мақоми шарифӣ дар асл ба шаҳрҳо дода мешавад. Дар олами ислом Маккаи мукаррама, Мадинаи мунаввара, Қуддуси шариф, Димишқи шариф, Бағдоди шариф, Мазори шариф ва Бухорои шариф сазовори чунин мақом гардидааند. Аммо ҳар як шаҳр маркази ҳудуде маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, рӯзгоре вақте "Бухорои шариф" мегуфтанд, ин шараф ба тамоми хонигарии Бухоро (дертар аморат) тааллуқ дошт. Ҳоло ин ном ба тамоми вилоят нисбат дода мешавад. Бинобарин, вақте тавассути вилояти Навоӣ аз болои кӯпруки Зарафшон гузашта, ба вилояти Бухоро ворид шавед, чашматон ба навиштаҷоти "Ба Бухорои шариф хуш омадед!" меафтад. Ё дар баъзе манбаъҳо чашматон, ба ҷойи "Димишқи шариф", ба ибораи "Шоми шариф" меафтад. Шом ҳудуди бузургест, ки Димишқро дар канор дорад, рӯзгоре тамоми мамлакат номи Шомро гирифта буд.

Мо калимаву ибораҳои зиёдеро кор мефармоему ба ҷойи баромад ва маъноияшон эътибор намедиҳем. Ҳол он ки дар замири бузургдошти ин ҳафт шаҳри шариф сабаб, маънову мазмуни муайяни динӣ нуҳуфтааст. Вале моро бештар сабаби шариф номида шудани Бухоро мутаваҷҷеҳ месозад. Китоби "Таърихи Бухоро", ки зодаву парвардаи деҳаи Наршахи ноҳияи Вобкенти вилояти Бухоро, муаррихи бузург Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ дар бораи гузаштаи Осиёи Марказӣ навиштааст, нахустин сарчашмаест, ки ба олими мо мутааллиқ аст. Бо вуҷуди бузургҳаҷмӣ тасмим гирифтем, ки аз ин китоб пораеро иқтибос оварем: "Дар ҳадисе номи "Бухоро" "Фохира" омадааст. Хоҷаимом, зоҳид ва воиз Муҳаммад ибни Алии Нуҷободӣ (дуруд ва раҳмати Худо бар ӯ бод!) аз Салмони Форсӣ (вай дар асл эронӣ буда, яке аз саҳобагони паёмбар Муҳаммад (с.а.в.) маҳсуб меёфт, соли 655 вафот кардааст – **С. О**) ҳадисе ривоят кардааст. Бино ба нақли Салмон, паёмбар (раҳмату дуруди Худо бар ӯ бод!) чунин гуфта: "Ҷабраил (раҳмати Худо бар ӯ бод!) гуфтааст: дар самти тулӯъи офтоб манзилест, ки онро "Хуросон" гӯянд, се шаҳри онро дар рӯзи қиёмат бо ёқуту марҷон биороянд; аз онҳо нур интишор ёбад; дар гирду атрофи ин шаҳрҳо фариштагон бисёранд, онҳо тасбеҳ, ҳамд ва такбир мегӯянд; мисле ки арӯсро ба хонаи домод баранд, он шаҳрҳоро бо иззату икром ба маҳшаргоҳ мебаранд. Дар ҳар яки ин шаҳрҳо ҳафтод ҳазор парчам (байрақ), дар зери ҳар як парчам ҳафтод ҳазор шаҳидест ва ба шарофати ҳар як шаҳид ҳафтод ҳазор нафари форсигӯйе, ки Худоро "ягона" меҳисобанд, аз ранҷу азоб раҳоӣ ёбанд. Дар рӯзи қиёмат ҳар як тарафи он шаҳрҳо – росту чап, пешу пас даҳрӯза роҳ буда, дар ҳар тараф шаҳидон бошанд". Ҳазрати паёмбар (дуруд ва раҳмати Худо бар ӯ бод!) суол кард: "Эй Ҷабраил! Он шаҳрҳо чӣ ном доранд? Ҷабраил (дуруди Худо бар ӯ бод!) посух дод: "Номи яке аз шаҳрҳо дар арабӣ "Қосимӣ" бошад, ки ба форсӣ "Яшкард" гӯянд; номи дигараш дар арабӣ "Самарон" бошад, ки ба форсӣ "Самарқанд" гӯянд; сеюмаш дар арабӣ "Фохира" бошад, ки ба форсӣ "Бухоро" гӯянд. Паёмбар (дуруд ва раҳмати Худо бар ӯ бод!) суол кард: "Эй Ҷабраил! Чаро "Фохира" гӯянд? Ҷабраил посух дод: "Зеро дар рӯзи қиёмат зиёд будани теъдоди шаҳидон мояи фахру ифтихори ӯст". Пайғомбар (дуруд ва раҳмати Худо бар ӯ бод!) гуфт: "Эй Худо! Ба Фохира баракат ато кун, дили ҳалқҳои онро бо такво пок нигаҳ дор, корҳояшонро покиза намо ва дили онҳоро ба умматони ман меҳрубон соз!"

«Бад-ин маънӣ ба раҳмдилию эътиқодмандӣ ва покии бухороиён тулӯъу ғуруби офтоб гувоҳ аст". (Ниг. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ, "Таърихи Бухоро", Тошканд, "Фан", соли 1966, саҳ. 27-28).

Муаррихи қарни XV Аҳмад ибни Маҳмуди Бухорӣ дар асари худ "Таърихи Муллозода" бо такя ба асари Маҳмуди Замахшарӣ "Рабеъ-ул-аброр" ин ҳадисро овардааст: "... Ҷабраил (а.с.) зикри кадоме аз шаҳрҳоро овард ва онро "Фохира" номид, ки ба форсӣ "Бухоро" бошад. Ба ӯ Расулуллоҳ (с.а.в.) гуфт: "Чаро "Фохира" гӯянд?". Ӯ гуфт: "Аз он, ки ин шаҳр дар рӯзи қиёмат ба сабаби бисёр будани шаҳидонаш фахр мекунад"... (Аҳмад ибни Маҳмуди Бухорӣ. "Таърихи Муллозода. Зикри мазорҳои Бухоро", Тошканд, нашр."Янги аср авлоди", 2009, саҳ,19).

Шояд ба сари ҳар касе, ки ин ҷумлаҳоро хондааст, чунин фикр ояд: "Шояд ба ҳамин сабабҳо Бухороро Бухорои шариф гӯянд". *Ин натиҷагирии якум.*

Тахмини дуюм ин аст, ки баъзеҳо инро аз шарофати Абӯҳафси Кабири Бухорӣ донистаанд, ки ба васеъ паҳн кардани мазҳаби фақеҳи бузург Имоми Аъзам дар Осиёи Марказӣ саҳми назаррас доштааст. Дар Бухоро он зотро "Ҳазрати имом" номидааند. Дар солҳои истиқлолият болои қабри эшон мақбарае қомат афрохт.

Тахмини сеюм: аксарият бар онанд, ки шарифии Бухоро ба номи муқаддаси Имом Бухорӣ, ки дар олами ислом баъди Муҳаммад (с.а.в.) мавқеи мӯътабар дорад, вобаста аст. Зеро ин ҳамватани мо ҳадисҳои Расулуллоҳ (с.а.в.)-ро полуда, асолаташонро ҳифз кардааст. Тавре ки Президенти муҳтарами мо Шавкат Мирзиёев аз минбари волои СММ қотеъона таъкид намуд: "Саҳеҳи Бухорӣ" китоби муътабарест, ки дар олами ислом баъди Қуръони карим дар ҷойи дуюм қарор дорад.

Тахмини чаҳорум ба ҳафт пир тааллуқ дорад. Зеро, агар гӯем, ба шарофати ҳамин ҳафт пир, ки тариқати хоҷагон-нақшбандияро ба олами ислом интишор додаанд, Бухоро ба "Бухорои шариф" табдил ёфт, аз мантиқ дур нест. Баъзе шояд чунин меҳисобанд, ки Бухоро ин номи муътабарро маҳз ба шарофати Баҳоуддини Нақшбанд гирифтааст. Зеро ин зоти шариф тасаввуферо, ки дар канори ислом пайдо шуда буд, ба мақоми олӣ бардошт, ба он нафаси ҳаётро дамид.

Тахмини панҷум ин аст, ки баъзеҳо шарифии Бухороро дар он мебинанд, ки мадрасаҳояш зиёданд. Адиби бузург Абдурауф Фитрат (1886-1938) дар асари худ "Баёноти сайёҳи ҳинд" аз забони дӯсти бухороии саёҳи ҳинд изҳор доштааст, ки дар Бухоро қариб 200 мадраса вуҷуд дорад.

Тахмини шашум низ ҳаст, ки ба номи Абӯалӣ ибни Сино иртибот дорад. Беъзеҳо бар онанд, ки ба туфайли донишу бинишҳои илмии ӯ номи Бухоро вирди забонҳо шудаст.

Аммо ҳақиқати дигаре вуҷуд дорад, ки ба рӯйи ҳамаи ин тахминҳо хати бутлон мекашад. Дар мақолаи олими шинохта, доктори илмҳои таърих Қаҳрамон Рачабов, ки ба Сайфиддин Бохарзӣ бахшидааст, маълумоте ҳаст, ки ба ин масъала равшанӣ меандозад. Дар он, аз ҷумла, гуфта шудааст: "Тавре ки дар "Таърихи Банокатӣ" (асри XV) оварда шудаст, модари хоқонҳои муғул Мункэхон (1251-1260), Ҳулагухон (1256-1265) ва Ҳубилайхон (1259-1294)– Суюрқӯктани бека (беваи Тулуй) дар Бухоро баъди созондани мадрасаю хонақоҳҳо ба онҳо деҳаҳои зиёдеро вақф намуда, Шайх Сайфиддини Бохарзиро мударрис ва мутаваллӣ таъин кард. Шайх дар ҳаётӣ иҷтимоию сиёсии Туркистон мавқеи калон дошт. Хони Олтин Ӯрда Беркахон (набераи Чингизхон, солҳои ҳукмрониаш — 1255-1266) муътақиди ӯ гардида, ба Бухоро мероҷ ва муршидии пирро пазируфта, дини исломро қабул мекунад. Беркахон баъди қабули ислом, ба ҳуд номи "Баракахон"-ро мегирад ва дар ҳудуди давлати бузурге, ки аз Қафқози Шимолӣ то Сибир тӯл кашида буд, дини исломро ҷорӣ намуда, масҷиду мадрасаҳо месозонад. Баъди ин воқеа ба Сайфиддини Бохарзӣ унвони "Шайх-ул-олам", ба шаҳри Бухоро бошад мақоми "Бухорои шариф" дода шудааст... Сайфиддини Бохарзӣ дар мавзеи Фатҳобод (дар рӯ ба рӯйи дарвозаи Қаршӣ) дафн шудааст. (Рачабов Қ., Сайфиддини Бохарзӣ, — "Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон", Чилди 7, Тошканд. 2004, саҳ. 434).

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ байти арабие дорад, ки ин аст:

Кафа бил-маъра иъзан ва
ифтихоро,
Бана қада кана масвоҳу
Бухоро.

Дар ин байт ба шаҳри шариф арҷ гузошта шудааст, мазмун: "Ҷилваи Бухоро дар ин намо барои фахр ифтихори зоти инсоне, ки онро офаридааст, кифоя мекунад".

Дар асри XV Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ Бухороро бад-ин тарз ситудааст:

Сикка, ки бар Ясрибу Батҳо
заданд,
Навбати охир ба Бухоро
заданд.
Аз хати он сикка нашуд
баҳраманд,
Ҷуз дили бенақши шаҳи
Нақшбанд.
В-он гуҳари пок на ҳар ҷо
бувад,
Маъдани он хоки Бухоро
бувад.

Алишер Навоии бузург гарчи як муддат дар Самарқанд таълим гирифта, Бухороро надида бошад ҳам, дар баъзе ғазалҳояш ба таъриф ва тавсифи он пардохтааст. Мисол:

Азми Бағдоду Бухоро айлаган
аҳбоб учун,
Берса тонг йўқ элга ашким
Дажлаву Жайҳунни ёд.

Мазмуни байт: барои дӯстоне, ки азми Бағдоду Бухоро кардаанд, аҷаб нест, ки чашмҳоям Дачлаву Ҷайҳунро ба ёд оранд. Бузургвор Бобораҳим Машраб (1640—1711) дар васфи Бухоро мухаммасе дорад, ки банде аз онро ин ҷо овардан мувофиқи мақсад аст:

Миёни ин вилоят мулки
амният Бухороят,
Канори баҳри раҳмат гавҳари
қимат Бухороят,
Шарифу ҳам латифу афзали
мулкат Бухороят,
Ки то явм-ул-ҷазо бенуқсу
беофат Бухороят,
Чаро ки кони илму тақвию тоат
Бухороят.

Диёри авлиё

Дар "Насоим -ул-муҳаббат"-и Навоӣ Бухоро 19 маротиба ба забон гирифта шудааст. Дар асар ватани аслии баъзе шайхон ба забон гирифта нашуда бошад ҳам, маълум аст, ки бухороиянд. Баъзе шайхон худ бухороӣ набошанд ҳам, дар ин ҷо истиқомат кардаанд ё қабрашон дар ин ҷост. Баъзе шайхон як муддат дар ин ҷо таҳсил кардааند. Хулоса, шайхони бухороӣ инҳоянд: Абӯбакр Фозилбони Бухорӣ, Хоҷа Абдухолиқи Ғиҷдувонӣ, Хоҷа Орифи Ревгарӣ, Хоҷа Маҳмуди Анҷирфағнавӣ, Хоҷа Алии Ромитанӣ, Хоҷа Маҳмуд Бобои Самосӣ, Саййид Амири Кулол, Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, Хоҷа Алоуддин Аттори Бухорӣ, Хоҷа Муҳаммад Порсои Бухорӣ, Хоҷа Ҳофизиддин Абӯнаср Муҳаммад Ҳофизи Бухорӣ, Хоҷа Ҳасани Аттор (писари Алоуддин Аттори Бухорӣ), Хоҷа Алоуддини Ғиҷдувонӣ, Мавлоно Низомиддини Хомӯш, Шайх Абулаббос Қассоби Омулӣ (Омул, яъне Чорҷуйи имрӯза дар он аҳд дар таркиби Бухоро буд).

Сиёсати пайгирона

Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев 10 марти соли 2017 вақте аз мачмаъи Баҳоуддини Нақшбанд дар Бухоро дидан кард, доир ба боз ҳам обод кардани ин мавзеъ, фароҳам овардани шароити мусоид барои зоирин ба мутасаддиён супориҳои дахлдор дод. Ӯ баъди як сол, яъне 16-17 феврали соли 2018 ба вилояти Бухоро ташриф оварда, зиёратро айнан аз ин ҳудуди мукаддас оғоз намуд. Корҳои дар тӯли як сол анҷомдодаро аз назар гузаронд. Ба роҳбари давлат бино ба корҳое, ки дар доираи таҷдиду таъмири мачмаъҳои мазкур ва кушодани самтҳои нави сайёҳӣ рӯйи кор омадааند, маълумот дода шуд. Таъкид гардид, ки аз нав таъмир кардани мачмаъҳои мазкур, бунёди иншооту биноҳои иловагӣ, обод кардани гирду атрофи онҳо, сохтани меҳмонхона, чойхона, мачмаъҳои тиҷоратӣ, қароргоҳи автомобил ба нақша гирифта шудааند. Президент доир ба ташкили инфрасохтори замонавӣ дар қади роҳҳои байни мачмаъҳо супориш дод.

— Дар қад-қади роҳҳои байни оромгоҳҳои ҳафт пир дар бораи онҳо лавҳаҳои маълумот насб гардад. Бигузор, зоирин донанд, ки онҳо кӣ будааند. Барои ин бояд ба омода кардани кадрҳо эътибор диҳем, — гуфт ӯ.

22 феврали соли 2018 таҳти раёсати Президенти мамлакат бахшида ба зиёд кардани омаду рафти сайёҳони хориҷӣ ба кишвар ва рушди минбаъдаи сайёҳии дохилӣ, беҳ сохтани хидмати сайёҳӣ ва афзудани намудҳои он ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор шуда буд. Дар он, аз ҷумла, ҳисоботи масъулин доир ба ташкил додани ҳудуди сайёҳие, ки дар шаҳрҳои қадимӣ шабу рӯз кор мекунанд, минтақаҳои сайёҳии "Бухорои қадимӣ" ва "Самарқандсити" шунида шуд.

29 апрел — 1 майи соли 2018 бино ба даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Президенти Ҷумҳурии Туркия Рецеп Таййип Эрдӯғон бо сафари расмӣ ба мамлакатамон омад ва 1 май ба Бухоро ташриф овард. Вай аввал мачмаъи Баҳоуддини Нақшбандро зиёрат намуд. Соли 2017 бо ташаббуси Президентамон дар ҳудуди мачмаъа мадрасаи олии Мири Араби Идораи масалмонони Ӯзбекистон ба кор шурӯъ карда буд. Ин даргоҳ, баъди Донишкадаи исломии Тошканд ба номи Имом-ал-Бухорӣ, дар мамлакат дуюмин муассисаи таълими олии исломӣ гардид (Академияи исломии Тошканд муассисаи таълимии давлатиест, ки дар баробари таълими динӣ таълими дунявӣ низ медиҳад). Ба Президенти Туркия доир ба таъриху фаъолияти мадрасаи мазкур маълумот дода шуд. Меҳмони олимартаба изҳор дошт, ки замини мукаддаси Ӯзбекистон гаҳвораи алломаҳои бузург аст, ӯ ба таъриху мероси фарҳангии ғанӣ мо арҷ мегузорад.

Президенти Туркия бо ҳамроҳии сарвари мамлакатамон аз ҳисори Арк ва мачмаъи Пойи Калони қадимии шаҳр дидан кард. Дар мадрасаи Мири Араб ба арвоҳи гузаштагон тиловати сураҳои Қуръон ба вуқӯъ пайваст. Меҳмони олимартаба дар қисмати таъриҳии шаҳри Бухоро (аз Арк то мачмаъи Лаби Ҳавз) бо намоишгоҳе, ки дар он маҳсулоти зардӯзӣ, заргарӣ, гилемдӯзӣ, кашидадӯзӣ, кулолгарӣ ба маъраз гузошта шуда буд, шинос шуд.

8 майи соли 2018 фармоиши Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба тасвиб расид. Дар он, аз ҷумла, "Барномаи ба амал татбиқ намудани чорабиниҳои ташкилию амалӣ, маданию маърифатӣ ба муносибати соли 2020 "Пойтахти фарҳанги исломӣ" эълон гардидани шаҳри Бухоро "Харитаи роҳ" низ тасдиқ гардид".

Чунин сиёсати пайгирона ба дину мероси маънавӣ дар Ӯзбекистон аз назари аҳли ҷаҳон дар канор намондааст. 26 июли соли 2018 дар таъриҳи ИМА бори аввал дар Вашингтон доир ба масъалаҳои озодии дин дар сатҳи вазирони мамлакатҳо конфронс баргузор шуд. Дар он аз 80 мамлакати ҷаҳон, аз ҷумла, аз Ӯзбекистон низ намояндагон ширкат ҷустанд. Дар чорабинӣ қайд гардид, ки кишвари мо дар таъмини озодии инсон комёб мегардад, роҳбарияти мамлакат ислоҳотро дар ин самт пайгирона идома медиҳад. Аз ҷониби аҳли ҷомеаи ҷаҳон эътироф гардид, ки шаҳрвандони мо натиҷаи корҳои амалиеро, ки сиёсати нав дар бахши дин ва озодиҳои инсон пиёда месозад, эҳсос менамоянд.

Бале, мерос шабеҳи решаи дарахт аст. Реша ҳар қадар умқ дошта бошад, дарахт ба он андоза нашъунумӯ мекунад ва меваи фаровон медиҳад.

Бухоро – Ватан

Ҳамагӣ 30 сол аст, ки мо ба сифати халқ, ба маъноии замонавиаш соҳиби давлати миллӣ гардидем. Дар ин фурсати кӯтоҳ мо халқ, миллат шудем, ки мояи ифтихор аст.

Бухоро дар навбати аввал аз они мост, дар баробари ин, аз они бани башар низ мебошад. Ҳар қадар бо он фахр кунем, меарзад. Мо ба макону мавзеъҳои бостониву бӯстониамон ҳар қадар арҷ гузорем, аҳли дунё низ ба он андоза эҳтиром менамояд. "Пойтахти фарҳанги исломӣ" эълон гардидани Бухорое, ки ба рушди тамаддуни исломӣ саҳми назаррас гузоштааст, ба шаъну шарафи он меафзояд.

Мо ҳақиқатеро бояд ҳеч гоҳ фаромӯш накунем, ки дар рӯйи Замин шаҳрҳои бузурге мисли Бухорои шариф он қадар бисёр нестанд.

ГӮШАИ МЕТОДӢ

«ДОНИШ АНДАР ДИЛ ЧАРОҒИ РАВШАН АСТ»

Солҳои донишҷӯй дар Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд борҳо аз суҳбати устоди равоншодам, доктори илмҳои филология Абдуманнон Насриддинов баҳра бурдаам ва аз ин суҳбатҳо ғизои маънавӣ ҳосил кардаам. Он кас аз маъруфтарин устодони мо маҳсуб меёфтанд, ки ҳар як дарсашон пурмуҳтаво ва диққатҷалбкунанда буд.

Дар ҷараёни яке аз дарсҳо таъкид намуданд, ки ҳар як омӯзгори адабиёт бояд ба як нуктаи муҳим таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Ҳамин нуктаи муҳим инъикоси мавзӯи панду ахлоқ дар ашъори соҳибқирони шеъри ноби форсӣ Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рӯдакӣ мебошад. Баъд Насриддинов пораҳо аз шеърҳои панду ахлоқии Одамушшуароро ба таври ба худ хос мехонданду мағзу маъноякро ба мо равшану возеҳ шарҳ медоданд.

Вақте ки солҳои донишҷӯй паси сар шуд, барои кор ба мактаби деҳа омадам, то ки дониши андӯхтаамро ба амал татбиқ намоям. Аз рӯзҳои аввал сар карда бо масъулият ба кори омӯзгорӣ пардохтам. Хусусан, зимни дарси адабиёт ҳамон таъкиди устод Насриддинов ҳамеша дар як гӯшаи хаёлам ҷилва мекунад.

Ҳоло низ дар ҳар соати дарсу машғулият кӯшиш мекунам, ки ба шогирдон маънову муҳтавои осори адибони ғузаштаву муосирро хеле хуб фаҳмонам, ба саволҳои онҳо ҷавобҳои саҳеҳу равшан диҳам. Маҳз дар ин гузориш хостам мавзӯи панду ахлоқ дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳ Рӯдакиро дар меҳвари асосӣ қарор диҳам.

Албатта, тибқи дарсҳои маъмулӣ ба шогирдон қабл аз он, ки роҷеъ ба мавзӯи мадди назар маълумот диҳам, мухтасар дар бораи ҳаёт ва фаъолияти сардафтари адабиёти классикӣ Устод Рӯдакӣ таваққуф менамоям. Бештар маълумотеро ироа мекунам, ки берун аз китоби дарсӣ гирдоварӣ кардаам.

Баъд аз он ки ин нукот ба таври мухтасар баён гардид, ба баёни асли мавзӯъ мепардозам. Ба шогирдон мегӯям, ки аз устод Рӯдакӣ то замони мо шеърҳои пароканда ба мерос боқӣ мондаанд, вале ана ҳамин ашъори пароканда ӯро дар адабиёти мо ҳамчун шахсияти бузург ва оламшумул муаррифӣ кардаанд. Рӯдакӣ омӯзгори бузург ва талқингари панду ахлоқи ҳамида мебошад. Дар шеърҳои зиёди ӯ ахлоқи пок, одаму одамгарӣ, инсонпарварӣ, ақлу хирад, илму дониш ва мардонагӣ хеле хубу нишонрас талқин шудаанд.

Дар идома ба шогирдон шарҳ медиҳам, ки ҳатто як байти устод Рӯдакӣ маънову муҳтавои як китобро соҳиб мебошад. Барои тасдиқи фикри худ ин байти ӯро барои онҳо мехонам:

Замона ғуфт маро:
«Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на бар банд
аст, пой дар банд аст».

Шарҳ медиҳам, ки одам ҳангоми ба хашм омадан ҳарчи ба забонаш ояд, бидуни истиҳолаву андеша баён мекунад, дилҳороҳ меранҷонад, аз захми забони ӯ чанд қалб маҷрӯҳ мешавад. Аммо баъд пушаймонӣ мешавад, ки сари ҷаҳл натавонист забони худро нигаҳ дорад.

Аз назари Рӯдакӣ ин ҷаҳон дарёеро мемонад, ки кас танҳо бо киштии накӯкорӣ ба он тарафи соҳил худро мерасонад. Ин ҷаҳор мисраъ шеър аз байтҳои маъруфи Устод Рӯдакӣ мебошанд. Аз ин байтҳо устодон, калонсолон дар нишасту маҳфилҳо истифода мекунанд:

Ин ҷаҳонро нигар ба
чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар
ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз
накукорӣ
Киштие соз, то бад-он
гузарӣ!

Мушкил нест ба атроф бо чашми хирад ва ақлу заковат назар куниву бубинӣ, ки ҳар гуна одамро некӣ ба манзили мурод мерасонад. Ҳеч кас аз бадӣ ба натиҷае нарасидааст. Одам бояд ба дигарон некӣ кунаду савоб гирад.

Баъд аз худи бачаҳо мепурсам, ки оё ба ҳамин моманд ягон ҳодисаро ба ёд оварда метавонанд. Ба ин васила муайян кардани мешавам, ки шогирдон моҳияти мавзӯро то чӣ андоза дуруст сарфаҳм рафтаанд ва оё метавонанд дар вокуниш ба он ягон мисоли ҳаётӣ ованранд.

Дар бораи он ки ҳаёт барои ҳар як фард бузургтарин омӯзгор аст, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аллакай дар замони худ муносибаташро ба воситаи як байти машҳури худ дар ин робита иброз доштааст. Ин байт низ дар нишасту маҳфилҳои гуногун батакрор вирди зубони умум мегардад:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз ғузашти
рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч
омӯзгор.

Ба шогирдон мефаҳмонам, ки чаро барои одаме, ки аз дарси ҳаёт таҷриба ҳосил накарда ва хулосаи дуруст набаровардааст, ягон маслиҳату машварати дигар барои ӯ таъсири мусбат расонида наметавонад. Дар ин байт Одамушшуаро маҳз ба ҳамин нукта ишора кардааст, ки барои чунин афрод роҳ нишон додан талоши беҳуда мебошад.

Барои он ки соати дарсӣ шавқовар гузарад, ду нафарро ба мусобиқа даъват мекунам. Ҳарду аввал дар алоҳидагӣ ба овози баланд ин байтро қироат мекунанд, пас ба ташреҳи мундаричаи он мепардозанд.

Дарвоқеъ, баъзан шогирдон зимни шарҳ шояд ҳарфҳое ба забон ованранд, ки ҳатто омӯзгор дар ҳайрату шигифт монад. Баъди шарҳи шогирдон мавзӯъро мухтасар хулоса мекунам ва саёҳати худро дар гулистони шеърҳои панду ахлоқии устод Рӯдакӣ идома мебахшам.

Дар як байт Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин мефармояд:

Чун теғ ба даст ориӣ,
мардум натавон кушт.
Наздики Худованд бадӣ
нест фаромушт.

Аввал аз шогирдон мепурсам, ки онҳо аз ин байт чӣ маънӣ дарёфтаанд ва оё кадоме аз онҳо метавонад фикрашро баён созад. Агар зеҳни шогирдон дар тафсири ин байт кундӣ кунад, дар он сурат ба маънидод кардани он худам мепардозам:

Дар байти мазкур он маънӣ ниҳон аст, ки агар рӯзе ба дасти касе ногаҳон теғе афтад, вай талош мекунад, ки бо ин теғ ба ҷони чанд одам зарар расонад. Аммо Худованд асло барои чунин кори бад бандаашро намебахшад.

Мардуми мо меҳмонро хеле азизу мукаррам медоранд. Ҳар як хонавода кӯшиш мекунад, ки иззати ӯро ба ҷо оварад ва ҳар чӣ дорад рӯйи дастурхон ғузорад. Аммо меҳмонӣ набояд дер пояд. Беҳтар аст ғӯянд, ки чаро дер боз ба хонаи мо наомадӣ. Ин маънӣ дар як байти устод Рӯдакӣ ҚАЗОВАТ шудааст:

Чунон ки хубии
меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд,ки бознаёмад,
азиз меҳмон буд.

Яъне ҳамон дӯст ё меҳмон азиз аст, ки агар зуд-зуд ба хонаат наояд, дар акси ҳол обрӯяш назди ту коста мегардад ва аз азизии ӯ ному нишон боқӣ намемонад.

Дар ҷойи дигар устод Рӯдакӣ дар тарғиби донишу хирад байте фармудааст. Ба ақидаи ӯ барои ҳар як фард аз омӯхтани илму фарҳанг чизи қиматтаре нест:

Ҳеч ганҷе нест аз
фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин
ганҷ неҳ.

Иштибоҳ хоҳем кард, агар шеъри машҳури устод Рӯдакиро дар бораи омӯзиши илму дониш ба шогирдон нахонему тафсир накунем. Ростӣ, ин шеъ чандон ба шарҳу тафсир эҳтиёҷ надорад.

То ҷаҳон буд аз сари
одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш
бениёз...
Дониш андар дил чарогӣ
равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани
ту ҷавшан аст.

Дар охир ба шогирдон вазифа месупорам, ки дар баробари азёд кардани пораҳои шеърие, ки дар китоби дарсӣ дода шудаанд, баъзе байтҳои дар дарси имрӯза ёдоваришударо низ аз ёд кунанд, ки ба мақсад мувофиқ аст.

Зарифҷон БОТИРОВ,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби таҳсилоти умумии рақами 14 ноҳияи Сӯх.

АКСИ САДО

АРЗАНДАВУ ЗЕБАНДАИ ПАЙКАРА АСТ РӮДАКӢ

Таърихи беш аз ҳазорсолаи адабиёти имрӯзаи тоҷик бо номи бунёдгузори он Устод Рӯдакӣ сахт вобаста аст. Муосиронаш ва суханварони баъдина ӯро бо унвонҳои «Устоди шоирони ҷаҳон» (Кисоии Марвазӣ), «Зебандаи шоирони олам» (Рашидии Самарқандӣ), «Соҳибқирони шоирӣ» (Низомии Арӯзӣ), «Қофиласолори назми форсӣ», «Султони шоирон», «Одамушшуаро», «Маликушшуаро» ва монанди инҳо ёд кардаанд. Ин ҳамон эътирофи умум аст, ки имрӯз Рӯдакиро сардафтар ва асосгузори адабиёти тоҷику порс меномем.

Асосгузор ва сардафтари адабиёт будани Рӯдакӣ маънои онро надорад, ки пеш аз дигарон асар эҷод карда бошад, зеро пеш аз ӯ ҳам шеъру адабиёт вуҷуд дошт. Пас, мақоми хосаи таърихии Рӯдакӣ чун асосгузори назми тоҷику форс, ҳунари шоирӣ ва сирри маҳбубияти ӯ дар чист?

Ҷавоб чунин бояд бошад: Рӯдакӣ дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин шоирест, ки бо забони форсӣ-дарӣ ашъори ҳаҷман беқиёсро дар навъҳои ғиноӣ ва ҳамосӣ офарид. Агар Ҳаким Фирдавсӣ сароянди ҳамосаи миллии «Шоҳнома» бошад, Рӯдакӣ дар эҷоди шеъри маснавӣ рисолати шоирии Фирдавсиро пештар аз офариниши «Шоҳнома» ичро карда буд. Вай маснавиҳои «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома» – ду асарро аз ганҷинаи адабиёти бадеии ҷаҳон бо мақсади таҳким бахшидан ба бунёди маънавию ахлоқии давлатдории миллӣ бо забони форсӣ ба назм даровард.

Рӯдакӣ дар таърихи халқи тоҷик аввалин устоди сухан аст, ки таҷриба ва муваффақиятҳои ғузаштагони худро дар соҳаи адабиёти тоҷик ҷамъбаст карда, нуқсону сустиҳои онро бартараф намуда, адабиёти халқи худро аз ҷиҳати мазмун, ғоя ва шакл ба низом даровард ва роҳи минбаъдаи онро муайян кард. Дар ин бора Рӯдакишиноси машҳури фаронсавӣ Дармстетер чунин гуфта буд: «Устод Рӯдакӣ шеъри форсӣ-дарии тоҷикиро аз ҷиҳати бузургӣ ба тахт нишонд ва роҳи тараққиёти онро муайян кард. Бо ин хидмати худ Рӯдакӣ нуфузи назми арабро дар давлати Сомониён ба дараҷаи нестӣ расонда, истиқлоли адабии халқи худро амалӣ гардонд».

Рӯдакӣ на фақат шаклу навъҳои назми моро ба ҳадди камол расонд, балки бо эҷодиёти ғанӣ, ғаронбаҳо ва нотакрори худ ба сабки хуросонӣ ибтидо гузошт. Сехри сухан, мучазии тарзи баён, тозагии забони суфтаю пухта, мавзунӣ, соддаю оммафаҳмии он аз ҳар шеъраш ҳувайдост. Забони ашъори устод намунаи беҳтарини забони умумихалқии тоҷикист, ки дар давоми зиёда аз ҳазор сол бо дурахши муҷизавии худ хонандаю шунавандаро мафтун мекунад.

Тамоми чустуҷӯ ва тадқиқоти илмӣ оиди Рӯдакишиносии Ҳерман Этеи немис, Чарлз Шефери франсуз, Чарлз Пиккеринги англис, Вилямс Ҷексони амрикӣ, Е. Бертелс, И. Брагинский, Саид Нафисӣ, Шиблии Нӯъмонӣ, Парвиз Хонларӣ, Садриддин Айнӣ ва даҳҳои дигарро таҳлил намуда, ба хулосае метавон омад, ки Рӯдакии бузург бо хидмат ва мақоми таърихии худ аз ҳудуди маданияти халқи тоҷик берун баромадааст. Вай на танҳо асоси адабиёти тоҷикиро гузошт, балки бунёди тамоми адабиёти форсизабонро устувор кард. Аз ин ҷиҳат ӯро эрониён, афғонистониҳо ва дигарон барҳақ поягузори адабиёти худ мешиносанд ва муҳтарам медоранд.

Рӯдакӣ ба сифати шоири ҷаҳонӣ шинохта шудааст ва унвони фахрии «Устод»-ро гирифтани ӯ низ ба маънии маъмулӣ нест. Шуҳрати ҷаҳонӣ доштани Рӯдакӣ ба шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани давлати соҳибистиқлоли Сомониён тавъам афтодааст. «Воқеан ҳам дар замони Сомониён баробари илмҳои шаръӣ мустақиман улуми ақлӣ, аз ҷумла, илму адаб рушд намуда, арҷгузорӣ ба намояндагони ин соҳа тибқи меъёри шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани онҳо сурат мегирифт. Хонадони асили Сомониён дар симои давлатдории хеш, дар баробари хилофати араб, ҳувияти хоси эрониро дар миёни давлатҳои мутамаддини ҷаҳон мисли Чин ва Аврупои Шарқӣ намоиш дод. Шоҳони асил ва некрафтори Сомонӣ зимни додгарӣ ва диндории яктопарастӣ ва донишдӯстӣ ақида доштанд, ки илму адаб дар сояи озодии баҳс ва андеша ва таҳаммулпазирӣ пешрафт ва рушд мекунад. Дар офаридаҳои Рӯдакӣ симои Сомониён чун эҳёкунандаи тамаддуни бостонии Эрону Тӯрон ва начотдиҳандаи қавми эронинажод аз зулми истилогарони ачнабӣ бозгӯ шудааст» (Субҳон Амирзода).

Бо омадани Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён «олами назмро низоме пайдо шуда» (Амин Аҳмади Розӣ) ва «нахустин дари ганҷинаи шеъри форсиро Рӯдакӣ бо калиди забон кушодааст». Бузургӣ ва оламшумулии Рӯдакӣ дар он аст, ки дар осори ғаронбаҳои вай зуҳури барҷастаи худшиносиву ифтихори миллиро метавон мушоҳида кард ва шоир бо офаридаҳои хеш кайҳо рисолати умумиҷаҳониву умумибашарии худро ичро намудааст. Беҳуда нест, ки Авфии Бухороӣ «Рӯдакиро шоири нодири фалакӣ ва аз зумраи аном (халқ) ва аҷоиби айём» номидааст.

Дар эссеи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён...»-и Султонмурод Олим («Овози тоҷик», 22.07.2020, №49) мавзӯъҳое ба маврид бардошта шудаанд. Дар навбати аввал, аз мақола як навъ самимияту эҳтиром нисбати забони модарӣ ба назар мерасад, ки муаллиф бо таассуф сабабҳои онро ба пуррагӣ ва бо нозукиҳояш фаро гирифта натавонистанашро баён месозад. Ӯ меафзояд: «Модарам мактаби миёнаву омӯзишгоҳи тоҷикиро хатм намуда, чанд сол дар мактаби тоҷикӣ дарс додааст... Аҷабо, модарам дар оила бо 9 нафар фарзандаш боре тоҷикӣ ҳарф назадааст». Дувум, «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён...» бо муҳаббат ба шахсият ва ҷаззобияту сеҳрнокии шеъри Одамушшуаро иншо гаштааст. Муаллиф, хусусан, шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-ро аз шеърҳои асил медонад, ки аз истеъдоди Худододаи шоир дарак медиҳад. Ва ин қасидаи дар оҳанги «Ушшоқ» сурудаи Рӯдакиро шоҳасари илоҳӣ баррасӣ мекунад, ки шоху гадоро ба сӯйи Ватан кашидааст. Бино бар нигоштаи С.Олим, мутаассифона, имрӯз Рӯдакишиносӣ ва арҷгузории мо ба ӯ на ба дараҷаест, ки бояд бошад ва ҳатто дар кӯчо воқеъ будани Ҷӯйи Мӯлиёнро надонистани ворисон боиси забонкӯтоҳию сарпастист.

Оре, ҳақ аст муаллиф! Аз ин бонги изтироб ба хулосае бояд омад ва нагузошт, ки пояҳои маънавият дар ҷамъият, хусусан байни ҷавонон суст шаваду сабаб ба дурии онон аз руҳонияти гашта, ба боди фано равад. Дар ин тур ранг нагирифтани масъала бештар аз ҳама модарон, бале, модарон бояд саҳмгир бошанд, зеро ирс аз падару забон аз модар аст! Агар решаҳои хунӣ ба туфайли падар мустаҳкам гардад, иқтидормандии модар бо муҳаббату забонаш аст. Аз ин ҷост, ки забонро модарӣ мегӯянд, на падарӣ! Набояд фаромӯш кард, ки забон ҳамеша воситаи иқтидормандӣ ва муҳташамии халқу миллат ва Ватан буду ҳаст ва мемонад. Ва дарозии умри забон бештар ба модарон вобаста аст. Пас, модарон бештар вазифадоранд, ки меҳру муҳаббат дар зеҳну замири фарзандони худ бикоранд, то эшон дар ҳар давру замон соҳиби ҳувияти баланди миллӣ бошанду аз забони модарӣ ва ғузаштаи хеш ифтихору эҳсоси масъулияткиносӣ дошта бошанд.

Рӯдакии Самарқандӣ нахустин вассофи Бухоро буд. Бухороро бе номи Рӯдакӣ ва Рӯдакиро бе Бухоро тасаввур наметавон кард. Ин ҳар ду дар назари ҷаҳониён якҷоя машҳур гардидаанд ва ин падида барҳақ обрӯю эътибори Ӯзбекистону аҳли ҷумҳурӣ ҳам ҳаст. Ба фикрам, ба хотири арҷгузорӣ ба султони шоирон корҳои зеринро бояд анҷом дод:

– Ҷӯйи Мӯлиёнро, ки воқеъ дар Бухорост, ба хатсайри гардишгарон – сайёҳон дохил бояд кард;

– дар китобҳои дарсии мактабӣ миёна ва олӣ бояд маълумот, машқу матнҳо оиди Рӯдакӣ ва Ҷӯйи Мӯлиён бештар ворид гардад;

– месазад ва арзандаву зебанда аст, ки дар Бухоро пайкараи Рӯдакӣ гузошта шавад.

Ин ҷо бамаврид аст аз пайкараи сетоннагии биринҷии Рӯдакӣ, ки солҳои 90-ум бо саҳму талошҳои фаъолону хайрхоҳони Маркази фарҳанги тоҷикони Самарқанд дар майдони Регистони Самарқанд қад афрохта буд, ёдовар шавем. Соли 1987 дар рӯзномаи вилоятии «Ленинский путь» мақолаи фаъоли марказ Вафои Эшониён таҳти унвони «Быть памятник Рудаки в Самарканде!» эълон ва сабаб ба акси садоҳои зиёде гардид. Пас аз он мурочиатҳои пайдарпай ба ҳукумати ҷумҳурӣ рухсат гирифта шуд, ки хурсандиро поён набуд.

Озмун барои тарҳи пайкара эълон гардид. Ғолибиятро саррассоми театри опера ва балети ба номи Ҳамид Олимҷон Даврон Сафозода (равоншод) ба даст даровард.

Хазинаи «Рӯдакӣ» таъсис дода шуд ва ба ҳайси раиси он профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Садрӣ Саъдиев интихоб гардид.

Ба суратҳисоби хазина аз ҷониби ҳокимияти ноҳияи Сиёби шаҳри Самарқанд, раиси кумитаи ичроияи шаҳри Душанбе Мақсуд Икромов, Бунёди забони тоҷикӣ (форсӣ)-и Тоҷикистон, ки раисиашро Лоиқ Шералӣ бар ӯҳда дошт, Алии Кофӣ– мудири Китобхонаи миллии Теҳрон ва хеле шахсиятҳои маъруфу гуногунтоифаи дохиливу хориҷӣ маблаг ворид шуданд.

Дар макотиби таҳсилоти ҳамагонии шаҳр марафони якҳафтаина гузаронида шуд, ки мардум муташаккилона дар он иштирок намуданд. Маблаги зарурӣ ҷамъоварӣ гардид. Билохира Шаҳриёр Мухторови тоҷикистонӣ, ки асолати самарқандӣ дорад, пайкараро сохт.

Соли 1992 пайкараи деринтизори барқади Рӯдакӣ дар майдони Регистон қад афрохт ва маросими бозшавии он пуршукӯҳ баргузор гардид. Сурур, ифтихор ва масъулияткиносии мардуми худогоҳро ҳадду канор набуд. Бо иштироки меҳмонони хориҷиву дохилии кишвар 1150-солагии зодрӯзи абарустод дар пояи ҳамин пайкарааш гузаронида шуд.

Мутаассифона, пас аз соле, бо сабабҳои номаълум, пайкара аз ҷониби ҳукуматдорон бардошта шуд ва муроҷиатҳои мардум то ин дам натиҷа намебахшад. Бояд таъкид кард, ки мардуми Самарқанд, чун худ саҳмгузор ҳастанд, пурра ҳуқуқи пурсидану даъвои ин пайкарараро доранд ва хушбин ҳастанд, ки рӯзе садои онҳо ба ғӯши сарвари оқилу дурбини кишвар мерасад ва адолат барқарор мешаваду пайкара ҷойи худро меёбад.

Амина ШАРОФИДДИНОВА.
САМАРҚАНД.

Коллеҷи нав ба фаъолият шурӯъ намуд

Дар вилояти Сурхондарё коллеҷи сайёҳӣ ва хидматрасонии Бойсун талабагони нахустини худро қабул кард.

Солҳои охир сайёҳӣ дар воҳаи ҷануб низ ба самтҳои пешқадами иқтисодиёт табдил ёфта, сайёҳони кишварҳои гуногунро ба оғӯши худ даъват менамояд. Обидаҳои қадимаи таърихӣ, ёдгориҳои археологии нодир, манзараҳои табиат, урфу одат ва анъанаҳои гуногуни мардуми ин сарзамин диққати меҳмонон – ташрифоварандагонро ба худ ҷалб мекунад. Онҳо аз оби шифобахши чашма баҳраманд гардида, аз истироҳат дар оғӯши табиати зебо шод мешаванд. Дар вилоят самтҳои сайёҳии зиёратӣ, экологӣ, тиббӣ, гастрономӣ ва ғайра рушд мекунад. Мачмаъҳои Ҳаким ат-Тирмизӣ, Исо Тирмизӣ, Султон Саодат, ёдгориҳои археологии Қаротеппа, Фаёзтеппа, Далварзин, обҳои шифобахши Амонхона, Хӯҷаипок, Хӯҷаиконтуз, шаршараи Сангардак, гӯшаҳои зебо ва хушманзараи кӯҳпояҳои Ҳисор ҳамеша ба сайёҳон пуранд.

Ҳудуде, ки он ҷо сайёҳӣ рушд мекунад, ба мутахассисони баландмалака ниёз дорад. Аз ин рӯ, дар коллеҷи навташкилшудаи Бойсун дар 8 самт тайёр кардани мутахассисон ба нақша гирифта шудааст.

– Алҳол қабул ба муассисаи таълимии мо аз тариқи электронӣ давом дорад, –мегӯяд директори коллеҷи мазкур Бахриддин Раупов. – Ҷавонон бештар ба самтҳои сайёҳӣ, ташкил ва идоракунии хоҷагии меҳмонхона, хидматрасонии хӯрокхӯрии умумӣ, муҳандиси хоҷагии ҷангал таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Барои таълиму азхудкунии сирри касби интихобкардаи талабагон шароити зарурӣ фароҳам ованда шудааст. Толибилмоне, ки аз ҳудуди дуртар меоянд, бо хобгоҳ таъмин шудаанд.

Имрӯзҳо пандемияи коронавирус тамоми дунёро фаро гирифтааст. Он соли ҷорӣ ба соҳаи сайёҳӣ низ зарари ҷиддӣ расонд. Аз ин рӯ, соҳа рӯ ба вартаи инқироз ованд.

Дар кишвари мо соҳаи туризм ва корхонаҳои марбути он аз ҷониби давлат дастгирӣ шуда, истиқболи оянда онҳо муайян гардидаанд.

Аз ҳисоби маблағҳои бучаи давлатӣ таҳсил гирифтани талабагони соли аввали коллеҷи мазкур далели равшани дастгирии оянда соҳа мебошад. Тавре ки аз идораи ҳудудии Кумитаи давлатии рушди сайёҳии вилоят маълум кардаанд, ҷавоне, ки ин коллеҷро бомуваффақият хатм менамоянд, аз рӯйи ихтисоси худ бо кор таъмин мегардад.

Х. МАМАТРАЙИМОВ,
ӮзА.

Дар шаҳри Намангон мактаби нави таҳсилоти умумии рақами 86, ки тибқи талаботи муосир сохта шудааст, ба истифода дода шуд. Арзиши лоиҳавии иншооти таълимӣ, ки аз ҷониби ҶММ «Стандарт Сохтмон Таҳвил» сохта шудааст, 8,5 миллиард сӯмро ташкил дод. Дар ин ҷо барои дониши мукаммал гирифтани хонандагон шароити мусоид фароҳам ованда шудаанд.
Аз 611 хонандае, ки дар соли нави хониш ба мактаб қабул карда шуданд, 344 нафар таҳсилро ба тарзи анъанавӣ, яъне дар мактаб ва 267 нафар дар намуди онлайн оғоз карданд. 90 нафар хонандагон ба синфи 1 дохил шуданд. Дар мактаб риояи талаботи санитарию гигиенӣ аз ҷониби хонандагон ва омӯзгорон зери назорати қатъӣ қарор дорад.
***Дар сурат:** дар мактаби миёнаи навтаъсиси рақами 86 шаҳри Намангон.*

Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).

САБАҚИ ЗИНДАГӢ

ИҚРОР

Бегоҳӣ аз кор бармегаштам. Як сари қадам ба тарабхонаи наздикии манзилам сар халондам. Ягон-ягон мизоҷон бо нафарони наздики худ нишаста ғарқи суҳбат буданд. Ба назди мизе расидам, ки холӣ буд. Нишаста омадани пешхидматро мунтазир гардидам. Ин ҳангом як нафар ҷавони 20-22-сола бо мӯйҳои дарозу хуб шоназадааш ба назди мизи ман ҳозир гардид ва одоби салом ба ҷо овард.

Ба саломаш посух додаму муддате ба андеша рафтам. Кӣ бошад ин ҷавон? Аммо ситорааш хеле гарм менамояд. Вай пас аз ҳолпурсии самимона каме ширакайфона лаб ба сухан кушод:

– Муаллимҷон, маро нашинохтед-а? Охир ман шогирди шумо-ку! Тақрибан дах сол пеш аз ин моро аз забон ва адабиёти тоҷик дарс омӯзонидаед. Он замон ман китоб намехондам. Аниқтараш, вақте китобро ба даст мегирифтам, хобам меомад. Боре вазифаи супоридаатонро ичро накарда будам. Хеле бадқаҳр гардида маро тарсакие зада будед...

– Ҳа, – гуфтам ману он лаҳзаҳо чун навори филми хотирмон пеши назарам намудор гардиданд.

– Муаллимҷон, кош он тарсакиатон борҳо такрор меёфт. Чунки имрӯзҳо ман дар кӯчаҳо сарсон монда, барои истеъмоли як пиёла шароб хор намегардидам, – гуфт он ҷавон бо нигоҳҳои ҳайратбор.

Маро қуввае такон доду аз ҷой хестам. Ин замон пешхидмат ҳам расида омад. Бо ӯ сабук салому алейк намуда оҳиста ба гӯшаш гуфтам:

– Ба ин шогирд аз ҳисоби ман хӯроку шароб бидеҳ!

Худ бошад аз шарм сурх шуда, ноаён аз тарабхона берун омадам.

Хеле ҳолати риққатовар!

Солеҳ МУҲАММАДҶОН.
Вилояти Сурхондарё.

Солҳои охир дар миқёси мамлакатамон барои тарғиби маънавияту маърифат дар байни ҷавонон аз тарафи давлатамон корҳои зиёд ба амал татбиқ мегардад. Бахусус, мусобиқаи китобхонон дар байни наврасон ҷолиби диққат аст. Ба воситаи телевизион намоиш дода шудани азназаргузаронии китобхонон дар байни мактаббачагон боиси ҷунбиши китобхонии оммавӣ гардид.

МАНБАИ АСОСИИ МАЪРИФАТНОКИИ ҶАВОНОН

Мо хуб медонем, ки дар роҳи тарғиби маърифат китоб, матбуот, театр мавқеи асосиро соҳибанд. Қатъӣ назар аз рушди иттилооти технологӣ мутолиаи китоб воситаи асосии маърифат ба ҳисоб меравад.

Мутолиаи рӯзнома ва мачалла ба васеъ гардидани ҷаҳонбинии инсон мусоидат мекунад. Мушоҳидаро ва тасаввури бача бо воситаи китобхонӣ ташаккул меёбад.

Маърифатнокӣ бошад, яке аз шартҳои асосии пойдорӣ ва равнақи ҷамъият мебошад.

Аввал иқтисод, баъд сиёсат гуфтаанд. Мутаассифона, имрӯз нархи китобҳои бадеӣ хеле баланд аст. Шахсоне ҳастанд, ки ба хариди асари дилхоҳ барои фарзандонашон маблаги кофӣ ёфта наметавонанд.

Аз ин рӯ, имрӯз аксарияти мактаббачагон фақат аз китобхонаи мактаб фоида мебаранд, аммо дар баъзе китобхонаҳо низ асарҳои хонданибоб хеле кам аст.

Албатта, дар давоми соли хониш ба китобхонаҳои мактаб аз тарафи вазорат ва ҳомиён китобҳо дода мешаванд, аммо на ҳамаи он асарҳои бадеианд. Оиди газета ва мачаллаҳо ҷойи гап нест, азбаски нархи онҳо хеле қимат аст, обунашавӣ ба он душвор меорад ва аз ин сабаб, миқдори обуначиён хеле кам аст.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармояд, ки китоб, газета ва мачаллаҳо манбаи асосии тарбия ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳукумат бояд барои васеъ дастраси омма шудани ин манбаҳо чораҳо андешида, аз ҳисоби чудо кардани маблаг ва сабук кардани андоз нархи онҳоро арзонтар гардонад.

Назирҷон ЭРГАШЕВ,
ноҳияи Чуст.

Дӯстии адабӣ – дӯстии абадӣ

АЙНӢ ВА АДИБОНИ ЎЗБЕК

КИТОБ «ЧИҒДИМИ?»

Устод Айнӣ тӯли фаъолияти дурударози эҷодии худ асарҳои зиёди адабӣ-публитсистӣ ва илмӣ эҷод намуд, ки аз тариқи нашриётҳои гуногун ба табъ расидаанд. Яке аз шоҳасарҳои адиб «Марги судхӯр» солҳои сиюми қарни сипаришуда навишта шуда, дар маҷаллаи «Ўзбекистон адабиёти ва санъати» рӯи чоп дид («Одина» дар «Овози тоҷик» ба табъ расида буд). Ўздавнашр соли 1947 киссаро дар шакли китоби алоҳида ба чоп расонд. Он вақт устод дар Самарқанд кору эҷод мекард ва зудтар ба табърасии маҳсули эҷоди худро дар шакли китоб бо дилу ҷони беқарор нигарон, ки буд, бо дидан кардан аз эҷодкорони ўзбек, ки дар Тошканд мезистанд, дарҳол мепурсид: «Китоб чиғдими?»

«Чиқдими» не, «чиғдими»-гӯии устод ба бародарони туркзабон ачаб завқ мебахшид ва мегуфтанд: «Чиғмади-ку, ҳали замон чиғади-қолади».

Ниҳоят «Марги судхӯр» рӯи дунё дид ва 20 нусхаи онро ба ҷомадон ниҳода чанд адиби ўзбек чун нонҳои нав аз танӯрканда ҳадаҳ ба Самарқанд бурданд, дарвозаи устодро, ки дар муқобили дарвозаи Шердори майдони Регистон қарор дошт, панҷ заданд. Чун устод намоён гашт, «китоб чиғди», ғуфтанд шодиомез ва ҷомадони пур аз «Марги судхӯр»-ро нишон доданд. Чашмони Айнӣ барқ заданд, кӯдаквор шодӣ кард ва гуфт: «Хайрият, чиғибди. Раҳмат, болаларим!»

ТАЪМИ НИШОЛЛОИ УСТОД

Абдулло Қодирӣ, Ғафур Ғулом ва дигар адибони ўзбек дар бораи меҳмондўстии Устод Айнӣ бисёр навиштаанд. Қайд кардаанд, вақте меҳмон омад, чеҳраи устод мешукуфт, дастурхон аз нозу неъмат сарпур мегашт. Ширинихое рӯи чорпоя мегузошт, ки бо дастони худаш тайёр кардааст.

Инак, Ғафур Ғулом, як-ду нафари дигар дар ҳузури устод.

– Гиред, даҳон ширин кунед, – мегуфт вай.

– Э, нишолло нест-ку, – шӯхиомез даҳон кушод Ғафур Ғулом.

Устод парида аз ҷо хест:

– Ҳозир тайёр мешавад!

Меҳмонон хиҷолат кашиданд:

– Устод, ташвиш накашед, ҳазл-ку!

Устод гуфт:

– Абдуғафур, шумо аз нишоллои бозор нахӯред, бозориён – қаллоб, нишоллои ҳақиқиро худам тайёр карда меорам.

Нишолло ширинie нест, ки дар як лаҳза тайёр шавад. Меҳмонон шитоб доштанд, бояд хезанд. Ғафур Ғулом аз шӯхиаш пушаймон гашт. Берун баромад, устодро ёфт, узр пурсид:

– Кори мо таъҷилӣ.

– Э, нишолло нахӯрда меравед-мӣ? Ҳозир бачаҳо қиёмашро меоранд.

Дере нагузашта духтарони Айнӣ дар сатилча қиёми буғаш баромадаистодаро гирифта дарамаданд. Дар як он нишолло ҳам тайёр гашт. Яке аз ҳозирон дар хотироташ қайд кардааст: «Росташро гӯям, дар умрам ин хел нишоллои хуштаъмро нахӯрда будам. Устод ҳақиқатан дар нишоллопазӣ ягона будаанд».

«НОНУШТА» ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

Ғафур Ғулом аз Садриддин Айнӣ пурсид:

– Домулло, дер инҷониб маъной калимаи «нонушта»-ро фаҳмонда натавониста, сарам гаранг, на дар форсӣ ва на дар арабӣ ин калима мавҷуд, дар туркӣ ҳам шарҳи он дода нашудааст, нонушта чӣ маънӣ дорад?

Устод дурудароз ба фикр рафт. Иқрор гашт:

– Ба фикри ман ҳам маънии форсӣ баровардан аз «нонушта», ки таоми субҳона аст, душвор, бо вуҷуди он ки иловаи «но» ва «нон» дар тоҷикӣ маъно дорад. Дар туркӣ низ ин калима дучор намеояд. Фикр мекунам, он калимаи шаклан вайроншуда аст.

– Дуруст-ку, лекин дуямон як шуда, ба як калима маъно дода натавонем, нависандагиамон ба кучо меравад? – табассум кард Ғафур Ғулом.

– Нонушта – таоме, ки ба шиками гурусна хӯрда мешавад, – хулоса кард Айнӣ ва ҳарду хандиданд. Айнӣ ҷиддӣ гашт:

– Нонушта не, ношито гуфтан даркор.

Ғафур Ғулом дар асл, раги шӯхиаш ҷунбида, барои ба гап андохтани устод суоли болоиро дода буд. Бо ҳамин «баҳона» шакли дуруст ва адабии «нонушта»-ро, ки «ношито» будааст, дониста гирифт.

***

Моҳи майи соли 1950. Ғафур Ғулом мошинсавор ба манзили Ҳамид Ғулом рафт ва мотори «Победа»-ро хомӯш накарда:

– Ба Самарқанд меравем, – гуфт. – Домулло Айниро дида меоем.

Ба бозори Бешёғоч даромаданд. Дасти хушк рафта намешавад, охир. Ғафур Ғулом ду шиша коняк низ гирифт.

– Корат набошад, – гуфт ба ҳамроҳаш. – Устод бемор будаанд, барои муолиҷа зарур.

Ҳамид Ғулом, ки ба шӯхиҳои Ғафур Ғулом одат карда буд, ба ин суханон эътибор надод.

Дар Мирзочӯл як пиёлагӣ чой нӯшида, дар Ҷиззах таом хӯрда, наздикии шом ба Самарқанд расиданд.

– Домулло кор карда монда шудааанд, – гуфт Ғафур Ғулом, – шабро дар меҳмонхона гузаронда, субҳдам меравем.

Дами субҳ устод дар дами дарвозааш меҳмононро дида:

– Иэ, офтоб аз кучо баромад? – гуфт бо ҳаячони суруромез.

Ӯ меҳмононро ба пешгаҳ нишонд, аз чойнаке, ки ба рӯяш телпак ниҳода шуда буд, якпиёлагӣ чойи гарм рехт ва дароз карду:

– Ман ҳозир... – гӯён берун баромад.

Аз фурсат истифода бурда, Ғафур Ғулом аз ҷо хеста, шишаҳоро паси китобҳо пинҳон намуд.

«Ўштурро дидӣ. Не!» – ишора намуд ба ҳамроҳаш.

Асное гирди дастурхони пурнозу неъмат тановул мекарданд, устод шикоятомез даҳон кушод:

– Боби сеюми «Бухоро»-ро («Ёддоштҳо» дар назар аст) тамом карда натавониста истодаам. Тобам нест, қувват намерасад.

– Камтар нӯшидан даркор! – бо лабханд мисле таъна кард Ғафур Ғулом.

– Ия-ия, ин чӣ гуфтаниат, нодон! – домулло танбеҳ дод. – Он заҳри қотилро ман ба даҳон намебарам.

– Исбот кунам-чӣ? – бо қиёфаи ҷиддӣ гӯё ба таҳдид гузашт Ғафур Ғулом.

– Исбот кун! – гуфт устод бо соддалавҳии кӯдакона.

Ғафур Ғулом бихест, назди ҷевони китобҳо рафт, аз паси китобҳо конякҳоро баровард ва нишон дод:

– Хӯш, ин чӣ аст?

Ҳамид Ғулом навиштааст: «Ман қоҳ-қоҳзанон хандидани Устод Айниро ҳамон вақт гувоҳ шудаам. Ашки чашм пок мекард устод ва аз шӯхии Ғафур Ғулом ба завқ омада, аз таҳти дил ханда мекард».

Ш. МУҲАММАД.

Маърифати динӣ

Мусулмон дар ҳар як кор ба суннатҳои Расулуллоҳ (с) бояд амал кунад. Пайғамбарамон оиди хонаву ҷой ва нигоҳбонии он тавсияҳо дода, аз ҷумла чунин гуфтаанд: «Манзили васеъ, ҳамсояи мӯъмин ва маркаб (улов)-и хуб бахти мусулмон аст». Нисбат ба хонаи ҳамсоя баланд ё зиёда аз эҳтиёҷ сохтани хона лозим нест.

ХОНАИ ХУД АЗ ҲАМСОЯ БАЛАНД НАСОЗ

Ҳоло шахсоне ёфт мешаванд, ки бо сохтани ҳавливу ҷой мехоҳанд худнамоӣ кунанд, аммо чунин рафтор дар динамон рад карда мешавад. Мусулмон дар вақти хонасозӣ бояд ният кунад, ки дар ин хона бо намоз ва қироати Қуръони карим машғул мешавад, хона ӯро аз гармиву сардиҳо нигаҳ медорад.

Расулуллоҳ гуфтаанд: «Мусулмон харҷи ҳар як мукофоташро мегирад, аммо харҷе, ки барои замин ва хона кардааст, намегирад».

Сохтмони хона бояд оҳиста, зина ба зина идома ёбад. Иброҳим ва Исмоил (а) низ дар сохтани Хонаи Худо – Каъба чунин рохро пеш гирифта буданд. Ғайр аз ин, таҷрибаи сохтмони имрӯз низ ин усулро маъқул мешуморад.

Вақти даромадан ва ё баромадан аз хона бояд «бисмиллох» ва салом дода шавад. Чунки бо шунидани «бисмиллох» шайтон мегурезад ва саломгӯй бошад, ба хона хайру барака меорад.

Дар хонавода саг бояд ба мақсади ҳифзи чорво ва кишту кор нигоҳ дошта шавад. Барои меҳмон чӯдо кардани як хона низ савоб аст, зеро закоти ҳавливу ҷой меҳмонхона ба ҳисоб меравад.

Хонаву ҷой бо нақшаҳои мушахҳас бояд сохта шавад. Аз он манзил хона, даҳлез, анборхона, ошхона, меҳмонхона, ҳаммом, айвони тобистона, майдони бозӣ барои бачаҳо ва дарахтҳои мевадор ҷой гирад, ки ҳамаи он барои фароғати инсон пешбинӣ шуда бошад.

Дар бозгашт аз кор ва ё сафар аҳли хонавода бояд пешакӣ огоҳ кунонида шавад. Писари Абдуллоҳ ибн Масъуд (р) Абӯубайда Омир гуфтааст: Падарам пеш аз даромадан ба хона барои шинохтани аҳли хонавода бо овози баланд сухан мегуфтанд. Аҳмад ибн Ҳанбал мегӯяд: «То ба хона даромадан сахттар қадам гузоштан ва ё сулфидани кас савоб аст». Бо чунин рафтор инсон аҳли оилаашро ба вазъи ногувор намегузорад.

Рухсатпурсӣ аз амалҳои зебои инсон мебошад. Рухсатро дар вақти даромадан ба хона на фақат хурдсолон, балки калонсолон, аз ҷумла, падару модар аз фарзанд пурсида, дар ин бобат намуна шаванд.

Боязиди Бистомӣ вақте ба намози ҷумъа баромад, борон меборид. Азбаски борон бошиддат мебориду роҳ лой буд, дар паноҳи девори хонаводае истоду каме интизор шуд.

Дар ин асно лойи пояшро ба девори хона молиду тоза кард. Пас аз лаҳзае роҳи масҷидро пеш гирифт. Азбаски рафтори носазо карда буд, худро сарзаниш кард: «Аз соҳиби хона узр напурсида, чӣ тавр намози ҷумъаро адо мекунӣ? Девори касеро олуда сохта, дар назди Аллоҳ чӣ гуна вомеистӣ?»

Бистомӣ қафо баргашту дари он хонаро кӯфт.

Дарро маҷусие кушоду пурсид:

– Биёед, хидмат?

– Барои узрхоҳӣ омадам...

– Шуморо намешиносам. Барои чӣ маъзарат меҳоҳед?

– Ҳоло пойафзорамро ба девори хонаатон молида, аз лой тоза карда будам. Ин кори нодуруст аст. Девор олуда шуд. Аз шиддати борон чӣ карданро надонистам...

Маҷусӣ аз тааҷҷуб гуфт:

– Боке нест. Андак лойи пойи шумо зарар надорад.

Боязиди Бистомӣ гуфт:

– Шояд чунин бошад, аммо дар ин ҷо меҳнати ғулом ҳаст. Барои чунин рафтор аз ӯ бояд узр пурсам. Аз ин сабаб ба наздатон омадам.

Маҷусӣ пурсид:

– Чунин ҳаҷдорӣ ва адлро аз кӣ омӯхтед?

– Аз дини мубин ва Пайғамбар (с), – ҷавоб дод Бистомӣ.

Он гоҳ соҳибхона гуфт:

– Чунин дине адолатпеша, чаро ман онро қабул накунам? – ӯ калимаи шаҳодат оварду мусулмон шуд.

Аз ин бармеояд, ки дини ислом на фақат ба саранҷому сариштa нигоҳ доштани хонавода, балки риоя кардан ба ҳаққи ҳамсоя ва дигарон низ даъват менамояд.

Ғафурҷон РАЗЗОҚОВ,
имом-хатиби масҷиди ҷомеи Баҳоуддини Нақшбанд, мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.

«Ал-арабия» – эҳёгари ҳунари қадима

Заминҳои васеъву паҳновари ноҳияи Миришкори вилояти Қашқадарё дар аввали баҳор чашми касро мерабояд. Баҳор пеш аз ҳама ба саҳро меояд. Набототи шифобахши гуногуни аз рӯзҳои хунуки зимистон мондашудаву аз тафти баҳор қадафрохта касро ба худ мафтун месозад.

Рӯзҳои аввали ҷашни Наврӯз дар ҳамин ҷойҳо мегузарад.

Миришкор ноҳияи сермиллат аст. Дар ин ҷо ӯзбек, тоҷик, туркман, араб, тотор барин намояндагони зиёда аз 20 миллат мисли фарзандони як оила аҳлу тифоқ умр ба сар мебаранд. Туфайли шароити офаридашуда онҳо урфу одатҳои қадимаашонро идома медиҳанд. Дар тӯю сур, чорабиниву ҳашарҳо ҳамеша бо ҳаманд.

Дар вилояти Қашқадарё соли 1991 Маркази милливу мадании арабҳо ташкил шуда буд.

Бо ташаббуси марказ дар шаҳраки Ҷӯйнав дар асоси технологияи қадима корхонаи гилембофии арабӣ ва гурӯҳҳои забони арабӣ ташкил ёфт. Дар ин ҷо осорхонае, ки аз урфу одат ва анъанаи онҳо ҳикоя мекунад, фаъолият мебарад.

Баробари ин дар назди марказ фаъолияти гурӯҳи фолклории «Ал-арабия», ки рақс ва сурудҳои қадимаи арабиро иҷро мекунад, ба роҳ монда шудааст. Ҷамоаи этнографии ғолиби ҷашнвораи дӯстиву мадании «Ўзбекистон – хонаи умумии мо» дар тӯйҳои миллӣ ва чорабиниҳои оммавӣ фаъол иштирок мекунад.

Дар суратҳо: *лавҳаҳо аз фаъолияти гурӯҳи фолклории «Ал-арабия».*

Суратгир:
Ҷ. НОРҚОБИЛОВ. ЎзА.

Ҳикматҳои Абдуллоҳи Ансорӣ

Ба дарвешон босаховат бош.

***

Ба олимон ботавозӯъ бош.

***

Ба халқ боинсоф бош.

***

Дил пок дор, то ба мурод расӣ.

***

Биомӯз ва биомӯзон.

***

Илм, агарчи дур бошад, биталаб.

***

Кам гӯй ва кам хӯр ва кам бихусп ва дар сахтиҳо сабр пеша кун.

***

Бар гузашта афсӯс махӯр.

***

Умрро ғанимат дон.

***

Тандурустиро шукр гузор.

***

Надими ҷаҳонгашта пайдо кун.

***

Ҳурмати илмро беҳ аз мол нигоҳ дор.

***

Балоро бо садақа дафъ кун.

***

Тадбир бо оқилон кун.

***

Пирони кордидаро ҳурмат нигаҳ дор.

***

Аз омӯхтан ор мадор.

***

Суди ҷаҳон дар суҳбати доно шинос.

***

Ёри бад – бадтар аз кори бад.

***

Ёри нек – беҳтар аз кори нек.

***

Чунон зӣ, ки ба сано арзӣ, чунон мазӣ, ки ба дуо ларзӣ.

***

Дӣ рафт, боз наояд, фардо эътимодро нашояд.

Ҳолро бош ва ғанимат дон, ки ин ҳам дер напояд.

Таҳияи
Ҳамидҷон ҲОМИДӢ.

МАТНИ «МАСНАВӢ» БА НАСР

Гавҳар амри Шаҳ бувад, эй нокасон!

Ровии достон чунин гӯяд, ки рӯзе Шоҳ Маҳмуди Ғанӣ (Шоҳ Маҳмуд дар ин ҷо ба маъниии амри Худованд ва шоҳ омадааст), он шаҳи Ғазнину Султони санӣ (бузургмиқдор) ҳангоми субҳ ҷониби девони вазораташ шитофт ва дар он ҷо ҳама аъёну арконi давлатро сарҷамъ омодаи хидмат ёфт.

Гавҳаре бас гаронбаҳову мустанир (дурахшанда) аз ҷайб кашиду онро ба кафи вазир ниҳода гуфт: «Ин гавҳар чун аст ва чӣ арзише дорад?»

Вазир гуфт: «Аз сад хирвор зар ҳам бештар арзиш дорад». Шоҳ гуфт: «Онро бигиру бишкан!»

Вазир гуфт: «Чӣ сон онро бишканам... Ман, ки талаф шудани молу мулки туро намехоҳам, балки некхоҳи махзану амволи ту ҳастам. Чӣ сон раво бинам, ки чунин гавҳари ноёбу бебаҳо ҳадар гардад?...» Шоҳ гуфт: «Шобош, (яъне шод бош) эй вазир!». Ва хилъате ба вай инъом доду гавҳарро аз кафи вазир бистуд (гирифт).

Баъд аз он гавҳарро ба кафи ҳочиб (пардадор, дарбони дарбор)аш ниҳоду гуфт, ки ин гавҳар чӣ арзише дорад. Ҳочиб гуфт: «Ин гавҳар ба нимаи мамлакат арзиш дорад, Худованд аз маҳлакат (нобудӣ) онро дар амон нигоҳ дорад!» Шоҳ гуфт: «Онро аз кафи ман бигиру пора-пора кун!».

Ҳочиб гуфт: «Эй хуршедтеғ, пора кардани чунин гавҳаре арзишманд бас дареғ аст... Дасти ман баҳри касри (шикастани) ин гавҳар ҳаргиз намечунбад, ман, ки адӯи хизонаи Шоҳ нестам!»

Сипас шоҳ, гавҳари бебаҳоро ба дасти мири миронаш – сарвазир дод ва амр кард, ки онро арзёбӣ кунад, пас бишканад. Мири мирон ва дигар амиронаш низ ба арзиши баланди гавҳар ҳоил шуданд ва аз шикастани он сар боз заданд:

Гуфт рӯзе Шоҳ Маҳмуди Ғанӣ,
Он шаҳи Ғазнину Султони санӣ.
Як сабоҳе ҷониби девон шитофт,
Ҷумла арконро дар он айвон биёфт.
Гавҳаре берун кашид ӯ – мустанир,
Пас ниҳод он зуд дар каффи вазир.
Гуфт: «Чун асту чӣ арзад ин гуҳар?»,
Гуфт: «Беш арзад зи сад хирвор зар!».
Гуфт: «Бишкан!» гуфт: «Чунаш бишканам?,
Некхоҳи махзану молат манам.
Чун раво дорам, ки мисли ин гуҳар,
Ки наёяд дар баҳо, гардад ҳадар...»
Гуфт: «Шобош!»-у бидодаш хилъате,
Гавҳар аз вай бистуд он Шоҳи фатӣ.
Баъд аз он додаш ба дасти ҳочибе,
Ки чӣ арзад ин ба дасти толибе.
Гуфт: «Арзад ин ба ними мамлакат,
Ҳофизаш бодо Худо аз маҳлакат!»
Гуфт: «Бишкан!» гуфт: «Эй хуршедтеғ,
Бас дареғ аст ин шикастан, бас дареғ...
Даст кай ҷунбад маро дар касри ӯ,
Кай хизони Шоҳро бошам адӯ...».
Баъди як соат ба дасти Мир дод,
Дурро, к-ин имтиҳон кун б-издиёд.
Ӯ ҳам ин гуфту ҳама мирон ҳам ин,
Ҳар якеро хилъате дод ӯ самин.

Чун Шоҳ дид, ки ҳама мирону сарвари амирон аз шикастани чунин гавҳаре имтиноъ меварзанд ва амри ӯро иҷро намекунанд, рӯ ба Аёз (маҳбубтарин ва азизтарини канизонаш) намуду гуфт: «Эй Аёз, эй ҳарифи дидабоз (бобасират)! Акнун ту бигӯ, ки ин гуҳар, бо ин тобишу ҷилваву ҳунар, ба чанд динори зар меарзад?»

Аёз гуфт:«Арзиши ин гуҳар афзунтар аз он аст, ки ман битвонам гуфтан (яъне забони гуфтор дар пеши арзиши ин гуҳар қосир аст!)». Пас шоҳ амр кард: «Эй Аёз, ҳоло гуҳарро аз кафи ман бигиру хурдхурду пора-пораш кун!» Чун Аёз аз ин имтиҳони Шоҳ огоҳ буд, дар фиреби ӯ гумроҳ нашуд ва гавҳарро аз кафи Шоҳ бистуду бо шиддат бар замин кӯбид ва он гавҳари хосро дар оне (лаҳзае) пора-пора кард. Чун вазирону амирони Шоҳ титу пош шудани гавҳарро бидиданд, аз онҳо бонгу фиғоне шигифтангез ба фалак печид ва мегуфтанд: «Валлоҳ, ин чӣ бебокист, ки гавҳари пурнури шоҳро канизе чун Аёз бишкаст; ҳар кӣ онро шикаст, бешакк, кофир аст ва бояд мучозот шавад (ҷазо бигирад)».

Охирин бинҳод дар каффи Аёз,
Гуфт ӯро, к-эй ҳарифи дидабоз.
Эй Аёз, акнун бигӯ, ки ин гуҳар,
Чанд меарзад бад-ин тобу ҳунар.
Гуфт: «Афзун он чӣ тонам гуфт ман»,
Гуфт: «Акнун зуд хурдаш даршикан!».
З-имтиҳони Шоҳ буд огаҳ Аёз,
Дар фиреби ӯ нашуд гумраҳ Аёз.
Чун шикаст ӯ гавҳари хос он замон,
З-он амирон хост бас бонгу фиғон.
К-ин чӣ бебокист, валлаҳ кофар аст,
Ҳар кӣ ин пурнур гавҳарро шикаст!

Чун Аёз доду фарёди тирозомези вазирону амирони Шоҳро диду шунид, онҳоро ба оромӣ даъват намуду гуфт: «Эй меҳтарони (бузургон) номвар! Оё амри Шаҳ ба қимат афзунтар аст ё гавҳар? Эй нокасон, бидонед, ки амри (сухан) Шоҳ беҳтар ва пурбаҳотар аз ҳар гуна гавҳар аст. Шумо, бо рад кардани сухани Шоҳ дар мавриди шикастани гавҳар, амри Шоҳро, ки дурри ноёб аст, нодида гирифтед ва гавҳари амри ӯро дар пеши чашмони ҳамаи мо бишкастед!»:

Гуфт Аёз: *«Эй меҳтарони номвар,*
Амри Шаҳ беҳтар ба қимат, ё гуҳар?
«Гавҳар» – амри Шаҳ бувад, эй нокасон,
Ҷумла бишкастед ин гавҳар аён...».

Хулосаи матлаб: шикастани амру наҳйи илоҳӣ ва дастуроту суханони хукамо аз шикастани ҳар гуна гавҳаре бадтар аст.

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад

Луқмони Ҳаким муддате ғулом буд ва дар ҳини ғуломӣ низ он қадар хушхӯю хушрафтор буд, ки хоҷааш ба ӯ дил баст ва ӯро аз муқаррибони худ сохт. Бо ӯ дар ислоҳи умур машварат мекард ва ҳеч таомеро бидуни Луқмон намехӯрд. Ҳар таоме, ки ба пеши ӯ меоварданд, зуд касеро назди Луқмон мефиристод ва ӯро ба боҳам хӯрдани хӯрок даъват мекард, то аввалин луқмаро Луқмон бичашад:

Хоҷаи Луқмон чу Луқмонро шинохт,
Банда шуд ӯрову бо ӯ ишва сохт.
Ҳар таоме к-ованданд ба вай,
Кас суви Луқмон фиристодӣ зи пай.
То ки Луқмон даст сӯйи он барад,
Қосидан, то хоҷааш з-он пас хӯрад.

Иттифоқан, рӯзе ба хоҷа харбузае ба армуғон оварда буданд, вале Луқмон дар миёни ҷамъ ҳозир набуд. Хоҷа ба ғуломе фармуд, ки зуд рафта Луқмонро бихон, то биёяду нахустин луқмаи харбузаро тановул кунад:

Гуфт хоҷа бо ғуломе, к-эй фалон,
Зуд рав, фарзанд, Луқмонро бихон!

Чун Луқмон омаду боадабона пеши хоҷааш нишаст, сиккине (корд) аз миён баровард ва харбузаро кушту нахустин буришро ба Луқмон дод. Луқмон низ он тилими харбузаро аз дасти ӯ бигирфту онро чун шакару ангубин хӯрд. Хоҷа аз хушхӯрии Луқмон ба вачд омада, пораи дигаре буриду ба дасти Луқмон дод. Бад-ин минвол шумори тилимҳои харбуза, ки Луқмон аз дасти хоҷааш меҳӯрд, ба ҳафтдаҳ расид.

Чун аз харбуза як тилими дигар монда буд, хоҷааш гуфт, ки бигзор ин пораро ман хӯрам, то аз шаҳду ширинии ин харбуза огаҳ шавам. Луқмон ончунон харбузаро ширину хуш меҳӯрад, ки аз хӯрдани ӯ иштиҳои ман ба ҷӯш омада об аз даҳонам мерезад:

Чунки Луқмон омаду пешаш нишаст,
Хоҷа пас бигрифт сиккине ба даст.
Чун буриду дод ӯро як бурин,
Ҳамчу шаккар хурдашу чун ангубин.
Аз хушӣ, ки хӯрд, дод ӯро дувум,
То расид он шамсҳо то ҳафдаҳум.
Монд шамсе, гуфт «Инро ман хӯрам,
То чӣ ширин харбузай ин бингарам.
Ӯ чунон хуш меҳӯрад, к-аз завқи ӯ,
Табъҳо шуд муштаҳиву луқмачӯ!».

(Аввалаш дар шумораи гузашта. Давом дорад).

Баргардониши
Файз МАҲМУД.

МАҲРАМИ ТОҶБАРСАРИ ОИЛА

Беҳини занон дар ҷаҳон он бувад,
К-аз ӯ шӯй ҳамвора хандон бувад.
(Фирдавсӣ).

Бузурге фармудааст: «Вақте мо писарро тарбияи дуруст мекунем, пас мо як мардро ба камол мерасонем, вале ҳангоме мо як духтарро бо тарбияи дуруст ва бо ахлоқи накӯ ба воя мерасонем, пас мо ҷомеаро ба роҳи дуруст раҳнамой кардаем». (Абдурраҳим Фирӯзи Ҳиравӣ. «Аниси занони покдоман», Душанбе, 2006).

Оре, ин оварда ҳаётӣ буда, хулосаест аз таҷрибаи зисту зиндагонӣ. Саволе ба миён меояд, ки чаро донишманд тарбияи духтарро нисбат ба писар афзалтар донистааст? Ба фикри мо, духтар дар оянда модар, офаранда ва тарбиятгари асосии фарзандон – ҷомеасозон хоҳад шуд. Ғайр аз ин зан нисбат ба мардниҳоде ҷолиби диққат буда, бо ахлоқ, одоб, шарму ҳаёи худ аз ду чиҳат-ё хуб ё бад, диққати чинси муқобилро ба худ ҷалб мекунад.

Модарон шоистаи ибрат ҳастанд, бо рафтору кирдор, шуғлварзӣ, оиладорӣ, тарбияи фарзанд, муносибат ба атрофиён ё дар коргоҳ ба зиддиятҳо дучор меояд. Бо ин ҳол, дар аксар ҳолат ғолибона ин нобаробариҳоро паси сар мекунад. Ин ҳама бархӯрд ба асабҳои шахси хушбин он қадар таъсири бад намерасонанд, чунки онҳо ҳаррӯза нестанд. Вале нобаробариҳои оилавӣ, бахусус, муносибати вайрони зану шавҳар ҳар дуро рӯҳан ва ҷисман азоб дода, ба зиндагӣ дилхунук месозад. Вақте ки асаб муттасил монда ва хаста мегардад, инсон аз фаъолият барканор, ҷисмаш заиф мешавад ва саломатиаш мекоҳад.

Дар ҷараёни зиндагонӣ бо барҳе афрод дучор меоем, ки худ ба худ гап мезананд, бо овози баланд калимаҳоеро ифода мекунанд ё баҳудаю беҳуда асабӣ мешаванд, ҳатто наметавонанд аз муомилаи бад бо атрофиён худдорӣ намоянд. Чанде аз онҳо ҷоҳил ва ё фаромӯшхотир низ ҳастанд, ки ин ҳолатҳо аз сустӣ ва мондашавии асаб гувоҳӣ медиҳад.

– Замоне ман ҳисобчии хоҷагӣ будам, – бадардидилгӯйӣ оғоз намуд ҳамсӯҳбатамон. – Албатта, медонед, ки ин касби ман ҳам пешаи аҷлӣ аст. Баъзан хеле монда мешудам ва ё аз тарафи роҳбар суханҳои носазо шунида, хеле андӯҳгин мегаштам. Аммо дар он гуна ҳолатҳо бо як сухани хуше, ки аз ҳамкорон мешунидам, ё дар хона бо дидани муомилаи хуби ҳамсарам ба худ меомадам, ранҷиши асабҳо бартараф мешуд. Бахти бад буд ё тақозои сарнавишт, ҳамсарам аз бемории саратон умри казой надида дарғузашт. Аз он ҳодиса хеле афсурда ва озурда шудам...

Набошад ёр чун ёри нахустин,
На ҳар маъшуқ чун маъшуқи пешин.
(Гургонӣ).

Боз оила барпо кардам. Зани дуюм дар оғоз хеле хушмуомила буд. Чун фарзанди нахустинро таваллуд кард, оҳиста-оҳиста муносибати ӯ тағйир ёфт. Ба хотири андак норасоӣ хархаша мекард ва ё ҷангталабона муомила менамуд. «Аввал худамро ҷо кунам, бин, ки туро чиҳо кунам», ҳар рӯз ба ҳам «тую ман» мерафтем. Байт:

На ҳар зан зан бувад, ҳар зода фарзанд,
На ҳар гул мева орад, ҳар найе қанд.
(Низомӣ).

Ин хархашаҳо асорате дар ман гузошт: мудом худ бо худ гап мезанам, фаромӯшхотирӣ азиятам медиҳад, фишори хун тез-тез боло меравад, дастҳоям меларзанд, қалбам ба дард меояд. Боре дар як рӯзнома мақолае ҳонда будам, ки дар он рочеъ ба занони шаддод сухан мерафт ва таъбире баён шуда буд: «Зан – сӯҳони умр». Ҳарчанд ин гуфта ба ҳамаи занон маъмул нест, вале ба ҳамсари ман баҳои муносиб аст. Айнан ин тоифа занон сӯҳони умранд! Аз сӯйи дигар, вайронгарӣ, гапкашонӣ, дурӯягии баъзе ҳасудхӯрон ҳам ба осоиши оилаҳо латма ворид мекунад.

Дар деҳа оилае хеле хубу осуда зиндагӣ дошт. Зану шавҳар ҷуфти муносиб буданд. Рӯзе зан ба аёдати падару модар меравад. Нохудогоҳ, дар роҳ ба садама дучор шуда зарба мехӯрад ва бистарӣ гардида, оқибат вафот мекунад. Сипас, мард бори дуюм оиладор шуд. Зиндагиашон осуда ва бо ҳамдигарфаҳмӣ идома меёфт.

Рӯзе зане ба хонаи онҳо меҳмон шуда, ҳангоми суҳбат ба кадбону мегӯяд, ки шавҳарат зани аввалашро зада маъюб карда буд. Азбас ӯро озор медод, оқибат ҷавонмарг шуд. Бо ту ҳоло муомилаи хуб дорад, вале хушёр бош, ки шавҳарат дарундор аст.

Муқаддаб аз он рӯз зани дуюм ба ҳар гуна муносибат ва муомилаи шавҳар эрод мегирифт ва вазъ то ҷое расид, ки ҷариб ҳар рӯзи Худо бо ҳам ҷангу ҷидол мекарданд...

Дар ҳаёт барои инсон ҷойи зист ё ҷойи кор муносибу мувофиқ наояд, онро иваз намудан боке надорад. Аммо, зан ё марди бадсиришту бадмуомиларо дигар намудан зарарҳои маънавӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба бор меоварад.

Илми тиб собит карда, ки ба дарди асаб маҳз муносибату муомилаи хуш беҳтарин даво аст. Бешубҳа, бонувон дар оила беҳтарин дармонгари дардҳои асаб будааду ҳастанд ва сад афсӯс, ки баъзан падидоварандаи ин дард низ онҳоанд. Бисёр ба мушоҳида мерасад, ки арбобони давлатӣ, олимон, мардони бофаҳму бофаросат ҳамроҳи ҳамсар ба сайру саёҳат, сафарҳои расмиву ҷамъомадҳо мераванд. Чаро ки зан метавонад дар ҳар лаҳза кайфияти шавҳари худро бардорад ва ба ӯ фарах бахшад. «Ҳар куҷо марди бузургест, ӯ гирифтори зан аст».

Бисёр оилаҳои имрӯза бар пояи муносибатҳои хуби занушавҳарӣ зиндагии борифоҳу фаровон ба роҳ мондааанд. Дарк кардааанд, ки бе ёри содиқ на умр лаззат дораду на зиндагӣ роҳат. Ҳама вақт зани хуб ҳамчун маҳрами вафодор шавҳарашро дар оила тоҷбасар мегардонад. Байт:

Зане, ки бевафо шуд, хор гардад,
Ба хоки пойи шавҳар зор гардад.
(Ёдгорӣ).

Абдуназари НАБӢ,
ноҳияи Нуратои
вилояти Навой.

ҶИНОЯТ ВА ҶАЗО

МОДАР МЕХОСТ ҶИГАРБАНДАШРО БИФУРӮШАД

Зан фиребгарӣ кард. Зан ба ҳотилӣ даст зад. Зан вақте хиёнат мекард, ба даст афтод. Зан ҷигарбанди худро мехост бифурӯшад...

Зан — модар. Вай меҳрбон аст, вақте борон меборад, чатри болои сари мост, дар сармои сахт зан тафти гармо бошад, фидокоре беназир аст ӯ. Пас чаро дар ҳаққи вай ин бор суханоне мегӯем, ки дар рӯйи бел намеистанд. Ба номи ӯ лаккаи сиёҳ мезанем... Аз он ки ҳаракатҳои ношоиста содир намудааст, имкони дар ҳаққи ӯ суханони нек гуфтан намондааст.

С. Ҳусанова (ному насабаш тағйир дода шуд), ки дар вилояти Қашқадарё ба воя расидааст, бо орзуҳои ширин ба шавҳар баромада буд. Вале рӯзгори ширини заношӯй дер напоид, ба сабаби низоъҳо шавҳараш ӯро аз хона ронд. Вақте дари хонаи падар низ ба рӯйи вай баста шуд, ба мақсади парвариши кӯдак, ба кӯчаи мардикорӣ даромад. Дар яке аз рӯзҳои саргардонӣ ӯ бо сокини ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё Т. Э. ошной пайдо карду ба пешниҳоди мард, ки мегуфт издивоҷ кунем, розӣ шуд. Ба ӯ бовар карда, ба ноҳияи Деҳнав рафт. Таассуф, бинои навбатии оиладорӣ низ аз ҳам фурӯ рехт. Вай бо писари дусолааш — Ихтиёр боз дар кӯча монд. Ҳангоми анҷом додани кори касон такрор пешниҳод намуданд, ки ба шавҳар барояд. Аммо ин пешниҳодҳои навбатӣ ғаразнок буданд.

Дар байнамон ҳаннотону фиребгарон, разилон ва аз вазъияти сӯиистифодабарандагон ёфт мешаванд. С. Ҳусанова дар ҳаёт бо одамони хуб низ рӯ ба рӯ шуд, аз кӯмаки моддиашон бахраманд гардид. Аммо бештари вақт як паллаи тарозу боло меомад. Зане, ки бехобӣ, гуруснагӣ ва оҷизӣ ӯро ранҷ медод, дарк мекард, ки саломатиаш рӯз аз рӯз табоҳ мегардад. Дарундарун ғам меҳӯрд, ки аз ӯҳдаи модарӣ кардан ба фарзанд намебарояд.

Ба тақдири модаре, ки бо фарзандаш дар кӯча мондааст, кӣ таваччӯҳ зоҳир намуд? Раис ва мушовири ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи «Тағойтемир»-и ноҳияи Деҳқонобод, ки С. Ҳусанова он ҷо дар қайди доимӣ аст, боре напурсид, ки зан дар кучост. Доир ба додани истиқоматгоҳҳое, ки давлатамон ба модарони яккаву танҳо пешбинӣ намудааст, чораандешӣ накард.

С. Ҳусановаи бесарпаноҳмонда чиноятї басе вазнин — фурӯхтани фарзанди ба воя нарасидаашро содир намуд. Хӯш, ба чӣ сабаб ин чиноятї басе гарон содир карда шуд?

С. Ҳусанова ба сабаби он ки ҷойи зист ва шуғли доимӣ надошт, барои фурӯхтани фарзандаш ба шиносаш А. Ш. мурочиат менамояд. Вай бошад, дар ин хусус ба масъулони ШКД хабар медиҳад. Бино ба аризаи ӯ чораи фаврӣ андешида шуд. Зан дар маркази тиҷоратии «INDENIM», воқеъ дар маҳаллаи Баҳористони ноҳияи Деҳнав, бино ба ваъда, писарашро ба ивази ҳашт миллион сӯм мехост бифурӯшад. Вале вай ҳангоми аз «мизоҷ» гирифтани 5 миллион сӯм аз ҷониби ходимони ИМАТЭ (Идораи муборизаи алайҳи терроризму экстремизм)-и РҚД вилоят дастгир карда шуд.

Кори ҷиноии С. Ҳусанова таҳти раёсати судяи суди ноҳияи Олтинсой И. Абраев ҳаллу фасл гардид.

Бино ба моддаи 298-уми Кодекси чиноӣ-протсессуалии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар ҷараёни дида баромадани сабабҳои чиноят, баъди дақиқ муайян гардидани шарту шароите, ки ба содир кардани он замина фароҳам овардааст, суд ҳукм баровард. Дар он талаб карда шудааст, ки мақомоти худидораи шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамоатӣ бояд аз ҷамоаҳо ва шахсони мансабдор талаб намоянд, ки баҳри бартараф кардани чунин ҳолатҳо чораҳо андешанд. Аз ин рӯ, суд ба мақсади пешгирии ин гуна қонуншиканиҳо қарори хусусӣ бароварда, лозим донист, ки барои муҳокима ва муайян намудани чорабиниҳои дахлдор ба идораи Вазорати дастгирии маҳалла ва оила дар вилояти Қашқадарё интиқол диҳад.

Аз рӯйи кори ҷиноии мазкур ба сабаби он ки бемасъулиятӣ зоҳир намудааанд, зане чиноятї басе вазнин содир намудааст, нисбати ходимони масъули бахши дастгирии маҳалла ва оилаи ноҳияи Деҳқонобод қарори хусусии суд бароварда шуд. Ҳамчунин, нисбати ходимони масъули ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаҳои «ҚИзилчар», «Дунётеппа», «Сӯфӣ Оллоёр» ва «Лолазор»-и ноҳияи Деҳнав, ки дар он ҷойҳо зан мудате умр ба сар бурдааст, қарори хусусӣ бароварда шуд.

Ҳайати суд бо назардошти вайрон шудани хулқу атвори зан то содир намудани чиноят ва ба сифати шахс тарафи зиёд шудани дарачаи хавфи иҷтимоии ӯ, натиҷа гирифт, ки ахлоқи судшавандаро дар ҳолати дар байни ҷамъият будани ӯ ислоҳ наметавон кард. Бино ба ҳукми суд, С. Ҳусанова бо банди «а»-и қисми 3-юми моддаи 135-уми КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон гунаҳкор дониста шуда, бино ба моддаи 57-уми КҶ ба муддати 4 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд.

Зани бемаълумоте, ки касбу коре надошт, худро сафед кардан натавонист. Тасаввур кунед, ки фарзанд бо вай монд, вале тарбияи ӯ чӣ мешавад? Сабабҳои зиёде касро ба кӯчаи чиноят медороранд. Хусусан, бефарқ будан нисбати ҳодисаҳое, ки дар гирду атрофи мо рӯй медиҳанд, сароғози иллатҳост.

Худатон натиҷа гиред.

Барно МЕЛИҚУЛОВА,
хабарнигори ӮзА.

Ҷаҳони зан

ҲАРЧАНД «ҲАР КӢ БЕ ЁР БУВАД, ПАЙВАСТА БЕМОР БУВАД»...

Вақте солҳои мактабиро ба хотир меорам, дугонаам Тӯтинисо ба ёдам меояд ва хотираҳои фараҳбахши бачагӣ диламро чун чароғ равшан мекунанд.

Тӯтинисо дар роҳҳои беғубори наврасӣ, дар ҳамаи фаслҳои сол ҳамроз, ҳамроҳ ва дугонаи меҳрубонам буд. Ӯро дар мактаб Зулайхо меномидем.

Тӯтинисо аълохон, камгап ва хулқи зебо дошт, аҳли синф ӯро ҳурмат мекард. Ҳавлии Тӯтинисоино дар он тарафи сой буд. Ду сатилро гирифта рӯзе се-чор маротиба барои оби чашма ба боғи боло мерафтам ва дугонаам низ ба лаби чашма мефуромад. Суҳбати мо дуру дароз буд, аз мактаб, муаллимон, ҳамсинфон, аз китобҳои хондаамон ҳарф мезадем. Ҳикоя ва повестҳои мачаллаҳои «Садои Шарқ», «Занони Тоҷикистон», «Маориф ва маданият»-ро муҳокима мекардем. Ҳар як шумораи онҳоро бесаброна мунтазир мешудем.

Саргарми суҳбат гузаштани вақтро намедонистем. Аз он тарафи сой овози модари ман, аз тарафи дигар овози модари дугонаам баланд мешуд: «Ҳой духтарҳо, гапҳои шумоён охир дорад ё не? Аз ташнагӣ гулӯямон қоқ шуд-ку!» Мо, ҷонсарак сатилҳоро гирифта ба хонаҳоямон мешитофтем.

Падари дугонаам муаллими Холмурод ба иллати бемории меъда дар синни 37 ин дунёро тарк кард, он вақт мо дар синфи 4-ум мехондем. Модараш апаи Тӯхтагул хеле ҷавон, дар 34 солагӣ бева монд. Кӯдаки дар батнашбуда аз навозишҳои падар бенасиб гардид. Баъди таваллуд ба ӯ номи падарашро гузоштанд. Тарбияи ҳафт нафар кӯдак, парастории падаршӯю модаршӯйи пир ба зиммаи апаи Тӯхтагул афтид. Аз субҳи содиқ то фарорасии шом миёнашро маҳкам баста ба шустушӯ, пухтупаз, чорводорию боғпарварӣ машғул мешуд.

Дар ёд дорам, вақте ба назди дугонаам мегузаштам, медидам, ки апаи Тӯхтагул аз ҷунбуҷӯли рӯзгор ҳеч монда намешуд. Ӯ ҳатто ба китобхонӣ вақт меёфт, ба мо афсонаю ривоятҳо мегуфт. Он рӯзгор дар деҳаи мо арӯсро савори асп ба хонаи шавҳар мебурдааанд. Дар пеш таго ва дар ақиб арӯс менишастанд. Ҳофизону раққосон аз дунболи асп доиразанону сурудхонон мерафтанд. Апаи Тӯхтагул лаҳзаи аз сой савори асп гузаштани худро чунин нақл карда буд: «Куртаи сафеди арӯсӣ ба тан, дар сар рӯймоли калон, чашмбанд, аз болои он яктаҳи дарозро мепартофтанд. Берун аз чашмбанд хира менамуд. То хонаи шавҳар гиряқунон мерафтам. Тагоям «бас, ин қадар гиря барои чӣ!» гуфта ба ман овоз баланд мекард. Вақте аз сойи пуроб мегузаштем, миёни тагоямро дошта, оҳиста шӯхиомез гуфтам: «Таго, ҳозир шуморо ба об тела медиҳам!» Тагоям, ки марди батамкин ва ниҳоят сода буд, ба ин гапи ман бовар кард ва «Э, э... духтари беақл, ин хел накун, ки шарманда мешавем... » гуфту аз зини асп боз ҳам сахттар дошт...»

Апаи Тӯхтагул хеле ҷавон бева монда бошад ҳам, ба шавҳари марҳумаш содиқ монд. Чун дар урфият «ҳар кӣ бе ёр бувад, пайваста бемор бувад» мегӯянд, ранҷу алам, дарди ҷудоиро аз меҳнат мегирифт.

Солҳо гузаштанд, духтарони қадрас шудем. Бо мактаби азиз, дамҳои беғубор ва фаромӯшнашаванда хайрбод гуфтем. Ман барои таҳсил ба шаҳр рафтам, дугонаам дар деҳа монд. Дертар бо ҷавони дӯстдошташ издивоҷ кард. Соҳиби рӯзгор, писару духтар гардид.

Ҳар боре, ки ба деҳа меравам, ӯ албатта ба дидани ман мешитобад. Ба қарибӣ ба зодгоҳ рафтам ва дугонаамро низ ҳолпурсӣ кардам. Ӯ акнун момои Тӯтинисо буд, мӯйҳои мошу биринҷаш, рухсораи ожангдораш аз меҳнати сангини деҳа ва ғаму ташвиши фарзандон дарак медод.

– Дугонаҷон, охир ба синни 60 қадам гузоштем. Умри одам мисли бод мегузаштааст. Аз ҳамсинфон Фарида, Камол, Холида, Аслимурод, Ҳақназар барвақт ҳаётро тарк карданд (охираташон обод бод!). Ҳавлии бобой, падару модар, хоҳару додар, айёми бачагиро зуд-зуд ба ёд меораму дилам гум мезанад...

Шукри Офаридгор, рӯзгори осуда ва фаровон дорам. Танҳо Шукуфаи ногиро, ки дар синни 26 ҷавонмарг шуд, дили маро захмдор кард. 26 соли умрамро ба парастории ӯ бахшидам. Агар ӯ солим мебуд, қатори ҳамсолонаш соҳиби оила, шавҳар ва фарзандон мешуд, – оҳи бадард кашид дугонаам. – Ба ҳукуматамон раҳмат, дар парастории духтарам ба ман кӯмак расонд, бо нафақа ва аробаи ногирой таъмин намуд.

Шавҳари Тӯтинисо Тағоймурод Орзуев дастпарвари Донишгоҳи давлатии кишоварзии Тоҷикистон мебошад. Солҳои тӯлонӣ раиси ҷамоати шаҳрвандони деҳаи Эҷро ба ӯҳда дошт. Дар ихчаму батартиб гузарондани тӯю маъракаҳои деҳа ва деҳаҳои ҳамсоя саҳми калон дорад. Ҳоло нафақахӯр асту ба боғдорию чорвопарварӣ машғул аст.

Дарвоқеъ, дугонаам ҳоло ҳам адабиётдӯсту китобхон аст. Фарзандону наберахояш – Суман, Шукуфа, Фархунда, Фареҳа, Васила, Хушрӯз, Хушнуд ... мояи фахраш ҳастанд.

Хушдомане, ки фарҳангдӯсту китобхон аст, дар оила ба арӯсон, фарзандон, наберахо ва ҳамсояву ҳамдеҳагон, албатта, ибрат мегардад.

– Ба баъзе хушдоману арӯсон ҳайронам, дар як оила зиндагӣ карда, якдигарро намефаҳманд. Хушдоман аз арӯс, арӯс аз хушдоман норизо шуда, сирри оиларо ба кӯча мебароранд ва худро бадном мекунанд. Мо, калонсолон, ҷавононро бояд ба сабру таҳаммул, ростгӯию росткорӣ, муносибати хуб, муқаддас донистани оила ҳидоят намоем, – мегӯяд Тӯтинисо.

Ҳар дафъае, ки дугонаҳои мактабиамро ба хотир меорам, ба олами бачагии хушбахт бармегардам, аз ҳавои тозаву беғубори зодгоҳ нафас мекашам...

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОЙ.

Фолнома дар бораи хоб ва хоббинӣ

Агар зани ҳомила марворид хоб бубинад, духтар таваллуд кунад.

***

Агар зани ҳомила шамшер хоб бубинад, писар хоҳад зоид.

***

Агар зани ҳомила лухтак, қайчӣ, муҳра ва ё сӯзану ресмон хоб бубинад, духтар таваллуд кунад.

***

Агар зани ҳомила корд, камон ва ё туфанг хоб бубинад, писар мезояд.

Таҳияи ПАРВИН.



Аз муҳаббат хорҳо гул мешавад,
В-аз муҳаббат сиркаҳо мул мешавад.
Аз муҳаббат мурда зинда мешавад,
В-аз муҳаббат шоҳ банда мешавад...
(Ҷалолуддин Балхии Румӣ)

Сурат-лавҳаи ***Т. ХОВАРӢ.***

АНДЕШАҲО

ОИНҲОИ ОИЛАДОРӢ

Дар мамлакатамон бо ташаббуси сарвари давлат Шавкат Мирзиёев барои мустаҳкамсозии оила, ки асоси ҷамъият аст, чораҳои мушаххас андешида мешавад. Мақсад барқарор инкишоф ёфтани оила, аз ҷумла оилаҳои ҷавон аст.

Бо хонаву ҷой, кредити имтиёзнок, соҳибкорӣ таъмин кардани оилаҳои ҷавон дар мадди аввали сиёсати давлат мебошад. Дар ин ҷода ҳатто вазорати алоҳида таъсис гардидааст, ки бо муаммоҳои оила машғул мешавад.

Аз қадимулайём маълум аст, ки бисёр муаммоҳои ҳаёт пеш аз ҳама дар оила муҳокима мегардад. Дар ғузашта вайроншавии оила шармандагӣ, беорӣ ҳисоб мешуд. Ду-се оилаи бародарон дар як ҳавлӣ тифоқ мезистанд. Муаммоҳои оиларо куҳансолони тачрибанок ҳаллу фасл мекарданд.

Дар мамлакатамон соле ҳазорҳо оила вайрон мешавад.

Вақте ки дар идораҳои маҳалла муҳокимаи муносибати оила меравад, аксарияти калонсолон, фаъолони маҳалла ба ҳар баҳона дар иштирок кардан ҳуддорӣ мекунанд. Охир, ба ҷавонон дарси оиладориро куҳансолон наомӯзанд, кӣ меомӯзад?

Ҷавононро ба оиладорӣ пеш аз ҳама падару модар бояд тайёр созанд. Муқаддас будани оиларо бо роҳи қонун ва ҳам шариат фаҳмондан лозим аст. Аз сухани «талоқ» ҳуддорӣ намоянд ва чӣ қадар зарарнок будани ин маъниро фаҳмонанд.

Зану шавҳар бояд ба якдигар бо номҳои рамзӣ мурочиат намоянд. Номи занро, ё ки шавҳарро ба забон гирифта мурочиат кардан нишони беҳурматист. Аз тарафи дигар, зан бояд оилапарвар, роҳбалад ва ҳамеша барои пешравӣ даъват намояд. Шавҳар бошад, ба завҷааш меҳрубон, ёрирасони рӯзгор бошад.

Назирҷон ЭРГАШЕВ,
ноҳияи Чусти вилояти
Намангон.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми наср: бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-935 Адади нашр 713 ҳаҷм 4 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.20

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.